Сарсухан

Ҳамкорони азиз,

Таъмини риояи қонунгузории андоз ва пурраю сари вақт ворид намудани андозҳо ба буҷет мутобиқ ба талаботи қисми 1 моддаи 83 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи асосии мақомоти андоз мебошад.

Бо мақсади дуруст татбиқ намудани қонунгузории андоз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дастурамалҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, пайваста мактубҳои дастурӣ омода намуда, барои коргузорӣ ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол менамояд.

Баррасии натиҷаҳои санҷишҳои маҷмӯии мақомоти ҳудудии андоз ва фаъолияти гурӯҳҳои корӣ дар мақомоти ҳудудии андоз шаҳодати онро медиҳад, ки мактубҳои дастурӣ ва фармоишҳои Кумитаи андоз на дар ҳама ҳолатҳо дастрасии кормандони мақомоти ҳудудии андоз мегардад ва то андозае боиси иҷро нагардидани уҳдадориҳои дар назди кормандони мақомоти андоз гузошта шуда гардадидааст.

Дар Дастури мазкур мухтасаран мактубҳо ва фармоишҳое, ки дар фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз ҳамарӯза зарур мебошанд, ҷамъ оварда шудаанд.

Ҳамзамон, ба маълумотатон мерасонем, ки дар сомонаи (сайти) Кумитаи андоз (www.andoz.tj) дар қисмати **“Қонунгузорӣ”** қонунгузориҳои андоз ва дастурамалҳо, дар қисмати **“Сарчашмаи ахборотҳо”тамоми мактубҳои дастурӣ ва фармоишҳо** ҷойгир карда шуда, бо назардошти муроҷиатҳои андозсупорандагон дар қисмати **“Саволу ҷавоб”,** ҷавобҳо ба саволҳои мунтазам дархостшаванда ҷойгир карда шудааст.

Хоҳишмандем дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ дар баробари Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсанадҳои меъёрию ҳуқуқии мутобиқ ба он қабул шуда, аз Дастури мазкур истифода намоед. Бо назардошти он, ки қисман мактубҳои дастурӣ то мавриди амал қарор гирифтани Кодекси андоз ва дастурамалҳои мутобиқ ба он қабул гардида таҳия шудаанд, дар сурати ба миён омадани зарурият барои такмили дастурамалҳо ва мактубҳои дастурӣ таклифҳои худро пешниҳод намоед.

Вобаста ба масъалаҳои андозбандӣ мустақиман аз хизматрасонии бахши иттилоотии (“Call-center” тел: 151) Кумитаи андоз истифода карда метавонед.

# МУНДАРИЧА


| | Санаи судур | Саҳи-фа |
|---|---|---|
| **Оид ба Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (СЯДХ)** | | |
| *«Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон»* | №336 аз 27.11.2012 | 5 |
| *«Оид ба тасдиқи Талаботи асосии ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон»* | №348 аз 30.11.2012 | 19 |
| *«Оид ба қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз дар мақомоти ҳудудии андоз»* | №9 аз 10.01.2013 | 32 |
| *"Оид ба татбиқи СЯДХ ба андозсупорандагон"* | №1671/7.1. аз 01.03.2013 | 37 |
| **Оид ба гузариш аз як низом ба низоми дигари андозбандӣ** | | |
| *«Доир ба гузариш аз як низоми андозбандӣ ба дигарнизоми андозбандӣ»* | №6262/7.1. аз 12.11.2012 | 39 |
| «*Доир ба ҳолатҳои гузариш аз тартиби андозбандии патентӣ ба дигар тартиби андозбандӣ»* | №6311/7.1 аз 14.11.2012 | 43 |
| *«Доир ба низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ»* | №7482/13.2 «т» аз 12.12.2012 | 47 |
| *"Доир ба татбиқи дурусти тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451"* | №7067/7.1-д аз 15.08.2013 | 50 |
| «*Доир ба фаъолиятҳои дузандагӣ ва сартарошӣ»* | №8203/7.1-"д" аз 26.09.2013 | 54 |
| **Оид ба андоз аз арзиши иловашуда** | | |
| «*Оид ба андоз аз арзиши иловашуда»* | №7113/9.1-д аз 16.08.2013 | 55 |
| *«Доир ба татбиқи дурусти меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда»* | №4404/13.2 –д аз 27.05.2013 | 60 |
| **Оид ба корҳои назоратӣ** | | |
| *«Оид ба санҷишҳои амалиётӣ»* | №166/12.1 аз 10.01.2013 | 64 |
| *«Оид ба мораторий дар соҳаи истеҳсолӣ»* | №2589/9.1-д аз 02.04.2013 | 68 |
| *«Оиди ҳадди миёнаи гаронии андоз»* | №324 «4» аз 17.09.2013 | 70 |
| *"Оид ба буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронидани маблағи ҷаримаҳо"* | №7983/11.1 аз 18.09.2013 | 74 |
| **Оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ** | | |
| *«Оид ба ҷаримаҳои маъмурӣ»* | №467/11.1 аз 28.01.2013 | 75 |

| | | |
|---|---|---|
| *«Оид ба ҷаримаҳои маъмурӣ»* | № 622.11.1<br>аз 01.02.2013 | 85 |
| *«Оид ба дар таҳрири нав мавриди истифода қарор доданиварақаҳои протокол ва қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ,ҳамчун варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ»* | №347<br>аз 04.10.2013 | 87 |
| **Дигар дастурҳо** | | |
| *«Дар бораи ба низом даровардани фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз аз рӯи принсипи функсионалии маъмурикунонии андоз»* | №2172/7.1<br>аз 19.03.2013 | 98 |
| *"Доир ба андоз аз фоида"* | №1802/13.1-д<br>аз 07.03.2013 | 110 |
| *«Оид ба тартиби баҳисобгирӣ, доданирақами мушаххаси андозсупоранда вамуқаррар намудани рамзҳои сабабҳоиба ҳисоб гузоштан»* | №7244/5.1<br>аз 21.08. 2013 | 112 |
| *«Оид ба тартиби қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ»* | № 6016/15.1<br>аз 17.11.2011 | 116 |
| *«Оид ба тартиб додани санади муқоисавӣ»* | №4683/3.2<br>аз 07.08.2012 | 118 |
| *«Дар бораи ташкили Маҳзани маълумотҳо оид ба бозорҳо ва марказҳои калони тиҷоратӣ»* | №162<br>аз 06.05.2013 | 119 |
| *«Дар бораи ташкили Махзани маълумотҳо оид ба нуқтаҳои фуруши сузишворӣ»* | №328<br>аз 19.09.2013 | 121 |
| *"Оид ба иҷораи молу мулк"* | №4282/7.1<br>аз 23.05.2013 | 123 |

**РАИСИ**
**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

27.11.2012 №336 ш.Душанбе

**«Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон»**

Бо мақсади дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, фармоиш медиҳем:

1. Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Муқаррар карда шавад, ки риояи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҳангоми муносибат бо андозсупорандагон аз ҷониби ҳамаи воҳидҳои сохтории мақомоти андоз ҳатмӣ мебошад.
3. Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати такмили стандартҳои муқарраргардида, алалхусус ҳангоми тағйир ёфтани қонунгузории андоз ба Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон таклифҳо пешниҳод намоянд.
4. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, НАК, НАМ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас намояд.
5. Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар нашрияи расмии Кумитаи андоз - ҳафтономаи «Боҷу хироҷ» ба табъ расонида шавад.
6. Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо фармоиши мазкурро дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир намояд.
7. Фармоиши мазкур аз 1- уми январи соли 2013 мавриди амал қарор дода мешавад.
8. Фармоиши Кумитаи андоз аз 12. 05.2010 № 107 «Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон» аз эътибор соқит дониста шавад.
9. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раиси Кумитаи андоз Юсупов П.С. вогузор карда шавад.

Раис Н.Давлатов

*Замима*
*ба фармоиши*
*Кумитаи андози назди*
*Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*№ 336 аз 27.11.2012*

# Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон

бо мақсади баланд бардоштани тафаккури андозсупорандагон дар муносибатҳои андозӣ ва дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон қабул гардидааст.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1.Санади мазкур Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро муайян менамояд (минбаъд СЯДХА).
1.2.Иҷрои СЯДХА барои ҳамаи воҳидҳои сохтории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад.

## 2. Сохтор ва таркиби СЯДХА

СЯДХА номгӯи хизматрасонӣ ва тартиби ба андозсупорандагонпешниҳод намуданихизматрасониҳоро дарбар мегирад.

Дар СЯДХА хизматрасониҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар **Шакли ҷадвал**(Замимаи 1 ба фармоиши)муқаррар гардидааст.

Ҳар як хизматрасониҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар СЯДХА дохил карда шудааст, як сатрро дарбар гирифта, сохтораш чунин мебошад:

-рамзи хизматрасонӣ;
-номгӯи хизматрасонӣ;
-муҳлатииҷрои хизматрасонӣ;
-тартиби пешниҳод намудани хизматрасонӣ ба андозсупоранда;
-санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизматрасониро ба танзимдароранда;
-арзиши хизматрасонӣ.

## 3.Мундариҷаи хизматрасониҳои СЯДХА

3.1. Ҳамаи хизматрасониҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар СЯДХА дохил карда шудаанд ба намудҳои зерин гуруҳбандӣ карда мешаванд:

1) Баҳисобгирии андозсупорандагон - (01.00.00.);
2) Бақайдгирӣ ва баҳисобгирии андозсупоранда аз тарафи бахшҳои бақайдгирии мақомоти андоз – (02.00.00.);
3) Андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) - (03.00.00.);
4) Бақайдгирии объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбанди алоқаманд (04.00.00.);
5) Бақайдгирӣ ва аз қайд баровардани Мошинаҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ - (05.00.00.);

6) Қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз -(06.00.00.);
7) Қабули эъломияҳои электронии (ҳисоботҳои) андоз -(07.00.00.);
8) Додани маълумотнома дар бораи мавҷуд набудани қарзҳои андоз, санади муқоисавӣ - (08.00.00.);
9) Додани маълумотнома дар бораи маблағҳои даромадҳои гирифташуда аз сарчашмаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андозҳои нигоҳдошташуда- (09.00.00.);
10) Додани хулоса оид ба баргардонидани маблағи барзиёд пардохтшудаи андозҳо, фоизҳо ва дигар пардохтҳои ҳатми ба буҷет - (10.00.00.);
11)Додани тасдиқномаҳангоми содироти нахи пахтава алюминийи аввалия - (11.00.00.);
12) Бақайдгирии объектҳои бизнеси бозӣ - (12.00.00.);
13) Қайди гузариш аз як низоми андозбандӣ ба дигар низоми андозбандӣ- (13.00.00);
14) Пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ, тавзеҳотӣ ва ташкили курсҳои бозомӯзӣ - (14.00.00.).

3.2. Дар ҳолатҳои зарурӣ бо пешниҳодҳои асосноки Раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумита, мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупоранда тибқи Тартиби муқарраргардида, рӯйхати намудҳои СЯДХА мумкин аст тағйир дода шавад.

## 4. Принсипҳои корӣ

4.1. Принсипҳои корӣ мутобиқиСЯДХА дар мақомоти андоз инҳо мебошанд:

1) пешниҳод намудани маълумотҳои пурра оид ба чараёни хизматрасонӣ ба андозсупорандагон;

2) риояи ҳуқуқҳои андозсупорандагон ҳангомихизматрасонӣ;

3)хушмуомилагӣ ва риояи одоби хазматчии давлатӣ;

5) нигоҳдорӣ, ҳимоя ва таъмини сири маълумот, ки андозсупорандагон пешниҳод намудаанд.

## 5. Натиҷаҳои корӣ

5.1. Баҳогузории натиҷаҳои хизматрасонии давлатӣ ба андозсупорандагон ва дастрасии онҳо ба хизматрасониҳо бо мониторинги нишондиҳандаҳои сифатӣ муайян карда мешавад.

5.2. Нишондиҳандаҳои сифатӣ ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ, ки бо воситаи онҳо фаъолияти мақомоти андоз баҳогузорӣ карда мешавад, ҳар сол як маротиба баҳогузорӣ гардида, дар ҳафтаномаи «Боҷу хироҷ» нашр мегардад ва дар сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад.

## 6. Тартиби шикоят намудан

6.1. Шикоят нисбати амали (бе амалии) кормандони масъули мақомоти андоз, ки ба андозсупорандагон хизмат мерасонанд, бо таври интихобӣ мумкин аст бо роҳҳои зерин амалӣ гардад:

1) мурочиатҳо ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,ки дар суроғаи ш. Душанбе, х. Н.Қарабоев 42 ҷойгир аст;

2) муроҷиатҳо ба сардорони мақомоти андози ҷойи баҳисобгирӣ, ё ин ки ба Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе;

3) пур кардани варақаҳои (бланкаҳои) махсуси пурсиши ақидаи андозсупорандагон оид ба сифати хизматрасонӣ.

Варақаҳои пур карда шуда ба сандуқи махсуси арзу шикоятҳо, ки дар Кумитаи андоз ва Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои ВМКБ, Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе мавҷуд аст, ҷамъ оварда мешаванд;

4) тавассути сандуқи арзу шикоятҳои Бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар ҷойи бақайдгирӣ;

5) муроҷиатҳо ба телефони «боварӣ»-и Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз:

«151» - бахши иттилоотӣ (Callcenter) 233-06-86;

6) муроҷиатҳо бо почтаи электронии Кумитаи андоз info@andoz.tj

6.2. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи қабули арзу шикоят ба амали (бе амалии) корманди масъули мақомоти андоз дар мавриди шахсан ташриф овардани андозсупоранда ба шуъбаҳои умумӣ нусхаи дувуми шикоятнома, ки дар он ному насаби қабулкунанда, имзо, санаи қабул ва муҳр гузошта мешавад эътироф мегардад.

Дар мавриди таввасути почта (аз ҷумла электорнӣ) қабулнамудани арзу шикоят, санаи қабул гузоштани мухри воридоти шуъбаҳои умумии мақомоти андоз мебошад.

6.3. Арзу шикоят ба амали (бе амалии) кормандони масъули мақомоти андоз боназардошти қонунгузории амалкунанда дар муҳлатҳои муқарраргардида баррасӣ гардида, аз натиҷааш ба муроҷиаткунанда маълумоти хаттӣ ирсол карда мешавад.

## 7. Ахбороти тамосӣ

7.1. Дар сомонаи Кумиатаи андоз (www.andoz.tj)андозсупоранда метавонад:

1) аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаронидани чорабиниҳои Кумитаи андоз, суроғаҳои мақомоти андози ҷумҳурӣ ахборот гирад;

2) аз санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, дастурамалҳо ва мактубҳои тавзеҳотӣ оид ба масъалаҳои андозбандӣ истифода намояд;

3) аз хизматрасониҳои «утоқи шахсии андозсупоранда» тавассути сомона истифода намояд;

4) дар форуми муҳокимаҳои масъалаҳои гуногуни андозбандӣ оид ба сатҳи хизматрасонии мақомоти андоз ширкат варзад.

5) аз телефонҳои «боварӣ»-и Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз истифода намояд.

*Замимаи №1*
*ба Фармоиши Кумитаи андози*
*назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз 27 ноябри 2012 № 336*

# СТАНДАРТҲОИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ ХИЗМАТРАСОНӢ БА АНДОЗСУПОРАНДАГОН (СЯДХА)

| **Рамзи хизмат-расонӣ** | **Номгӯи хизматрасонӣ** | **Муҳлати иҷрои хизматрасониҳо** | **Лаҳзаи анҷоми хизматрасонӣ ба андозсупоранда** | **Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ** | **Арзиши хизмат-расонӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| **01.00.00** | **Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ«Оиди баҳисобгирии андозсупорандагони ҶумҳурииТоҷикистон, хизматрасонии гузоштан дар баҳисобгирии бақайдгирӣ»** | | | | |
| 01.01.01 | Баҳисобгирии шахсони воқеӣ дар мақомоти андоз ва гузоштани қайди махсус дар шиносномаи (паспорт) шаҳр-вандони Ҷумҳурии Тоҷикистон | На зиёда аз 3 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷат-ҳои зарури барои баҳисобгирии андозсупоранда | Додани Шаҳодатнома оиди РМА | Тибқи моддаҳои 25 ва 26 КА | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 01.01.02. | Баҳисобгирии ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ | На зиёда аз 3 рӯзи корӣ баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани Шаҳодатнома оиди РМА | Тибқи моддаҳои 25 ва 26 Кодекси андоз | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 01.01.03. | Аз баҳисобгирии баровардани ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ | Дар муҳлати 10 –рӯзи корӣ, пас аз тартиб додани санади санҷишӣ хотимавӣ | Додани нусхаи санади санҷишӣ ва қарор аз натиҷаи санҷиш, баргардо-нидани РМА | Тибқи моддаҳои 25 ва 26 Кодекси андоз | Ройгон анҷом дода мешавад |
| **02.00.00** | **2.Хизматрасонӣ доир ба «Бақайдгирии давлатии андозсупоранда аз тарафи бахшҳои бақайдгирии мақомоти андоз»** | | | | |
| 02.02.01. | Қабули ҳуҷҷатҳо барои бақайд-гирии давлатӣ дар бахшҳои бақайдгирии мақомоти андоз | Баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои муқарраргардида то 20 дақиқа | Забонхат дар бораи қабули ҳуҷҷатҳо | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19.05.2009, №508 | Ройгон анҷом дода мешавад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 02.02.02. | Бақайдгирии давлатии соҳиб-кори инфиродӣ дар мақомоти андоз ва ворид намудани маълумот ба ФЯДШХ ва СИ | На зиёда аз 3 рӯзи корӣ аз вақти пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо ба мақомоти бақайдгиранда | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Шаҳодатнома ё Патент (РЯМ) | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» 19.05.2009, №508 | Боҷи давлати2 – нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ша-ҳодатнома ва 1 нишондиҳанда барои патент |
| 02.02.03. | Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар мақомоти андоз ва ворид намудани маълумот ба ФЯДШХ ваСИ | Дар муддати 3рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод гардидани ариза | Додани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Иқтибос аз ФЯДШҲ ва СИ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» 19.05.2009, №508 | 50 фоизи боҷи давлатӣ барои бақайд. |
| 02.02.04. | Бақайдгирии давлатӣ шахсони ҳуқуқӣ дар мақомоти андоз ва ворид намудани маълумот ба ФЯДШХ ваСИ | То 5 рӯзи корӣ аз вақти пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои лозима | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Шаҳодатнома (РЯМ) | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» 19.05.2009, №508 | Боҷи давлати 25 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои фаъолияти тиҷоратӣ ва 7 ни-шондиҳанда барои ҳисобҳо барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ |
| 02.02.05. | Бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар мақомоти андоз ва ворид намудани маълумот ба ФЯДШХ ваСИ | То 5 рӯзи корӣ аз вақти пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо ба мақомоти бақайдгиранда | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Иқтибос аз ФЯДШҲ ва СИ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» 19.05.2009, №508 | 50 фоизи боҷи давлатӣ барои бақайд. |
| 02.02.06. | Бақайдгирии филиал ва намоян-дагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар мақомоти андоз ва ворид намудани маълумот ба ФЯДШХ ваСИ | На зиёда аз 5 рӯзи корӣ аз вақти пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои лозима | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Шаҳодатнома (РЯМ) | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» 19.05.2009, №508 | Боҷи давлати 2-нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
| 02.02.07. | Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва ворид намудани маълумот ба ФЯДШХ ваСИ | То 5 рӯзи корӣ аз вақти пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо ба мақомоти бақайдгиранда | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Иқтибос аз ФЯДШҲ ва СИ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» 19.05.2009, №508 | 50 фоизи боҷи давлатӣ барои бақайд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 02.02.08. | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ | Дар муддати 2 рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани ариза | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Иқтибос аз ФЯДШҲ ва СИ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19.05.2009, №508 | Боҷи давлати 2-нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
| 02.02.09. | Пешниҳоди маълумотҳои мавҷуда аз ФЯДШҲ ва СИ | Дар муддати 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани дархости хаттӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгири – Иқтибос аз ФЯДШҲ ва СИ | Тибқи талаботи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» 19.05.2009, №508 | Боҷи давлати 2-нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
| 02.02.10. | Пешниҳоди маълумот аз ФЯД ШҲ ва СИ тибқи дархости хаттӣ барои мақомоти ҳокимияти дав-латӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо аз рӯи парванда-ҳои дар истеҳсолоти онҳо мавҷуд буда | Дар муддати 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани дархост | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Иқтибос аз ФЯДШҲ ва СИ | Қисми 6 моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» 19.05.2009, №508 | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 02.02.11. | Ворид намудани маълумот ба ФЯДШХ ва СИ оиди қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ дар асоси қарори суд | Дар муҳлати 2 рӯзи корӣ, пас аз қабули қарори дахлдори суд | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Иқтибос аз ФЯДШҲ ва СИ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» 19.05.2009, №508 | Боҷи давлати 2-нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
| 02.02.12. | Қайди барҳамхӯрӣ,азнавташ-килшавии шахси ҳуқуқӣ, қабули қарор аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ оид ба бастани филиал ё дигар воҳиди алоҳидаи худ, қатъи фаъолият тавассути муассисаи доимӣ, гум кардани қобилияти амал аз ҷониби шахси воқеӣ ё вафоти ӯ. | Дар муҳлати то 10 рӯзи тақвимӣ аз санаи гирифтани чунин ариза | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Иқтибос ФЯДШҲ ва СИ | ҚонуниҶумҳурииТоҷики стон «Дарбораибақайдгирииддавлатиишахсониҳуқуқӣв асоҳибкорониинфиродӣ» 19.05.2009, №508 | Боҷи давлати 2-нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
| 02.02.13 | Дохил намудани маълумотҳо аз ФЯДШҲ ва СИ ба сомонаи Кумитаи андоз <u>www.andoztj</u> | Ҳар ҳафта | Лаҳзаи ворид на-мудани маълумот ба сомона | Тартиби дохилиидоравӣ | |
| 02.02.14. | Вақти таҳаммул ҳангоми супоридан ва гирифтани ҳуҷҷатҳо | То 20 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | | Тартиби дохилиидоравӣ | |

***<u>Эзоҳ.</u>*** *Бақайдгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ мувофиқи принсипи* ***«Равзанаи ягона»*** *бе гузаронидани ташхиси ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида амалӣ карда мешавад. Барои дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида ва пуррагии маълумоти дар онҳо инъикосёфта аризадиҳанда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро ба зимма дорад.*

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **03.00.00.** | **Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонии « Андоз аз арзиши иловашуда (ААИ)»** | | | | |
| 03.03.01. | Бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва ғайрирезидентҳо ҳамчун супорандагони ААИ | Дар давоми 10 рӯзи корӣ баъди доданиариза | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ–Шаҳодатномаи бақайдгирӣ доир ба ААИ | Моддаи 162 КА, Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани ААИ» | Ройгон анҷом дода мешавад. |
| 03.03.02. | Додани дубликати Шаҳодатнома дар бораи ба қайд гирифтан ҳамчун супорандаи ААИ | 10 рӯзи корӣ – пас аз қабули ариза | Додани ҳуҷҷати иловагии тасдиққунандаи бақайдгирӣ, нусхаиШаҳодатномаи бақайдгирӣ доир ба ААИ | КА, Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани ААИ» | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 03.03.03. | Додани Шаҳодатнома оид ба азнавбақайдгирии ААИ нисбати ворис ва ё шахсоне, ки аз корхонаҳои асоси ҷудо шудаанд. | 3 рӯзи корӣ пас аз қабули ариза | Додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирӣ нусхаи Шаҳодатномаи бақайдгирӣ доир ба ААИ | Моддаи 162 КА, Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани ААИ» | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 03.03.04. | Хориҷ намудани андозсупоранда аз Феҳристи супорандагони ААИ | Пас аз гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатӣ, баъд аз 10 рӯзи бекор шудани бақайдгирӣ | Додани Санади санҷиши ҳуҷҷатӣ, қарор аз натиҷаи санҷиш ва иқтибос | Моддаи 163 КА, Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани ААИ» | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 03.03.05. | Додани ҳисобнома - фактура аз рӯи ААИ ва аксизҳо | Баъд аз баррасии ариза ва ҳисоботи охирини рафти харҷи ҳисобнома фактураҳо ва пардохти маблағи арзиши варақаҳо – 1 рӯзи корӣ | Додани варақаҳои ҳисобнома – фактураҳо | Моддаи 186 ва 187 КА, Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани ААИ» | 1,07 сомонӣ барои як баста (арзиши баста метавонад тағйир ёбад) |
| 03.03.06. | Вақти таҳаммул ҳангоми супоридан ва гирифтани ҳуҷҷатҳои лозимӣ | То 20 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад |
| **04.00.00.** | **Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонии «Бақайдгирии объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбанди алоқаманд»** | | | | |
| 04.04.01. | Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул, замин, воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ (аз ҷумла воҳидҳои махсуси онҳо), шахсони воқеӣ, филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хори-ҷӣ (сохторҳои зертобеи онҳо) | Дар муддати 30 рӯзи тақвимӣ баъди ба қайди давлатӣ гирифтани амволи ғайриманқул, замин, воситаҳои нақлиёт бо пешниҳоди ариза ё бо ташабуси мақомоти андоз | Ворид намудани маълумотҳои марбута ба барномаҳои СИА ва варақаҳои дахлдори Нозироти андоз | КА, Дастурамали «Тартиби дар нозироти андоз бурдани баҳисобгирии фаврии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» | Ройгон анҷом дода мешавад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 04.04.02 | Бақайдгирӣ (аз қайд баро-вардани) молу мулки ба иҷора додаи шахси воқеӣ, ки ҳамчун соҳибкори инфиродӣ эътироф карда намешавад | То 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда | Додани маълумотнома | Кодекси андози ва Дасттурамали «Ҳисоб ва пардохти андоз аз даромади шахсони воқеӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 04.04.03. | Вақти таҳаммул ҳангоми супоридан ва гирифтани ҳуҷҷатҳои лозимӣ | То 20 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад |
| **05.00.00.** | **Стандарти ягонаи давлати хизматрасонии«Бақайдгирӣ ва аз қайд баровардани мошинаҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ (МНХ дорои ХФ)»** | | | | |
| 05.05.01. | Бақайдгирии МНХ дорои ХФ | То 2 рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои лозима | Санаи кушодан ва додани Дафтарчаи бақайдгирии МНХ, ворид намудани маълумот ба Феҳристи ҷойгиршавӣ ва истифодаи МНХ | Мутобиқи моддаҳои 38 ва 39 КА,қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои истифодаи МНХ –и дорои хотираи фискалӣ» аз 02.07.2008, №310 | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 05.05.02. | Барои аз ҳисоб баровардани МНХ дорои ХФ | То 2 рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои лозима | Бо риояи тартиби муқаррааргардида ба андозсупоранда баргардонидани Дафтарчаи бақайд-гирии МНХ бо сабти дахлдор | Мутобиқи моддаҳои 38 ва 39 КА,қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои истифодаи МНХ –и дорои хотираи фискалӣ» аз 02.07.2008, №310 | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 05.05.03. | Вақти таҳаммул дар навбат ҳангоми супоридан ва гирифтани ҳуҷҷатҳои лозимӣ | То 20 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | | Тартиби дохилиидоравӣ | |
| **06.00.00.** | **Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонии «Қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз»** | | | | |
| 06.06.01 | Қабул намудани эъломияҳои (ҳи-соботҳои) андоз аз андозсупора-нда ва дохил намудани маълумот ба барномаи СИА | На зиёда аз 15 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | Баргардонидани нус-хаи дуюми эъломия ва гузоштани қайди дахлдор дар он | КА | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 06.06.02. | Бақайдгирӣ ва бо муҳр тасдиқ намудани Китоби баҳисобгирии даромад ва хароҷоти соҳибкоро-не, ки (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) низоми соддакардашудаи андоз-бандиро истифода мебаранд | То 20 дақиқа аз лаҳзаи муроҷиат (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | Бо имзо ва муҳр тасдиқ намудан ва баргардонидани Китоб | КА | Ройгон анҷом дода мешавад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 06.06.03. | Назорати камералии ҳисоботҳои андозии андозсупоранда, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳолатҳои тат--биқ намудани ҷазоҳои маъмурӣ барои қонунвайронкуниҳои андоз дар ҳолати ҷойдоштани но- мутобиқатиҳо тартиб додани маълумотнома | Баъд аз 15-рӯзи қабули ҳисоб-оти андоз ва дар мухлати даъво | Дар ҳолати ҷой доштани номутоби-қатиҳо, пешниҳоди огоҳинома ҷиҳати мустаъқилона бар-тараф намудани камбудиҳо | Моддаи 37 КА | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 06.06.04. | Фиристонидани огоҳнома оиди пешниҳоди эъломияи андоз ба суроғаи андозсупоранда | Баъди санаи 15-уми ҳар моҳи ҳисоботи то санаи 30-ум | Пешниҳоди огоҳинома | Моддаи 37 КА | Ройгон анҷом дода мешавад |
| **07.00.00.** | **Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонии «Қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз бо таври электронӣ»** | | | | |
| 07.07.01 | Додани калид ва рамз оиди пеш-ниҳоди эъломияҳои дар шакли электронӣ | Баъд аз бастани шартнома ва пардохти маблағ дар муҳлати то 15 – рӯз | Додани калидва рамз | Тартиби дохилиидоравӣ | Хизматрасонии пулакӣ |
| 07.07.01 | Қабул намудани эъломияҳои (ҳи-соботҳои) андоз аз андозсупо-ранда ва дохил намудани он ба барномаи СИА | На зиёда аз 5 дақиқа | Ворид шудани маълумот ба СИА | КА | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 07.07.02. | Назорати камералии ҳисоботҳои андозии андозсупоранда, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳолатҳои тат-биқ намудани ҷазоҳои маъмурӣ барои қонунвайронкуниҳои андоз дар ҳолати ҷойдоштани номутобиқатиҳо тартиб додани маълумотнома | Баъд аз 15-рӯзи қабули ҳисоб-оти андоз ва дар мухлати даъво | Пешниҳоди огоҳи-нома ҷиҳати мустаъқилона бартараф намудани камбудиҳо | Моддаи 37 КА | Ройгон анҷом дода мешавад |
| **08.00.00.** | **Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонии «Додани маълумотнома дар бораи мавҷуд набудани қарзҳои андоз, санади муқоисавӣ»** | | | | |
| 08.08.01. | Додани маълумотнома дар бораи мавҷуднабудани қарзҳои андоз | То 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда | Додани нусхаи маълумотнома | Дастурамали «Тартиби дар Нозироти андоз бурдани баҳисобгирии фаврии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 08.08.02. | а) Тартиб додани санади муқоисавӣ | То 3 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда | Додани нусхаи санади муқоисавӣ | Дастурамали «Тартиби дар Нозироти андоз бурдани баҳисобгирии фаврии ан-дозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» | Ройгон анҷом дода мешавад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | б) Тартиб додани санади муқоисавӣ ҳангоми пешниҳоди эъломияҳо бо таври электронӣ | То 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда | Додани нусхаи санади муқоисавӣ | Дастурамали «Тартиби дар Нозироти андоз бурдани баҳисобгирии фаврии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 08.08.03. | Вақти таҳаммул ҳангоми супоридан ва гирифтани ҳуҷҷатҳо | То 15 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | | Тартиби дохилиидоравӣ | |
| **09.00.00.** | **Стандартҳои ягонаи давлатии хизматрасонии «Додани маълумотнома дар бораи маблағҳои даромадҳои гирифташуда аз сарчашмаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андозҳои нигоҳдошташуда»** | | | | |
| 09.09.01. | Баррасӣ намудани муроҷиати ғайрирезидент оиди татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ | То 10рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ариза дар се нусха ва замимаи ҳуҷҷатҳои лозима | Тасдиқ ё рад наму-дани татбиқи муқар-рароти шартномаи байналхалқии дар аризаи пешниҳод гардида ва баргар-донидани он | Моддаи 137 КА,Дастурамал «Дар бораи ситонидани андоз аз даромад дар манбаи пардохт» | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 09.09.02. | Додани маълумотнома ба ғайрирезидент оиди даромадҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташуда ва андозҳои нигоҳдошташуда | Баъд аз муроҷиати ғайрирези-дент, дар давоми 3 рӯзи корӣ | Додани маълумотнома | КА, Дастурамал «Дар бораи ситонидани андоз аз даромад дар манбаи пардохт» | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 09.09.03. | Вақти таҳаммул ҳангоми супоридан ва гирифтани ҳуҷҷатҳои лозимӣ | То 15 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | | Тартиби дохилиидоравӣ | |
| **10.00.00.** | **Стандартҳои ягонаи давлатии хизматрасонии «Додани хулоса оид ба баргардонидани маблағи барзиёд пардохташудаиандозҳо, фоизҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»** | | | | |
| 10.10.01. | Додани хулоса оиди баргардонидани ААИ ба андозсупорандае, ки на камтар аз 70 фоизи муомилоти андозбандишавандааш дар давраи ҳисоботӣ бояд тибқи меъёри сифр бо ААИ андозбандӣ шавад. | Дар давоми 20рӯзи тақвимӣ, баъд аз гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатии эътимоднокии маблағи ААИ баргардонидашаванда, дар асоси муроҷиати андозсупоранда | Додани хулоса ва санади санҷишӣ | Моддаи 191 КА, Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани ААИ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз буҷети ҷумҳуриявӣ баргардонидани ААИ» №175, 10.05.2005 | Ройгон анҷом дода мешавад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 10.10.02. | Додани хулоса оиди баргардонидани ААИ ба андозсупорандае, ки камтар аз 70 фоизи муомилоти андозбандишавандааш дар давраи ҳисоботӣ бояд тибқи меъёри сифр бо ААИ андозбандӣ шавад. | Дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ. Баъд аз гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатии эътимоднокии маблағи ААИ баргардон-идашаванда, дар асоси муроҷиати андозсупоранда | Додани хулоса ва санади санҷишӣ | Мооддаи 191 КА, Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани ААИ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз буҷети ҷумҳуриявӣ баргардонидани ААИ» №175, 10.05.2005 | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 10.10.03. | Додани хулоса оид ба баргардонидани ААИ ба намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ, намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда, инчунин ҳайати кормандони онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд | Дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ пас аз гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатии эътимоднокии маблағи ААИ баргардони-дашаванда, дар асоси муроҷиати андозсупоранда | Додани хулоса ва санади санҷишӣ | Моддаи 193 КА, Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани ААИ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ___________ № 205 | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 10.10.04. | Баррасии муроҷиат оиди бар-гардонидани маблағи андози аксизӣ аз рӯи содироти молҳои зераксизӣ | Баррасии муроҷиати андозсупоранда дар давоми 30 рӯз, баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор | Додани маълумоти хаттӣ | Моддаи 209 КА ва Дастур-амал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани аксизҳо», | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 10.10.05. | Баррасии муроҷиати андоз-супоранда оиди баргардонидани андози аксизӣ пас аз баҳисобгирии аксиз барои захираҳои истеҳсолӣ | Баррасии муроҷиати андозсупоранда дар давоми 30 рӯз, баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор | Додани маълумоти хаттӣ | КА, Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани аксизҳо», | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 10.10.06. | Вақти таҳаммул ҳангоми супоридан ва гирифтани ҳуҷҷатҳо | То 15 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | | Тартиби дохилиидоравӣ | |
| 11.00.00 | **Стандартҳои ягонаи давлатии хизматрасонии «Додани тасдиқнома ҳангоми содироти нахи пахта ё алюминияи аввалия»** | | | | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 11.11.01 | Додани тасдиқнома барои содироти нахи пахта ё алюминийи аввалия | То 30 дақиқа баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷати пардохти андоз аз фурӯш | Додани тасдиқнома | Моддаи 260 КА, Дастурамали «Тартиби ҳисоб ва пардохти андози фурӯш» | Ройгон анҷом дода мешавад |
| **12.00.00** | **Стандартҳои ягонаи давлатии хизматрасонии«Бақайдгирии объектҳои бизнеси бозӣ»** | | | | |
| 12.12.01 | Бақайдгирии объектҳои бизнеси бозӣ | То 1 – рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда | Додани маълумотнома | Қисми 2 моддаи 308 КА, қарори дахлдори ҳокимиятҳои иҷроияи маҳаллӣ | Ройгон анҷом дода мешавад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Бакайдгирии барориши лоторея ба фурӯш | То 1 – рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда | Додани маълумотнома | Қисми 3 моддаи 308 КА ва қарори дахлдори ҳокимиятҳои иҷроияи маҳаллӣ | Ройгон анҷом дода мешавад |
| **13.00.00** | **Стандартҳои ягонаи давлатии хизматрасонии«Оиди гузариш аз як низоми андозбандӣ ба дигар низоми андозбандӣ»** | | | | |
| **13.13.01** | **Гузариш:**<br>- аз тартиби андозбандии Патент ба Шаҳодатнома | То 3 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда | Бо тартиби муқарраргардида | КА ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 №451 | Ройгон анҷом дода мешавад |
| | - аз тартиби андозбандӣ бо Шаҳодатнома ба шахси ҳуқуқӣ | То 5 рӯзи корӣ пас аз гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатӣ | Бо тартиби муқарраргардида | Моддаи 291 КА ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷи-кистон аз 31.08.2012, №451 | Ройгон анҷом дода мешавад |
| | - аз низоми соддакардашудаи андозбандӣ ба низоми умумии андозбандӣ | То 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда | Бо тартиби муқарраргардида | Моддаи 291КА | Ройгон анҷом дода мешавад |
| | - аз низоми умумии андоз-бандӣ ба низоми соддакарда-шудаи андозбандӣ | То 15 рӯзи корӣ пас аз гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатӣ | Бо тартиби муқарраргардида | Моддаи 291 КА | Ройгон анҷом дода мешавад |
| **14.00.00.** | **Стандартҳои ягонаи давлатии хизматрасонии «Пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ, тавзеҳотӣ ва ташкили курсҳои бозомӯзӣ»** | | | | |
| 14.14.01. | Гузаронидани семинарҳо, ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар маҳалҳо ва ташкили курсҳои бозомӯзӣ вобаста ба татбиқи қонунгузории андоз аз рӯи зару-рият, аз ҷониби мақомоти андоз | Дар давоми 30 рӯз баъд аз қабули фармоиши дахлдор | Бо тартиби муқарраргардида | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 14.14.02. | Расонидани ёрии амалӣ ба таҷрибаомӯзон | Дар мухлати дархости фиристодашуда | Бо тартиби муқарраргардида | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 14.14.03 | Посух ба муроҷиати хаттии андозсупоранда, аз ҷумла додани тавзеҳот оиди қонунгузории андоз | Дар мухлати 30 рӯзи тақвими аз рӯзи бақайдгирии муроҷиати хаттӣ | Қайди мактуби ҷавобӣ дар шуъбаи умумӣ ва ирсоли он ба андозсупоранда | Моддаи 46 КА ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар вазорату кумитаҳои давлатӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 14.14.04. | Мурочиати шифоҳии андозсупоранда оиди додани маълумот вобаста ба татбиқи қонунгузории андоз:<br>- бо роҳи ҳозир шудан | То 10 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | Дарёфти посух | Тартиби дохили идоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад |
| | - ё телефонӣ | Дар лаҳзаи мурочиат, на зиёда аз як рӯзи корӣ | Дарёфти посух | Тартиби дохили идоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад |
| 14.14.05. | Мурочиати андозсупоранда бо истифода аз почтаи электронии Кумитаи андоз (mail. andoztj.) | Дар муҳлати 15 рӯзи тақвими аз рӯзи қабули дархост | Ирсол намудани посух тавассути почтаи электронӣ | Тартиби дохили идоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад |

**Эзоҳ:**

1. Барои дарёфти маълумоти муфассалтар андозсупоранда метавонад аз фасли «Ба андозсупорандагон»-и сомонаи (web –портали) Кумитаи андоз бо суроғаи www.andoz.tj истифода намояд.
2. Хизматрасониҳо аз ҷониби мақомоти андоз дар ҳолатҳои пешбинигардида, дар сурати аз ҷониби истеъмолкунандаи хизматрасонӣ пурра пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳои лозима анҷом дода мешавад.
3. Шаклҳои варақаҳои аризаҳо, ки барои аз хизматрасониҳои мақомоти андоз истифода намудан лозим мебошанд, дар фасли «Ба андозсупорандагон»-и сомонаи (web –портали) Кумитаи андоз бо суроғаи www.andoz.tj ҷойгир карда шудаанд ва андозсупоранда дар мавриди ба миён омадани талабот оиди истифода намудани хизматрасониҳои мақомоти андоз, имконияти бемамониат истифодабарии шаклҳои аризаҳои мутобиқи қонунгузорӣ тасдиқгардидаро дорад.

**Ихтисорҳои шартӣ:**

КА – Кодеки андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;
РМА – Рақами мушаххаси андозсупоранда;
РЯМ – Рақами ягонаи мушаххас;
ФЯДШХ ва СИ – Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;
МНХ – Мошинаи назоратӣ – хазинавӣ;
СИА – Барномаҳои компютерии Системаи Иттилоотии Андоз;
ААИ – Андоз аз арзиши иловашуда.

**РАИСИ**
**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

30.11.2012 №348 ш.Душанбе

**«Оид ба тасдиқи Талаботи асосии ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагонва Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон»**

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии мақомоти андоз ба андозсупорандагон, таъмини назорат ва ташкили дурусти хизматрасонӣ ба онҳо,

Ф А Р М О И Ш М Е Д И Ҳ А М:

1. Талаботи асоситаишкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва Тартиби гузаронидани Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон тибқи Замимаҳои №№ 1 ва 2 тасдиқ карда шавад.
2. Муқаррар карда шавад, ки риояи Талаботи асосии ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (Замимаи №1) барои воҳидҳои сохтории мақомоти андоз ҳангоми муносибат ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҳамчун уҳдадории мансабӣҳатмӣ мебошад.
3. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (С.Абдуллоев):
   - пешбурди мунтазами Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро **(Замимаи №2)** таъмин намуда, натиҷаҳои онро пас аз ҷамъбаст сол дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҷойгир намояд;
   - дар якҷоягӣ бо *мақомоти ҳудудии андоз:*
   *а*) дар як сол як маротибатаҳлили маҷмӯии ҳолати утоқҳои корӣ барои қабули андозсупорандагонро гузаронида **(Замимаи №3),** ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани шароити корӣ чораҷӯи намоянд;
   б) нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии андозсупорандагон ба хизматрасонии мақомоти андозро **(Замимаи №4)** тасдиқ намоянд.
   - дар якҷоягӣ бо КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" (Хоҷаев Х.) то 31.12.2012:
   а) барномаи компютерии гузаронидани Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро омода намуда, дар сомонаи расмии Кумитаи андоз фасли «Ба андозсупорандагон»- ро ба роҳ монанд;
   б) барои таҳияи Барномаи компютерии баҳогузории хизматрасонӣ тибқи **Замимаҳои №№ 2, 2.1. ва 2.2.** чораҷӯи намояд.
   - Консепсияи рушди сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро барои солҳои 2013 – 2018 то 01.04.2013, таҳия намояд.
4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ (Ё.Ҷураев) барои таъмини иҷрои талаботи молиявии Мониторинги мазкур чораҷӯӣ намояд.
5. Қоидаҳои Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар нашрияи расмии Кумитаи андоз - ҳафтаномаи «Боҷу хироҷ» ба табъ расонида шуда, аз 01.01.2013 мавриди амал қарор дода шавад.
6. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ (Хоҷабекова Ё.) фармоиши мазкурро ба раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, НАК, НАМ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣдастрас намояд.

Раис Н.Давлатов

*Замимаи № 1*
*бо фармоиши Раиси*
*Кумитаи андози назди*
*Ҳукумати Ҷумҳурии*
*Тоҷикистон аз «30».11. 2012,*
*№348 тасдиқ карда шудааст*

## Талаботҳои асосии ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагон

### 1. Принсипҳои Асосиимуоширатҳангомиқабулиандозсупорандагон

**Корманди мақомоти андоз ҳангоми қабули андозсупоранда қоидаҳои зерини муносибатро риоя менамояд:**

- Андозсупорандаро баҳузур пазируфта, кумаки касбии худро пешниҳод менамояд, (Масалан: «Салом, ман ба Шумо чӣ хизмат расонам?»);
- Ҳангоми вохӯрӣ бо андозсупоранда аз ӯ дархост менамояд, ки худро муаррифӣ намояд ва минбаъд бо андозсупоранда бо ному насаб ва эҳтироми хосса муносибат менамояд.
- Ҳангоми суҳбат аз худ хушмуомилагӣ, хоҳиши ёрии амали расонидан ва диққати ҷиддӣ додан ба суханони андозсупорандаро изҳор менамояд;
- Таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба суханони андозсупоранда, дарки масъалаи ба миён гузошта шуда ва дар ҳолати зарурат дақиқ намудани масъала тавассути пурсишу посух;
- Дарёфти мафҳуми шарҳи масъала ба истиснои фаҳмиши духура (думаъно);
- Бо дархости андозсупоранда аз нав, бе асабонӣ шудан (оташин шудан) такроран тавзеҳ додани масъала;
- Худдорӣ намудан аз суҳбатҳои дарозмудати телефонӣ ва суҳбате, ки ба атрофиён халал ворид менамояд. Дар рафти суҳбат бо андозсупоранда зарурати ба занги телефон ҷавоб додан ба вуҷуд ояд, аз андозсупоранда узр пурсида, дар муҳлати андак бо телефон суҳбат менамояд.
- Эҳтироми махсус зоҳир намудан ба шахсони калонсол, собиқадорон, маъюбон ва расонидани ёрии лозима ба онҳо;

**Аз ҷониби шахси мансабдор дар муошират бо андозсупоранда муомилаҳои зерин ғайри қобили қабул шуморида мешавад:**

- Суҳбатҳои хусусияти маҳдудсозандаи андозсупоранда бо назардошти ҷинс, сину сол, эътиқоди динӣ, нажод, миллат, забон, шаҳрвандӣ, вазъи иҷтимоӣ, оилавӣ, мавқеи сиёсӣ ва дигар ҳолатҳо;
- Истифодаи лаҳни ғуруромез, дуруштӣ, ҳавобаландӣ ва маломат намудан;

- Баҳсу мунозираҳои бемавқеъ, ки монеъи муносибати шоиста мегардад;

Ҳангоми муошират ва қабули андозсупоранда, шахсони мансабдор, бояд, ки таҳаммули рафтори номувофиқ ва хулқи бадқасдонаи тарафро (ҳамсуҳбатро) дошта бошанд.

Дар ҳолати ба низоъ шуруъ кардани андозсупоранда, шахси масъули қабул бояд кӯшиш намояд, ки эҳсосоти ӯро ба эътидол оварда дар фазои оромӣ роҳи ҳалли масъаларо тавзеҳ диҳад.

Агар андозсупоранда муносибати дағалона намуда, нисбати мақомот ва ё нозири андоз суханони қабеҳ гӯяд, дар ҳолати мазкур муколама қатъ гардида, масъули қабул ҳуқуқи дасткашидан аз хизматрасониро (ҳамкории минбаъдаро) дар миён гузошта, барои бартараф намудани мунозира сардори бевоситаи корӣ даъват карда мешавад. Боз истодан аз ҳамкорӣ новобаста аз душвории масъала ва ҳолати ихтилоф, дар доираи одоб сурат мегирад.

***Масалан: «Маъзарат мехоҳам, ман наметавонам бо Шумо ҳамкориро идома диҳам. Умедворам, ки мушкилоти Шуморо сардори Раёсати (шуъбаи,бахши) хизматрасонӣ ба андозсупорандагон баррасӣ хоҳад кард, ки ҳоло он касро даъват менамоям».***

Маълумот оид ба ному насаб ва мансаби масъули қабули андозсупоранда бояд, ки дар шакли бейҷик ва ё лавҳаи рӯи мизӣ тартиб дода шуда бошад.

Ҳамзамон бо мақсади тартиб ва ташкили кор бо андозсупорандагон тавсия дода мешавад, ки дар ҳолати бештар аз 70 нафар дар як рӯз ба мақомоти андоз мурочиаткунандагон ташриф овардан, барои дар сатҳи дахлдор ба роҳ гузоштани хизматрасонӣ, иҷрокунандаи маъмури ташкили қабул вобаста карда шавад.

Ба ваколати маъмури қабули андозсупорандагон додани маълумотҳои умумӣ водор карда мешавад, аз ҷумла:

- иҷрои уҳдадории мансабӣ ва хизматрасонӣ дар муҳлати муқарраршуда, тибқи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон;
- утоқи қабул, реҷаи корӣ ҷиҳати хизматрасонӣ ба андозсупоранда ва имконоти таъмини ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳо;
- маълумот дар бораи реҷаи корӣ ва суроғаи мақомоти болоӣ;
- дигар маълумотҳои лозима.

## 2. Усулҳои асосии маълумотдиҳӣ тавассути телефон

Ба занги телефон ҷавоб додан бо салом, номи пурраи мақомот ва муаррифии масъули маълумотдиҳанда оғоз мегардад.

***Масалан: «Ассалому алайкум! Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андоз, ман мутахассиси шуъбаи тавзеҳот ва фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон Додхудо Абдуллоев, ба Шумо чӣ хизмат намоям?»***

Аз андозсупоранда ҷиҳати муаррифӣ намуданаш дархост намуда, ҳамчунин оиди мансаби (вазифаи) ишғолнамуда дар ташкилот (корхона, идора, соҳибкори инфиродӣ, шахси воқеӣ) ва суроғаи макони фаъолияти ӯ маълумот ба даст овардан лозим мебошад.

Суҳбати телефонӣ бо андозсупоранда бояд дар доираи маълумотҳои дархостнамудаи ӯ мушаххас, қонеъкунанда ва самимӣ сурат гирад.

Ҳангоми суҳбат аз калимаҳои фаҳмо истифода намуда, дар як вақт бо ду шахс гуфтугӯ нанамояд. Дар ҳолати зарурат аз мусоҳиб узр пурсида, ба занги навбатӣ ҷавоб гӯяд.

***Масалан: «Бубахшед, ба ман лозим аст, ки дар хатти дигар ба алоқа бароям, Шумо гӯширо нагузоред баъди чанд лаҳза гуфтугӯро идома медиҳем».***

Баъд аз хатми суҳбат дар хатти дуюми алоқа аз андозсупоранда ҷиҳатӣ интизор намудан, узр пурсида мешавад.

***Масалан: «Бори дигар барои ҳолати ногувор мазарат мехоҳам, миннатдорем, ки мунтазир шудед».***

Ба андозсупоранда барои ҳалли масъала возеҳ (сода, фаҳмо) ҷавоб дода мешавад, вале дар ҳолати эҳтиёҷ доштан ба мутахассис, андозсупорандаро огоҳ намуда, ба мутахассиси лозима пайваст карда мешавад ё ин, ки рақами телефони мутахассис ба ӯ дастрас карда мешавад.

Ҳангоми пайвастани хатти телефон ба мутахассиси коршинос ба ӯ нисбати ному насаби андозсупоранда ва масъалаи ба миён гузошташуда, маълумот дода мешавад.

Маълумоти мазкур набояд аз тулонӣ гардидани вақт ва калимаҳои ҳассосу бемавқеъ ва душворфаҳм иборат бошад.

Агар ба корманди мақомоти андоз оиди ҷавоб гуфтан ба саволи додашудаи андозсупоранда вақт лозим шавад, рақами андозсупоранда сабт карда шуда, баъд аз мухлати муайянгардида ба ӯ занг зада мешавад.

***Масалан: «Ман дар ҳолати ба Шумо мувофиқ занг мезанам. Шумо дар кадом вақт имконияти гуфтугӯ карданро пайдо мекунед?»***

Дар ҳолати ба мувофиқа нарасидан бо андозсупоранда аз муошират дар доираи одоб ва бо тавсияимуносиб барои ҳалли мушкилии минбаъда, суҳбат ба итмом расонида мешавад.

Аз андозсупоранда барои муроҷиат намудан (занг задан) изҳори сипос карда мешавад.

***Масалан: «Барои занг задан аз Шумо сипосгузорам. Умедворам, ки Шумо аз ҷавоби гирифташуда, қаноатмандед. Шумо дар оянда оиди масъалаҳои ба миёномада метавонед бо рақами «151» дар соатҳои корӣ аз 8-00 то 18-00 ва ё тавассути сомонаи www.andoz.tj; info@andoz.tjмурочиат намоед. Хайр, то суҳбати навбатӣ».***

Телефони маълумотдиҳӣ ба истисноӣ рӯзҳои истироҳат бояд ҳамарӯза дар давоми соати корӣ, ҳатто дар вақти нисфирӯзӣ (обед) фаъол бошад. Барои он, ки дар вақти нисфирӯзӣ телефонии маълумотдиҳӣ аз қабули мурочиаткунанда боз наистад, реҷаи мувофиқ барои масъули қабул тартиб додан лозим аст.

## 3. Талаботҳои асосӣ оид ба омода намудани ҷавобҳои хаттӣ ба андозсупоранда

Ҳангоми омода намудани ҷавоби хаттӣ (минбаъд мактуб) ба муроҷиати андозсупоранда, талаботҳои зерин бояд риоя карда шаванд:

- матни мактуб набояд тулонӣ бошад (на зиёда аз 1-2 саҳифаи андозаи А-4, бо ҳарфҳои андозааш 14 – 16);
- матни мактуб бо услуби содда ва фаҳмо навишта шуда бошад (ҷумлаҳои кӯтоҳ навишта, аз истилоҳҳои мураккаб ва душвор истифода нагардад);
- ҳамеша аз услуби ягонаи мактубнависӣ истифода намудан;
- аз калимаҳое, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ маънои духура (думаъноӣ) доранд барои дар ҳолати баҳснок ба мушкилӣ дучор нагардидан, худдорӣ намудан;
- ба андозсупоранда оиди саволи пешниҳод намудааш посух навиштан;
- дар ҳолати эродҳои асосноки андозсупоранда аз номи мақомоти андоз зарур аст, узр пурсида шавад.
- бо андозсупоранда набояд ҳамчун ба шахси сеюм муроҷиат шавад.

***Масалан,Муносибати нораво** дар шакли зерин:*

*АбдуллозодаА.А.*

*Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дархости (пешниҳоди, таклифи) **Абдуллозода А.А.**мавриди баррасӣ қарор дода чунин иттилоъ медиҳад…*

***Муносибати саҳеҳ:***

*АбдуллозодаА.А.*

***Муҳтарам** Абдураҳими Абдулло!*

*Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дархости Шуморо баррасӣ намуда, чунин иттилоъ медиҳад:*

Агар ному насаби андозсупоранда маълум набошад, тавсия дода мешавад, ки аз навъи зерини муроҷиат истифода шавад:

*Муҳтарам, (ҷаноби) Абдуллозода!*

*(Муҳтарам, хонум Абдуллозода!)*

## 4. Талаботҳои асосӣ доир ба намуди зоҳирии шахси мансабдори қабули андозсупорандагон

Шахсони мансабдоре, ки ба қабули андозсупорандагон машғул мебошанд бояд, ки либоси махсуси мақомоти андозро ба бар намоянд. Дар ҳолати зарурат аз либоси расмӣ истифода менамоянд. Либоси корманди масъули қабул тозаю дарзмол карда шуда, дар доираи ахлоқ (этика) истифода мешавад.

## 5. Талаботҳои асосӣ барои бинои қабули андозсупоранда

- бинои қабули андозсупоранда (толору утоқҳои интизорӣ ва маълумотрасонӣ) бо лавозимот (курси, миз, дастгоҳи обнушӣ, маҷаллаву ҳафтанома ва маводҳои консилярӣ) бояд муҷаҳҳаз гардонида шавад;

- ба тозагиву тартиби мизе, ки андозсупоранда варақаҳои заруририро истифода менамояд аҳамият дода мешавад. Дар мизи қабули андозсупоранда набояд варақаҳои фарсуда, ашёҳои нолозим ва маводҳои хусусияти рекламавидоштаи ташкилотҳо гузошта шавад;

- бинои маълумотдиҳӣ бояд, ки дар наздикии макони интизорӣ бошад;

- бинои маълумотдиҳӣ бо овезаҳои маълумотҳо, ки бо ҳарфҳои андозааш барои дидан хоно мебошад дар ҷойҳои муносиб муҷаҳҳаз гардонида мешаванд;

- масъули тахтаи маълумотҳо ва таҷдид намудани онҳо ба зиммаи сардори шуъбаи (бахши) хизматрасонӣ ба андозсупорандагон вогузор карда мешавад;

- дар маълумотҳо имзои (визаи) сардори шуъбаи (бахши) хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва санаи интишори маълумотҳо гузошта мешавад;

- бинои қабули андозсупорандагон бояд, ки бо таҷҳизоти рӯшноидиҳандаи табиӣ ва сунъӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда, тирезаҳо бо пардаҳои жалюз ороиш дода шаванд. Ҳамчунин барои нигоҳ доштани ҳавои мусоид ва ҳолати санитарӣ тадбирҳо андешида мешавад;

- барои дар ҳолати муносиб қабул намудани андозсупоранда бояд, ки бино ҳамаҷониба бо тарҳи навгонӣ омода карда шавад;

- дар бино барои назорат ва ба инобат гирифтани қабули андозсупорандагон тавсия дода мешавад, ки аз web-дурбинҳо (камераҳо) истифода шавад;

- дар бинои қабул тавсия дода мешавад, ки аз компютер, ки дорои барномаҳои ба системаи умумии мақомоти андоз пайваст шудааст истифода шавад;

- дар бинои қабул маълумотҳои нолозим аз қабили «дарро сахт напӯшед», «ба шахсони ҳуқуқӣ хизмат расонида намешавад», «маълумот дода наметавонем», «вақти хуроки нисфирузӣ (обед)» ва ғайраҳо, насб кардан мумкин нест;

- дар мизи кории нозири андоз набояд ашёҳое, ки диққати андозсупорандаро ҷалб менамояд (аксу ашёҳои хотиравӣ) гузошта шавад;

- ҳоҷатхона бояд тоза нигоҳ дошта шуда, бо маводҳои ташноб аз ҷумла об, қоғаз, собуни моеъ ва дастхушкунак таъмин бошад.

*Эзоҳ: Шакли электронии замимаҳо дар сомона ҷойгир карда шудааст.*

Замимаи №2.1

**Тартиби**
**гузаронидани Мониторинги сифати иттилорасонии телефонӣ ба андозсупорандагон дар Бахши иттилоотӣ** (call-center)

Махфияти Мониторинг
нигоҳ дошта шавад:
☐ **- ҳа**
☐ **- не**

Ному насаби тартибдиҳандаи Мониторинг_________________________
_______________________________________ телефон_________________
Номи мақомоти андоз___________________ телефон_________________
Сана ва вақти гузаронидани Мониторинг___________________________
Корманди масъули бахши иттилоот (call-center) тавассути телефони
_____________________________________________________________________
(ному насаби корманди мақомоти андоз, ки ба андозсупоранда хизмат мерасонад)

## 1. Ташкили иттилоот тавассути телефон

*(ҷавоб бо аломати «х» қайд карда мешавад)*

| | |
|---|---|
| **1.1 Мӯддати пайваст шудан тавассути телефон ба мақомоти андоз.**<br>Дарҳол ☐<br>Баъди (якчанд дақиқа) ☐<br>_____________________________<br>(рақами тел. Нишон дода шавад)<br>Умуман пайваст шуда натавонистам ☐ | **1.2 Сababи пайваст нашудани Шумо чӣ буда метавонад?**<br>Гӯширо набардоштанд ☐<br>Хати алоқа банд буд ☐<br>Дигар сабаб________________<br>_______________________________<br>_______________________________<br>_______________________________<br>_______________________________ |
| **1.3 Дар чанд муддат нозири андоз гӯширо бардошт?**<br>☐ ☐ | **1.4 Нозири андоз худро муаррифӣ намуд?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐<br>Танҳо бо дархости ман худро муаррифӣ намуд____________ |
| **1.5 Вақти гуфтугӯ бо нозир.**<br>Камтар аз 1 дақиқа ☐<br>Зиёда аз 1 дақиқа ☐ | **1.6 Қайд намоед, ки аввал суханро кӣ оғоз намуд.**<br>Нозир ☐<br>Андозсупоранда ☐<br>Дигар ҳолат_______________ |
| **1.7 Нозир бо Шумо салом дод?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐ | **1.8. Бо кадом тавр салом намуд .**<br>«Ассалом» ☐<br>«Руз ба хайр (субҳ, шом) ☐ |

| | |
|---|---|
| **1.9 Баҳогузории умумии шумо нисбати муомилаи масъули қабули занг?**<br>Баҳогузорӣ намоед (аз 1 то 10) ☐☐ | «Шуморо гӯш мекунам» ☐<br>«Чи мехостед?» ☐<br>Бо таври дигар________________ |
| **1.10 Итилооти иловагӣ доир ба мурочиат намудан ба дигар сарчашмаҳо (мутахассисон) дода шуд? Агар ҳа, чи хел тавсия дода шуд?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐<br>Тавсия дода шуд, ки ба сомонаи КАЧТ мурочиат намоям ☐<br>дигар пешниҳод_______________ | **1.11 Шуморо ба дигар мутахассис пайваст карданд?**<br>Ҳа ( ба кӣ?) ☐<br>Пайваст накард ☐<br>Пайваст кард дар муддати камтар аз 1 ☐ дақиқа<br>Аз 1 то 2 дақиқа ☐<br>Зиёда аз ду дақиқа ☐<br>Дигар ҳолат_________________ |
| **1.12 Эродҳои иловагӣ/эзоҳ:**<br>____________________________<br>____________________________ | |

## 2.Сифати Муоширaт

| | |
|---|---|
| **2.1 Ҳангоми муоширaт бо Шумо нозир бо забони фаҳмо суҳбат намуд?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐ | **2.2 Шумо ҳис намудед, ки нозир хоҳиши хизматрасонӣ намуданро дорад?**<br>Баҳогузорӣ намоед (аз 1то 10)<br>☐☐ |
| **2.3 Ба муоширaти нозир бо андозсупоранда баҳо гузоред (яке аз қисматҳои рафтор ва эҳсосоти нозирро қайд намоед).**<br>бо эҳсосот ☐<br>худписандӣ ☐<br>берағбат ☐<br>беэтиноӣ ☐<br>хушмуомилагӣ ☐<br>кӯшодарӯи ☐<br>меҳрубонӣ ☐<br>дигар ҳолат________________<br>_____________________ | **2.4.Дар кадом сатҳ нозир бо андозсупоранда пурсишу посух оиди дақиқ намудани масъала доир намуд ?**<br>Баҳогузорӣ намоед (аз 1 то 10)<br>☐☐<br>Шарҳи иловагӣ______________<br>_____________________________<br>_____________________________ |
| **2.5 Ҷавобҳои нозир дар сатҳи устувор садо дода шуданд (дурустии ҷавоб боварибахш буд)?**<br>Баҳогузорӣ намоед (аз 1 то 10)<br>☐☐<br>шарҳи иловагӣ______________<br>_____________________<br>_____________________ | **2.6 Нозир мулоҳизакорона ва дар сатҳи касбӣ ба дархосту эроди Шумо ҷавоб дод?**<br>Баҳогузорӣ намоед(аз 1 то 10)<br>☐☐<br>Шарҳи иловагӣ_____________________<br>_____________________________ |
| **2.7 Оиди дар кадом шакл хотима ёфтани сӯҳбати нозир қайд намоед.**<br>«Хайр» ☐<br>«Раҳмат барои занг задан» ☐<br>«Аз хизматрасонӣ ба Шумо шодем» ☐<br>«Агар савлҳои дигар пайдо шавад метавонед занг занед» ☐<br>Дигар ҳолат___________________ | **2.8 Оиди сатҳи муоширaти телефонии нозир баҳо гузоред**<br>олӣ ☐<br>миёна ☐<br>қаноатбахш ☐<br>ғайриқаноатбахш ☐<br>шарҳи иловагӣ________________<br>_____________________________<br>_____________________________ |

Замимаи №2.2

**Тартиби**
**гузаронидани мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон хангоми қабули андозсупорандагон**

Махфияти Мониторинг

нигоҳ дошта шавад:

☐ ҳа

**- не** ☐

Ному насаби тартибдиҳандаи Мониторинг_________________________

_______________________________________ телефон_________________

Номи мақомоти андоз_________________телефон_________________

Сана «__» ______ 20__ ва вақти доир намудани Мониторинг «__» «—»

Масъули қабули андозсупоранда_________________________________

(ному насаби корманди мақомоти андоз, ки ба андозсупоранда хизмат мерасонад)

**Баҳодиҳии бинои (утоқи) қабули андозсупорандагон**

| | |
|---|---|
| **1.1Таасуроти аввалини Шумо (андозупоранда) аз ӯтоқи қабул.** Баҳогузорӣ намоед (аз 1 то 10) ☐ ☐ Шарҳи иловагӣ______________ | **1.2 Оё имконот ва таҷҳизоти бинои қабулро (интизориро) кифоя мешуморед, (аз ҷумла мизу курсиҳо ва ғайра).** Баҳогузорӣ намоед аз (1 то 10) ☐ ☐ |
| **1.3Шароити мусоид (роҳнамоии мушаххас) барои мурочиат намудан муҳайё шудааст?** Баҳогузорӣ намоед ( аз1 то 10) ☐ ☐ Шарҳи иловагӣ_______________ _____________________________ _____________________________ _____________________________ | **1.4 Дар утоқи қабули андозсупоранда сардори шуъба ҳузур дорад.** Ҳа ☐ Не ☐ Дигар ҳолат____________________ ______________________________ ______________________________ ______________________________ |
| **1.5 Сифати кор ва услуби қабули шахси масъулро баҳогузорӣ намоед (аз ☐ то 1☐** Шарҳи иловагӣ_______________ _______________________________ _______________________________ _______________________________ _______________________________ | **1.6 Маълумот ва ахбороти зарурӣ дар лавҳа ва овезаҳо.** Баҳогузорӣ намоед ( аз 1то 10)☐☐ Шарҳи иловагӣ_________________ ________________________________ _ ________________________________ _ ________________________________ _ ________________________________ |

| | |
|---|---|
| | – |
| **1.7 Маълумотҳои иловагӣ дар шакли китобчаҳои тавзеҳотӣ мавҷуд ҳаст?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐ | **1.8Шумо барои мурочиат дар навбат чи қадар вақт сарф намудед?**<br>Камтар аз ним соат ☐<br>Зиёд аз ним соат ☐<br>Дигар ҳолат______________ |
| **1.9 Дар бинои (утоқи) қабул системаи электронии банавбатгирӣ вуҷуд дорад?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐<br>Дигар ҳолат_________<br>**1.11 Қабули андозсупорандагон аз тариқи ҳамаи равзанаҳо амалӣ карда мешуд?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐<br>Дигар ҳолат_________ | **1.10 Агар шумо дар навбат зиёда аз ним соат интизорӣ кашидед сабаби ҳолати мазкурро қайд намоед.**<br>Миқдори зиёди андозсупорандагон<br>Дар сатҳи паст хизматрасонӣ намудан ☐<br>Шумораи ками равзанаҳои қабул ☐<br>Ҳамаи равзанаҳо фаъол нестанд☐<br>Беэътибории нозир ба андозсупорандагон<br>Дигар ҳолат______________ |

2 Алоқамандӣ бо нозир

| | |
|---|---|
| **2.1 БаШумомуяссаргардид, кинозириандозботариқибейчикваёл авҳачаирӯимизӣмуарифӣгардад.**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐ | **2.2 Нозири андоз бо либоси махсуси корӣ ҳозир буд?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐ |
| **2.3 Аз нигоҳи Шумо дар намуди зоҳирии нозири андоз камбудиҳое дида мешуд, ки он ба рафтори хизматчии давлатӣ мутобиқат нанамояд.**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐<br>(Либосҳои ҷиллонок, нохунҳои бо лаки баланд сурх шуда, ородиҳии аз ҳад зиёд намоён) | **2.4 Аз нигоҳи Шумо ҷои кории нозир барои қабули андозсупорандагон пурра омода ҳаст?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐ |

| | |
|---|---|
| **2.5 Дар мизи кории нозир ашёҳои нолозим вуҷуд дорад?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐ | **2.6 Сухани аввалро нозири андоз шуруъ кард?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐ |
| **2.7 Нозир аз Шумо ҳолпурсӣ кард?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐ | **2.8 Сӯҳбати нозир барои Шумо фаҳмо буд?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐<br>Дигар ҳолат___________________<br>____________________________ |
| **2.9 Дар вақти муошират бо Шумо нозир ҳамзамон ба дигар корҳо машғул мешуд?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐ | **2.10 Шумо эҳсос намудед, ки нозир хоҳиши хизматрасонӣ карданро дорад?**<br>Баҳогузорӣ намоед ( аз 1то 10)<br>☐ ☐<br>Шарҳи иловагӣ_______________<br>__________________________________<br>__________________________________ |
| **2.11. Рафтору (ахлоқи) муносибати нозирро шарҳ диҳед (муносибати эҳсосотии нозирро қайд намоед).**<br>бо эҳсосотхудписандӣ__<br>берағбат ☐<br>беэтиноӣ ☐<br>хушмуомилагӣ ☐<br>меҳрубонӣ ☐<br>дигар<br>ҳолат_____________________________<br>________________________________<br>________________________________<br>________________________________ | **2.12 Шумо то чӣ андоза аз посухҳои додаи нозир қаноатманд шудед?**<br>Баҳогузорӣ намоед (аз1 то 10)☐ ☐<br><br>Шарҳи иловагӣ____________________<br>_________________________________<br>_________________________________<br>_________________________________ |
| **2.13 Ҷавоби нозир то чӣ андоза касбӣ ва боварибахш садо медод?**<br>Баҳогузорӣ намоед (аз 1 то 10)☐☐<br><br>Шарҳи иловагӣ______________ | **2.14 Нозир аз тарзи дигари гуселонидан истифода намуд? ( ишора намоед).**<br>«То дидор» ☐<br>«Аз ёрӣ расондан ба Шумо шодем»☐<br>«Аз ташрифатон ҷиҳати супоридани ҳуҷҷатҳо ба Нозироти андоз сипозгузорем»☐<br><br>Дигар ҳолат_________ |

| | |
|---|---|
| **2.15 Ба Шумо маълумоти иловагӣ дода шуда буд, ки ба куҷо ҳангоми зарурат муроҷиат намоед?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐ | **2.16 Шумо дар умум кори Нозироти андозро дар чӣ сатҳ арзёбӣ менамоед?**<br>олӣ ☐<br>миёна ☐<br>қаноатбахш ☐<br>ғайриқаноатбахш ☐<br>шарҳи иловагӣ________________<br>________________________________<br>________________________________ |

## 3. Ҳолатҳои низоъ (даъво)

| | |
|---|---|
| **3.1 Шумо шоҳиди он будед, ки ҳангоми хизматрасонӣ ҳолатҳои ногувор байни нозири андоз (ё роҳбараш) ва андозсупоранда гузашта бошад. Агар ҳа пас бо айби кӣ нофаҳмӣ руй дод?**<br>Не ☐<br>Бо айби андозсупоранда ☐<br>Бо айби нозири андоз ☐ | **3.2 Агар шумо шоҳиди ҳолати (низоъ, даъво) ногувор байни нозир ва андозсупоранда ҳангоми хизматрасонӣ шудед пас барои ҳалли масъала кӣ даъват шуд (сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ё дигар роҳбар)?**<br>Ҳа ☐<br>Не ☐<br>Дигар ҳолат__________________<br>____________________________<br>____________________________ |
| **3.3 Ҳолати баамаломада дар куҷо ҳалли худро пайдо намуд?**<br>Дар назди андозсупорандагон☐<br><br>Дар утоқи нозир ☐<br>Дигар ҳолат ______________________ | |

## 4. Таассуроти умумӣ

| | |
|---|---|
| **4.1. То чӣ андоза дар умум хизматрасониии Нозироти андоз саривакт ва бо сифат ташкил карда шудааст?**<br>олӣ ☐<br>миёна ☐<br>қаноатбахш ☐<br>ғайриқаноатбахш ☐<br>шарҳи иловагӣ________________<br>________________________________<br>________________________________<br>________________________________<br>________________________________ | **4.2 Таасуроти умумии худро аз ташриф ба Нозироти андоз қайд намоед.**<br><br>олӣ ☐<br>миёна ☐<br>қаноатбахш ☐<br>ғайриқаноатбахш ☐<br>шарҳи иловагӣ________________<br>________________________________<br>________________________________<br>________________________________<br>________________________________ |

**РАИСИ**
**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

10.01.2013 №9 ш.Душанбе

**«Оид ба қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз дар мақомоти ҳудудии андоз»**

Мутобиқи талаботи моддаҳои 50, 51 ва 53 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ки бо Фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №336 аз 27 ноябри соли 2012 тасдиқ гардидааст, фармоиш медиҳам:

1. Эъломияҳои андоз дар нозиротҳои андози маҳалли қайди андозсупорандагон танҳо аз ҷониби кормандони масъули мақомоти андоз (ба истиснои шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи бо фармонҳои дахлдор нисбаташон дигар тартиб муқарраршуда), ки тибқи фармоиши дахлдори мақомоти ҳудудии андоз, андозсупорандагон ба онҳо вобаста карда шудаанд, қабул карда шавад.
2. Қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз дар Нозироти андозсупорандагони калон ва шуъбаҳои он, Нозироти андозсупорандагони миёна бо гузоштани дастхати сардори Нозирот (шуъба), дар ҳолатҳои узрнок шахсони онҳоро ивазкунанда, аз ҷониби кормандони ба андозсупоранда вобастакардашуда ба роҳ монда шавад.
3. Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон сардорони мақомоти ҳудудии андоз дар асоси пешниҳоди хаттии сардорони бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон бо намуди фаъолият ва бо назардошти сатҳи дониш ва малакаи корӣ, барои қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз тибқи

Замимаи №1 бо фармоиши мазкур, андозсупорандагонро (шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) ба кормандон то санаи 20 январи соли 2013 вобаста намоянд.

4. Дар давоми сол, танҳо дар ҳолати ба дигар мансаб гузаштани нозири мутассадии андозсупоранда ва бо сабабҳои узрнок дар кор набудани корманди ба андозсупоранда вобастакардашуда (рӯхсати меҳнатӣ, беморӣ,иштирок дар курсҳои бозомузӣ ва дигар ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ муайян намудаст) мувақатан то ба кор баромадани ӯ, сардори нозироти андоз вазифадор аст, ки дар давоми то се рӯзи корӣ дар асоси фармоиши иловагӣ, қабули эъломияҳои андозро ба дигар корманди масъул вобаста намояд. Феҳристи коғазӣ ва электронии фармонҳоро ба роҳ монда, дар муҳлати то 5 – рӯзи корӣ пас аз қабули Фармон, нусхаи онро ба Кумитаи андоз ирсол намоянд.

5. Эъломияҳои (ҳисоботи) андоз аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) интихобан ба тариқи зайл пешниҳод карда мешавад:

- бо тартиби шахсан ҳозир шудан ё ба воситаи намоянда;

- тавассути почта бо фиристодани мактуби фармоишӣ бо огоҳинома (ба истиснои андозсупорандагони дар қайди Нозироти андозсупорандагони калон буда);

- дар шакли электронӣ.

6. Дар ҳолати бо тартиби шахсан ҳозир шудан ва дар шакли коғазӣ пешниҳод намудани ҳисоботи андоз, он дар ду нусха пешниҳод карда мешавад. Як нусхаи ҳисоботи андоз бо қайди мақомоти андоз ба андозсупоранда (агенти андоз) баргардонида мешавад.

7.Эъломияи (ҳисоботи) андоз дар шакли электронӣ тибқи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ пас аз гирифтани калид ва рамзи дахлдор амалӣ карда шуда, ҳангоми пешниҳод ба мақомоти андоз бо имзои электронии андозсупоранда (агенти андоз) тасдиқ карда мешавад;

8. Дар рафти қабули эъломияҳои андоз, талаботҳои зеринро қатъиян риоя намоянд;

- бо тартиби муқарраргардида ба андозсупорандагон шаклҳои ҳисоботи андозро пешниҳод кунанд ва тартиби пур кардани онҳоро фаҳмонанд, тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳоро, аз ҷумла дар шакли хаттӣ шарҳ диҳанд;

- эъломияҳои (ҳисоботи) андоз дар шакли қоғазӣ ё электронӣ бо забони давлатӣ бояд бе восита аз ҷониби андозсупоранда (соҳибкори инфиродӣ, сармуҳосиб, раҳбари корхона) ва ё намояндаи қонунии (расман муайяншудаи) андозсупоранда пешниҳод карда шаванд;

- аз тарафи дигар шахсоне, ки намояндаи қонунии андозсупоранда эътироф нагардидаанд (аз ҷумла нозирони андоз), пешниҳоди эъломияҳои андози соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқи қатъиян манъ аст. Дар ҳолати ошкор гардидани чунин ҳолатҳо ва дигар ҳолатҳои бе ташрифи андозсупоранда "барасмият даровардани эъломияҳои андозсупоранда" нисбати шахсони қабул кунандаи эъломияи андоз муҷозоти интизомӣ то сабукдуш кардан аз вазифаи хизматӣ ва андешидани дигар чораҳои қонунгузрӣ муқаррар намуда, андешида мешавад.

- эъломияҳои (ҳисоботи) андоз бо забони давлатӣ таҳия гардида, бояд аз ҷониби андозсупоранда, агенти андоз (роҳбар ва сармуҳосиб) бо гузоштани имзо, сана ва бо мӯҳри андозсупоранда (дар мавриди доштани муҳр) тасдиқ карда шаванд.

9. Эъломияи (ҳисоботи) андоз ба мақомоти дахлдори андоз дар мухлатҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз пешниҳод карда мешавад. Агар бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ фаъолияти андозсупоранда қатъ карда нашуда бошад, новобаста аз фаъолият доштан ва ё надоштан барои пешниҳоди эъломияи (ҳисоботи) дахлдори андоз андозсупоранда уҳдадор аст.

10. Намояндаи андозсупоранда ё агенти андоз, ки оид ба таҳияи ҳисоботи андоз дар шакли коғазӣ ба андозсупоранда хизмат мерасонад, уҳдадор аст онро имзо карда, муҳр гузорад ва рақами мушаххаси андозсупорандаи худро дар он дарҷ намояд. Агар ҳисоботи андозро беш аз як нафар намояндаи андозсупоранда тартиб диҳанд, онро танҳо намояндаи асосӣ имзо менамояд.

11. Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи андоз аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) ё намояндаи вай, ҷавобгарӣ барои дурустии маълумоти дар ҳисоботи андоз зикрёфта ба зиммаи андозсупоранда (агенти андоз) ё намояндаи вай гузошта мешавад.

12. Кормандони шуъбаҳо (бахшҳои) хизматрасонии мақомоти андоз, ки тибқи фармоиши дахлдор андозсупорандагон ба онҳо вобаста карда шудаанд, ҳангоми қабули эъломияҳои (ҳисоботи) андоз уҳдадоранд талаботи зеринро риоя намоянд:

- хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро дар доираи Талаботи асосии ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ки бо Фармоиши Кумитаи андоз №348 аз 30.11.2012 тасдиқ гардидааст ба роҳ монанд;

- хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар доираи талаботи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ оид ба “Қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз” (рамзи 06.00.00), “Қабули эъломияҳои электронии (ҳисоботҳои) андоз” (рамзи 07.00.00), ки бо Фармоиши Кумитаи андоз №336 аз 27.11.2012 амалӣ намоянд;

- баъд аз қабули эъломияи андоз бо гузоштани қайдҳои дахлдор дар нусхаҳои ҳар як намудаи эъломияи (ҳисоботи) андоз, нусхаҳои дуюми эъломияро ба андозсупоранда баргардонанд;

- тибқи талаботи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, пас аз қабули ҳисоботҳои андоз назорати камералӣ гузаронанд;

- дар сурати ошкор шудани номутобиқатии маълумотҳо дар эъломияҳои (ҳисоботи) андозсупоранда ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ, тибқи талаботи моддаи 37 Кодекси андоз ва мактубҳои дастурии Кумитаи андоз амал намоянд;

- баъди қабули эъломияҳои андоз онҳоро на дертар аз 24 соати корӣ ба барномаи компютерии СИА дохил кунанд;

- дар рафти хизмарасонӣ ба андозсупорандагон ҷиҳати хонапуркунии варақаҳои Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон

(Ҷадвали Мониторинги мурочиати таширифотии андозсупоранда – шакли №2.2.), ки тавассути сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) дар шакли электронӣ ва ё пурсишҳои хаттӣ амалӣ мегардад, мусоидат намоянд.

- шуъбаҳои (бахшҳои) хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар якҷояги бо шӯъбаҳои (бахшҳои) санҷишҳои амалиётӣ, муоинаи хронометражӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунӣ нисбати андозсупорандагоне, ки эъломияҳои андозро сари вақт пешниҳод наменамоянд тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯи намоянд;

13. Сардорони мақомоти ҳудудии андоз бо истифода аз маълумотҳои барномаи компютерии СИА ва дигар маълумотҳои алоқаманд ба иҷрои ухдадориҳои андозӣ, назорати маблағҳои ҳисобу пардохтшавандаи андозро аз рӯи ҳар як корманди ба андозсупоранда вобасташуда ба роҳ монанд.

14. Масъулияти татбиқи дурусти талаботи фармоиши мазкур бевосита ба зиммаи сардорони мақомоти ҳудудии андоз гузошта шуда, дар сурати ба камбудиҳо роҳ додан нисбати кормандони масъул ва сардорони мақомоти ҳудудии андоз чораҳои интизомӣ андешида мешавад.

15. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (Абдуллоев С.):

- барои ташкил намудани семинар – машваратҳо дар мақомоти ҳудудии андоз, бо мақсади татбиқи дурусти Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон оид ба “Қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз” (рамзи 06.00.00.), тартиби пур кардани эъломияҳои андоз ва Фармоиши мазкур чораҷӯӣ намояд.

- дар якҷояги бо Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо (Меликов К.) бо мақсади дуруст ба роҳ мондани коргузорӣ тавассути барномаи комппютерии СИА, Мониторинги фармонҳои мақомоти ҳудудии андоз, ки дар асоси онҳо кормандони мақомоти андоз барои қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андозсупорандагон вобаста карда мешаванд, ташкил намояд;

16. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ (Хоҷабекова Ё.) фармоиши мазкурро ба маълумоти мақомоти ҳудудии андоз ва раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, ВМКБ, раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ш. Душанбе, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дасрас намояд.

17. Фармоиши мазкур дар ҳафтаномаи “Боҷу хироҷ” ба табъ расонида, дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир карда шавад.

18. Фармоиши Кумитаи андоз аз 27 июли соли 2010 таҳти №168 беэътибор дониста шавад.

19. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини якуми Раиси Кумитаи андоз Солиев А. М. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н. Давлатов**

Замима ба
Фармоиши Раиси Кумитаи андоз
аз 10.01.2013, №9

Бо мақади дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, таъмини риояи талаботи Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 27.11.2013 №336 ва баланд бардоштани масъулияти кормандони мақомоти андоз ҷиҳати татбиқи талаботи банди 3 Фармоиши мазкур ва пешниҳоди хаттии Сардори шуъба (бахш),

**ФАРМОН МЕДИҲАМ:**

1. Дар асоси пешниҳоди хаттии Сардори шӯъбаи (бахши) ________________________________________________
( номи шуъба ё бахш ва ному насаб)

номгӯи ______________________________-и дар банди 2 Фармоиши мазкур
(шахсони ҳуқуқии ё соҳибкорони инфиродии)

дарҷ гардида ба _____________________________________________________
(вазифа, ному насаби корманде, ки андозсупорандагон ба ӯ вобаста карда мешаванд)

вобаста карда шаванд.

1. Рӯйхати андозсупорандагони вобасташаванда:

| № р/т | Ном ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва (ё) ному насаби соҳибкори инфиродӣ | РМА | Санаи ташкилшавӣ |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

3.Корманди масъул:

- ӯҳдадораст, ки дар мавриди қабули эъломияҳои андоз талаботи Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз “10” январи соли 2013 таҳти №9 ва Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон оид ба “Қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз (06.00.00.)”- ро риоя намояд;

- барои дар парванда ҷамъ овардан ва нигоҳ доштани тамоми ҳисоботҳои андоз ва дигар маълумотҳои ба иҷрои ӯҳдадориҳои андозии андозсупоранда тааллуқ дошта, ки қонунгузории андоз муқаррар намудааст, ҷавобгар мебошад.

**Сардори Нозироти андоз** _______________ ____________________
(имзо, мӯҳр) (Ному насаб)

Бо талаботи фармоиши мазкур ва Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз “10” январи соли 2013 шинос шуда, ҳамчун шахси масъул имзои худро мегузорам:

______________ _____________________________________ _______________

(имзо) (вазифаи ишғолкарда, ному насаб) (сана)

*№1671/7.1. аз 01.03.2013*

**Мақомоти ҳудудии андоз**

***“Оид ба татбиқи СЯДХ ба андозсупорандагон”***

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуморо огоҳ менамояд, ки рафти татбиқи амалии Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар мақомоти ҳудудии андоз ғайри қаноатбахш аст.

Мурочиатҳои пай дар пайи андозсупорандагон ба Кумитаи андоз аз он шаҳодат медиҳад, ки кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар муносибат ба андозсупорандагон талаботи фармонҳои Кумитаи андоз аз 31.05.2010 №160 «Қоидаҳои рафтори кормандони мақомоти андоз» ва аз 30.11.2012№348«Оид ба тасдиқи Талаботи асосии ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагонва Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон» риоя наменамоянд.

Аз 01.01.2013 бо баробари мавриди амал қарор гирифтани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 №451 “Дар бораи тасдиқи қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд” намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкории дар асоси патент амалишаванда маҳдуд гардида, тибқи шаҳодатномаи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва ё бо ташкили шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешаванд. Аксари чунин соҳибкорон дар низоми соддакардашудаи андозбандӣ фаъолияти худро идома медиҳанд.

Мутобиқ ба талаботи **Дастурамал «Дар бораи ҳисоб кардан ва супоридани андози низоми соддакардашуда»,** ки тибқи Фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 - уми декабри соли 2012 № 12-ф тасдиқ гардида мавриди амал қарор дорад, манбаи андози тибқи низоми соддакардашудаи андозбандӣ даромади умумӣ дар асоси усули хазинавӣ буда, эъломияи андоз ҳар семоҳа на дертар аз санаи 10-уми моҳе, ки баъд аз давраи андоз фаро мерасад, ба мақомоти андоз пешниҳод карда мешавад. Маблағи андози тибқи низоми соддакардашудаи андозбандӣ низ дар ҳамин мӯҳлат ба буҷет пардохт карда мешавад.

Соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд мутобиқ ба талаботи қисми 5 моддаи 218 Кодекси андоз барои пешниҳоди эъломияи андози иҷтимоӣ ҳар моҳ то санаи 15-уми моҳи минбаъда ва пардохти маблағи андоз дар ҳамин муҳлат уҳдадор мебошанд. Меъёри андози иҷтимоӣ барои ин соҳибкорони инфиродӣ 1% -и даромади умумиро ташкил дода, аз андозаи баландтарини андози иҷтимоии барои соҳибкорони дар асоси патент фаъолияткунанда (бо назардошти коэфиссиентҳои минтақавӣ) муқарраргардида, кам буда наметавонад. Яъне, дар ш.Душанбе андози иҷтимоӣ барои соҳибкори

инфиродӣ дар як моҳ 1%-и даромади умумӣ, аммона кам аз 120 сомониро ташкил менамояд.

Ҳамзамон, бо назардошти он, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» банақшагирии моҳонавии андози тибқи низоми соддакардашудаи андозбандиро муқаррар кардааст,андозсупоранда метавонад маблағи андози тибқи низоми соддакардашудаи андозбандиро ҳар моҳ то санаи 15-уми моҳи минбаъда ихтиёран пардохт намояд.

Таҳлили рафти қабули эъломияҳои андози тибқи низоми соддакардашуда нишон дод, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ин муқаррарот риоя нагардида, ҳар моҳ аз андозсупорандагон пешниҳоди эъломияи андози тибқи низоми соддакардашудаи андозбандӣ талаб карда мешавад. Зиёда аз ин, ҳангоми қабули эъломияҳои андоз, бе асосҳои кофӣ ҳолатҳои аз андозсупорандагон талаб намудани яку якбора зиёд нишон додани манбаҳои андозбандишаванда ва таъминипардохти он ба буҷа бисёр мушоҳида мегардад.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти андоз ҳуқуқидар ҳолатҳои алоҳида дар доираи санҷишҳои амалиётӣ, муоинаҳои хронометражӣ, бо истифода аз усули арзёбии мустақим ё ғайримустақим баррасӣ намудани ӯҳдадориҳои андозсупорандаропешбинӣ намуда, Кумитаи андоз барои таъмини татбиқи дурусти амалии ин муқаррарот зерсанадҳои дахлдорро кабул намудааст, ки айни замон мавриди амал қарор доранд.

Бинобар ин, соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, дар моҳи ҳисоботӣ бо пешниҳоди эъломияи андози иҷтимоӣ маблағи андози иҷтимоиро на кам аз ҳадди муқарраргардидапардохт карда, метавонад андози тибқи низоми соддакардашударониз дар ҳамин давра ихтиёран пардохт намоянд. **Мақомоти ҳудудии андоз ҳуқуқи бе асосҳои кофӣ аз андозсупоранда барзиёд талаб намудани пардохти маблағи андозҳоро надорад.**

Аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз зиёд намудани ӯҳдадориҳои андозии андозсупоранда, танҳо дар доираи муоинаи хронометражӣ, санҷишҳои амалиётии гузаронидашуда, дигар иттилооти дастрасгардида, ки натиҷаи онҳо бо андозсупоранда мувофиқа шудааст ва ба он андозсупоранда эрод надорад амалӣ карда мешавад. Дар асоси талаботи қисми 16 моддаи 52 Кодекси андоз қабули эъломияи андоз аз ҷониби корманди масъули мақомоти андоз бе гузаронидани назорати камералии пешакӣ, амалӣ карда мешавад.

Тибқи банди 14 Фармоиши Кумитаи андоз аз 10.01.2013 №9 «Оид ба қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз дар мақомоти ҳудудии андоз» масъулияти татбиқи дурусти талаботҳо дар мавриди қабули эъломияҳои андоз ба зиммаи сардорони мақомоти ҳудудии андоз гузошта шуда, дар сурати ба камбудиҳо роҳ додан нисбати кормандони масъул ва сардорони мақомоти ҳудудии андоз андешидани чораҳои интизомӣ пешбинӣ шудааст.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки бо мактуби дастурии мазкур ҳар як корманди худро бо гузоштани дастхат шинос намуда, дар мавриди муносибатҳои андозӣбо андозсупорандагон талаботҳои қайдгардидаи қонунгузории андозро риоя намоянд.

**Раис Н.Давлатов**

*№6262/7.1. аз 12.11.2012*

**Мақомоти ҳудудии андоз**

***«Доир ба гузариш аз як низоми андозбандӣ ба дигарнизоми андозбандӣ»***

Дар асоси талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқарраароти интиқолӣ, яъне гузариш аз як низоми андозбандӣ ба низоми дигари андозбандӣ бо назардошти натиҷаҳои фаъолияти соли 2012, чунин дастур медиҳад.

Ҷиҳати халалдор насохтани фаъолияти андозсупорандагон ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои гузариши соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда бо таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, гузариши супорандагони низоми соддакардашудаи андозбандӣ ба низоми умумӣ ва баръакс, тибқи моддаи 327 Кодекси андоз амалӣ карда мешавад.

Тибқи муқарраароти интиқолӣ андозсупорандагоне, ки бо назардошти натиҷаи фаъолияташон дар соли 2012 ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав мутобиқ намебошанд, ӯҳдадоранд:

**1. Нисбати соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси Шаҳодатнома фаъолият менамоянд**

а) Агар дар соли 2012 даромади умумии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда аз 500 ҳазор сомонӣ бештар бошад (аз ҷумла супорандаи андози ягона) соҳибкор ӯҳдадор аст, ки то 1-уми апрели соли 2013 фаъолияти соҳибкории худро дар асоси шаҳодатнома қатъ намояд. Дар ин муддати гузариш андозҳо тибқи меъёрҳои нави қонунгузорӣ ҳисоб ва пардохт карда мешаванд. Фаъолияти чунин соҳибкори инфиродӣ баъд аз 1 апрели соли 2013 ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад ва ӯ баъд аз 1 апрел соли 2013 танҳо дар шакли шахси ҳуқуқӣ метавонад фаъолияти худро идома диҳад.

Дар ҳолати аз 1 январ то 31 марти соли 2013 қатъ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва идома додани он дар шакли шахси ҳуқуқӣ аз чунин шахс боҷҳои давлатӣ барои қатъ намудани фаъолият ва оғоз намудани фаъолият ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ситонида намешаванд.

Барои соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти минбаъдаи худро идома надода, фаъолиятро қатъ менамоянд, боҷи давлатӣ ситонида мешавад.

Дар ҳолате, ки дар давраи аз 1 январ то 1 апрели соли 2013 соҳибкори инфиродии қатъшаванда хоҳиш пайдо намояд, ки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои соҳибкории инфиродии он (аз ҷумла, молу мулк ва (ё) супорандаи ААИ будан) ба шахси ҳуқуқии таъсисдодашавандааш гузарад, чунин амал бояд дар созишномаи сетарафа байни соҳибкори инфиродӣ, шахси ҳуқуқии навтаъсиси он ва мақомоти андози дахлдор дарҷ карда шавад (Замима карда мешавад).

Дар асоси созишномаи зикргардида ҳуқуку ӯҳдадориҳои соҳибкори инфиродӣ ба шахси ҳуқуқӣ мегузарад, мақомоти андози дахлдор вазифадор аст ба чунин шахси ҳуқуқӣ шаҳодатномаи супорандаи ААИ-ро диҳад. Мақомоти андоз санҷиши ҳуҷҷатии фаъолияти чунин соҳибкорони инфиродиро дар Накшаи гузаронидани санҷишҳои андоз барои давраҳои минбаъда ба инобат гирифта, тибқи тартиби муқарраршуда санҷиши маҷмӯии андози онҳоро амалӣ менамояд.

б) Дар ҳолати даромади умумии соҳибкори инфиродӣ аз 1 январи соли тақвимӣ дар давоми ягон моҳи фаъолият дар солҳои минбаъда зиёда аз 500 ҳазор сомониро ташкил намояд, чунин соҳибкори инфиродӣ ӯҳдадор аст аз санаи 1-уми моҳи дигари соли зикргардида фаъолияти соҳибкории худро қатъ намояд. Фаъолияти минбаъдаи чунин соҳибкори инфиродӣ дар шакли шахи ҳуқуқӣ бароҳ монда мешавад.

в) Соҳибкорони инфиродӣсупорандагони андоз аз арзиши иловашудае, ки дар низоми соддакардашудаи андозбандӣ фаъолият намуда даромади умумиашон дар соли 2012 то 500 ҳазор сомониро ташкил менамояд (бо назардошти моҳи декабр) бақайдгириашон ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда аз 1-уми январи соли 2013 бекор карда мешавад. Молҳои дар лаҳзаи бекоркунӣ дар ихтиёри чунин андозсупоранда қарордошта бо мақсади андоз аз арзиши иловашуда амалиёти андозбандишаванда ҳисобида мешавад (қисми 7 моддаи 164 Кодекси андоз). Дар чунин ҳолат андозсупоранда ӯҳдадор аст эъломияи ҷамбастии андоз аз арзиши иловашударо пешниҳод намояд.

Нозиротҳои андоз ӯҳдадоранд, ки вобаста ба маҳалли қайди чунин андозсупорандагон бақияи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашудаи то санаи 0101.2013 истифоданашуда ва сертификати супорандаи андоз аз арзиши иловашудаи онҳоро бозгардонида гиранд.

г) Соҳибкори инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома ба истеҳсоли молҳои зераксизӣ, фаъолияти бонкӣ, суғуртавӣ, идоракунии фондҳои сармоягузорӣ, фаъолияти касбӣ дар бозори қоғазҳои қиматнок, фаъолият доир ба истифодабарии қаъри замин, қабул, коркард ва таҳвили металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо, дигар металҳо, консентрат, оҳанпора ва маъданҳо, сузишворӣ, гази моеъ ва табиӣ, таъсиси бозорҳо, меҳмонхонаҳо ва ташкили сеххои оҳангудозӣ машғул мебошанд, ӯҳдадоранд, ки фаъолияти соҳибкориашонро дар асоси шаҳодатнома то 1-уми январи соли 2013 қатъ намоянд.

Дар мавриди идома додани фаъолият, шакли ташкилию ҳуқуқии худро ҳамчун шахси ҳуқуқи ба роҳ мемонанд.

Дар асоси созишномаи дар зербанди "а)"-и ҳамин қисм пешбинишуда чунин соҳибкори инфиродӣ метавонад ҳуқуку ӯҳдадориҳои худро (аз ҷумла молу мулк, супорандаи ААИ будан)-ро ба шахси ҳуқуқии таъсисдодааш то 1 январи соли 2013 гузаронад.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки то 1 декабри соли 2012 ба ин гуна андозсупорандагон оиди иҷро намудани талаботи мазкур огоҳиномаи дахлдор ирсол намоянд ва онро таҳти назорати минбаъда қарор диханд.

**2. Нисбати шахсони ҳуқуқие, ки супорандаи андоз тибқи низоми соддакардашуда мебошанд:**

а) Супорандагони андоз аз арзиши иловашудае, ки дар низоми соддакардашудаи андозбандӣ фаъолият намуда даромади умумиашон дар соли 2012 то 500 ҳазор сомониро ташкил менамояд (бо назардошти моҳи декабр) бақайдгириаш он ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда аз 1-уми январи соли 2013 бекор карда мешавад. Молҳои дар лаҳзаи бекоркунӣ дар ихтиёри чунин андозсупоранда қарордошта бо мақсади андоз аз арзиши иловашуда амалиёти андозбандишаванда ҳисобида мешавад (қисми 7 моддаи 164 Кодекси андоз). Дар чунин ҳолат андозсупоранда ӯҳдадор аст эъломияи ҷамбастии андоз аз арзиши иловашударо пешниҳод намояд.

Нозиротҳои андоз ӯҳдадоранд, ки вобаста ба маҳалли қайди чунин андозсупорандагон бақияи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашудаи то санаи 01.01.2013 истифоданашуда ва шаҳодатномаи супорандаи андоз аз арзиши иловашудаи онҳоро бозгардонида гиранд.

б) Дар ҳолати даромади умумии супорандаи андоз тибқи низоми соддакардашуда, ки супорандаи андоз аз арзиши иловашуда мебошад аз 500 ҳазор сомонӣ бештар бошад, чунин андозсупоранда бояд аз 1-уми январи соли 2013 ба низоми умумии андозбандӣ гузарад. Ҳамзамон супорандаи андоз аз арзиши иловашуда будани худро идома медиҳад.

Дар ҳолати супорандаи ААИ набудани чунин шахс, он бояд аз 1 январи соли 2013 ариза дода, ба феҳристи супорандагони ААИ дохил карда шавад.

**3. Нисбати шахсони ҳуқуқии дар низоми умумии андозбандӣ фаъолияткунанда**

а) Агар даромади умумии андозсупорандагони тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолияткунанда дар соли 2012 аз 500 ҳазор сомонӣ кам буда, онҳо на кам аз 3 соли тақвимии пай дар пайи қаблӣ тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолият дошта бошанд, бояд аз 1-уми январи соли 2013 ба яке аз низомҳои махсуси андозбандӣ гузаранд ва бақайдгирии худро барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда бекор намоянд.

Нозиротҳои андоз ӯҳдадоранд, ки вобаста ба маҳалли қайди чунин андозсупорандагон бақияи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашудаи то санаи 01.01.2013 истифоданашуда ва шаҳодатномаи супорандаи андоз аз арзиши иловашудаи онҳоро бозгардонида гиранд.

Дар натиҷаи бекор кардани бақайдгирии ААИ-и ин гуна андозсупорандагон, молҳои дар лаҳзаи бекоркунӣдар ихтиёрашонқарордошта ҳамчун молҳои дар доираи амалиёти андозбандишаванда таҳвилшуда ҳисоб мегарданд.

Яъне, маблағҳои андоз аз арзиши иловашуда, ки то бекоркунӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда нисбати молҳои харидашуда, ки пештар ҳангоми андозбандӣ аз даромади андозбандишаванда бо меъёри стандартӣ тарҳ карда шуда буданд, дар ҳисоботи ҷамъбастӣ (охирин) то бекоркунии

бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда тибқи тартибе, ки Кодекси андоз пешбинӣ намудааст, бақия молҳо ҳамчун амалиёти андозбандишаванда дониста мешавад.

в) Андозсупорандагони низоми умумӣ, ки то 1 январи соли 2013 супорандаи андоз аз арзиши иловашуда набуданд, вале даромади умумиашон аз 500,0 ҳазор сомонӣ бештар мебошад, ӯҳдадоранд ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шаванд.

Нисбати амалиётҳои андозбандишавандаашон бо назардошти талаботи моддаи 181 кодекси андозҳуқуқ доранд андоз аз арзиши иловашудаи ба дигар андозсупорадагон пардохтнамудаашонро баҳисоб гиранд.

**4. Нисбати шахсоне, ки аз 1 январи соли 2013 ААИ-ро бо меъёри 5% месупоранд**

Супорандагони ААИ, ки тибқи қисми 2 моддаи 181 Кодекси андоз ААИ-ро бо меъёри 5% (меъёри пасткардашуда) аз 1 январи соли 2013 месупоранд, тибқи талаботи сархати 7 қисми 5 моддаи 183 Кодекси андоз бояд то санаи 15 январи соли 2013 эъломияи иловагӣ бо меъёри 18% (меъёри стандартӣ) пешниҳод намуда, маблағи ААИ-и барои бақияи мол пардохтшударо бекор намояд (ба истиснои молҳои воридотӣ). Таҳвили минбаъдаи молҳои воридотӣ бо меъёри 18 % андозбандӣ мешаванд.

Сардорони мақомоти ҳудудии андоз ӯҳдадоранд, ки тамоми кормандонро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, доир ба он семинари омӯзишӣ гузаронида протокол тартиб диҳанд ва нусхаи онро ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон барои ба маълумоти андозсупорандагон расонидани талаботи мактуби мазкур чорачӯи намуда, нусхаи онро дар лавҳаи маълумотҳои нозирот ҷойгир намоянд. Иҷрои талаботҳои Кодекси андоз новобаста аз огоҳ ёфтани андозсупоранда аз муқаррароти он, ҳатмист.

Масъулияти дар мӯҳлатҳои муқарраргардида таъмин намудани талаботҳои дастури мазкур бевосита ба зиммаи сардорони мақомоти ҳудудии андоз ва кормандони мутассадии онҳо гузошта мешавад.

**Муовини**
**якуми Раис** **А.Солиев**

*Эзоҳ: Шакли электронии замимаҳо дар сомона ҷойгир карда шудааст.*

*№6311/7.1 аз 14.11.2012*

**Мақомоти ҳудудии андоз**
**Шӯъба ва бахшҳои**
**бақайдгирии давлатии**
**шахсони ҳуқуқӣ ва**
**соҳибкорони инфиродӣ**

***«Доир ба ҳолатҳои гузариш аз тартиби андозбандии патентӣ ба дигар тартиби андозбандӣ»***

Дар асоси талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" аз 31.08.2012 таҳти №451, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти интиқолӣ, яъне гузариш аз тартиби андозбандии патентӣ ба тартиби (низоми) дигари андозбандӣ, чунин дастур медиҳад.

Ҷиҳати халалдор насохтани фаъолияти андозсупорандагон ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои гузариш аз тартиби андозбандии патентӣ ба дигар тартиби (низоми) андозбандӣ дар моддаи 327 Кодекси андоз ва талаботи қарори қайдгардида муқаррароти интиқолии пешбинӣ гардидааст, ки дар доираи он тартиби иваз намудани низоми андоз бо назардошти натиҷаи фаъолият дар соли 2012 амалӣ карда мешавад.

Тибқи муқаррароти интиқолӣ андозсупорандагоне, ки бо назардошти натиҷаи фаъолияташон дар соли 2012 ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти №451 мутобиқ намебошанд, ӯҳдоранд:

1. Агар даромади умумии соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда дар соли 2012 аз 100 ҳазор сомонӣ бештар бошад, чунин соҳибкор ӯҳдадор аст то 1 апрели соли 2013 фаъолияти соҳибкории худро дар асоси патент қатъ намояд.

2. Тибқи банди 31 қарори мазкур:

а) Агар намуди фаъолияти соҳибкори инфиродии дар соли 2012 тибқи патент фаъолияткунанда дар Номгӯйи нави патент пешбинӣ нагардида бошад, чунин соҳибкори инфиродӣ ӯҳдадорар аст фаъолияти худро то санаи 01.04.2013 қатъ намояд.

Мақомоти ҳудудии андоз барои сари вақт қатъ намудани намуди фаъолиятҳое, ки дар Номгӯйи нави фаъолият тибқи патент (қарори ҲҶТ аз 31.08.2012 таҳти №451) муқаррар нашудааст чораҷӯи намуда, бо хоҳиши худи соҳибкор дар асоси шаҳодатнома (ва ё бо ташкили шахси ҳуқуқӣ) ба роҳ мондани фаъолияти онҳо тадбирҳо андешанд. Номгӯйи мухтасари чунин намуди фаъолиятҳо ба мактуби дастурии мазкур замима карда мешавад.*(дар ҷойгир карда шудааст).*

Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи қатъи фаъолият, Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ бо қайд дар бораи қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ тибқи патент мебошад.

б) Агар намуди фаъолияти соҳибкори инфиродии дар соли 2012 тибқи патент фаъолияткунанда дар Номгӯйи нави патент пешбинӣ гардида бошад, чунин соҳибкори инфиродӣ маблағи патентро барои фаъолият аз 01.01.2013 мутобиқ ба меъёрҳои дар Номгӯйи нав муқарраргардида пардохта менамояд.

Бо назардошти талаботи қисми 1 ва банди а) қисми 2, дар ҳолатҳои аз 1-уми январ то 1-уми апрели соли 2013 қатъ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ тибқи патент ва идома додани он тибқи шаҳодатнома ва ё бо ташкили шахси ҳуқуқӣ, аз чунин шахс боҷҳои давлатиро барои қатъ намудани фаъолият ва оғоз намудани фаъолият ситонида намешаванд. Дар сурати бар хилофи талаботҳои қайдгардида (зиёда аз 100 ҳазор сомонро ташкил намудани даромади умумӣ дар давоми моҳи дилхоҳи соли тақвимӣ ва ё дар Номгӯи нав пешбинӣ нашудани намуди фаъолият) фаъолият намудани соҳибкор ва ё дар муҳлати то 01.04.2013 муроҷиат накардани ӯ ба мақомоти андоз оиди идома додани (қатъ намудани) фаъолият, чунин соҳибкори инфиродӣ бо меъёри 10-каратаи андозаи моҳонаи андозҳои ба фаъолияти ӯ дахлдошта барои ҳамин давраҳо андозбандӣ карда мешавад.

Аз соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти минбаъдаи худро идома надода фаъолияташонро қатъ менамоянд, боҷи давлатӣ ситонида мешавад.

Соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияташон ба талаботи банди б) қисми 2 мутобиқат менамояд, варақаи патенти онҳо ба варақаи нави патент дар бахшҳои дахлдори бақайдгирии давлатӣ бо таври ройгон иваз карда мешавад.

Ба намудҳои фаъолияти соҳибкорие, ки дар Номгӯйи нав (қарори ҲҶТ аз 31.08.2012 таҳти №451) дарҷ нагардидаанд, шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ дода мешавад (ба истиснои ҳолатҳое, ки додани шаҳодатнома манъ шудааст) .

3.Пас аз 01.01.2013 агар дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ - дорандаи патент ҳолатҳои зерин:

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ (патенти дахлдор) ба номи чунин соҳибкор дода нашуда бошад;

- маблағи патент барои моҳи (моҳҳои) тақвимии минбаъда аз ҷониби соҳибкор пешакӣ (бо тариқи пешпардохт) пардохт нашуда бошад;

- соҳибкори инфиродӣ фаъолиятро бо ҷалби коргарони кироя ва ба амалӣ намудани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ анҷом дода бошад;

- намуди фаъолияти соҳибкории анҷомдодашавандаи соҳибкор дар Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки бо қарори мазкур тасдиқ шудааст, пешбинӣ нашуда бошад;

- даромади умумии соҳибкори инфиродӣ дар соли тақвимӣ аз 100 ҳазор сомонӣ зиёд бошад;

- шахси воқеӣ амалан коргари кироя маҳсуб ёфта, фаъолияти он бо қонунгузории меҳнат ва (ё) шартномаи меҳнатӣ ва (ё) тартиби кории шахси

ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шавад, ё шахси воқеӣ танҳо ба як шахси дигар хизмат намуда (кор карда), муносибатҳои онҳо дорои аломатҳои муносибатҳои меҳнати бошанд, ҷой дошта бошад, чунин соҳибкор ӯҳдадор аст дар мӯҳлати на зиёда аз 10 рӯзи тақвимӣ бо тартиби муқарраргардида оид ба қатъ намудани фаъолият тибқи патент ариза диҳад. Дар акси ҳол чунин соҳибкори инфиродӣ бо меъёри 10-каратаи андозаи моҳонаи андозҳои ба фаъолияти ӯ дар ин давраҳо дахлдошта андозбандӣ карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи қатъи фаъолият, Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ бо қайд дар бораи қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ тибқи патент мебошад.

Ҳангоми идома додани фаъолият барои ба расмиёт даровардани қатъи фаъолият тибқи системаи патентӣ ва оғоз намудани фаъолият тибқи дигар тартиби (низоми) андозбандӣ боҷи давлатӣ ба буҷет пардохт карда мешавад.

4. Аз 01.01.2013 ҳангоми машғул шудан бо намуди фаъолияти дар банди 10 Номгӯй дарҷшуда (қарори №451 аз 31.08.2012)

- "Фурӯши молҳои омехта дар нуқтаҳо ва биноҳои алоҳидаи статсионарӣ то 20 м$^2$(бидуни тақсимоти дохили биноҳҳои калон ба якчанд нуқтаҳои савдо)".

Таҳти ибораи "Бидуни тақсимоти дохили биноҳҳои калон ба якчанд нуқтаҳои савдо" ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ дар биноҳои алоҳидаи статсионарӣ бе тақсимоти дохилии он ба нуқтаҳои алоҳида дар назар дошта шудааст.

Яъне:

1. **Дар биноҳои алоҳидаи статсионарӣ** (бидуни тақсимоти дохили бино ба якчанд нуқтаҳои савдо):

а) Агар ҷойи фаъолияти соҳибкори инфиродӣ то 20 м$^2$ (бо назардошти масоҳати майдони савдо ва ҷойҳои нигоҳдории молу маҳсулот (анборҳо)) бошад, соҳибкор фаъолияти худро метавонад дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба роҳ монад.

2. **Дар ҷойҳои статсионарӣ** (бо тақсимоти дохили биноҳҳои калон ба якчанд нуқтаҳои савдо):

Инчунин, барои машғул шудан бо намуди фаъолияти дар банди 14 Номгӯй дарҷшуда "Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ " дар ҳолати аз 4 м$^2$ зиёд гардидани майдони савдо чунин соҳибкор бояд фаъолияташро бо тариқи шаҳодатномаи соҳибкорӣ идома диҳад.

Мақомоти ҳудудии андоз тибқи дастури мазкур номгӯйи андозсупорандагонеро, ки бояд тартиби (низоми) андозбандиашонро аз патент ба шаҳодатнома ва ё бо ташкили шахси ҳуқуқӣ иваз намоянд то 01.12.2012 муайян намуда, барои аз 01.01.2013 дар асоси шаҳодатнома ва ё бо ташкили шахси ҳуқуқӣ ба роҳ мондани фаъолияти онҳо чораҷӯӣ намоянд.

Нисбати соҳибкорони инфиродие, ки мутобиқ ба талаботҳои қайдгардида бояд фаъолияташонро аз 01.01.2013 дар асоси шаҳодатнома ба роҳ мемонанд, ҳангомии ҳисоб намудани андози иҷтимоӣ

Коэффисиентҳои минтақавӣ, ки андозаҳои пардохтро барои патент дар қаламрави шаҳру ноҳияҳо танзим менамоянд, ба инобат гирифта мешаванд.

5. Бо назардошти такмили низоми расмиёти бақайдгирии давлатӣ, мақомоти ҳудудии андоз барои дар мӯҳлатҳои муқарраргардида (то санаи 01.04.2013) барои иваз намудани варақаҳои патенти андозсупорандагон ба варақаҳои нави патент чораҷӯи намоянд. Варақаи нави патент аз ҷониби мақомоти андоз ба соҳибкорон ройгон дода мешавад.

Сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандонро бо мактуби дастурии мазкур шинос карда, доир ба он семинари омӯзишӣ гузаронанд ва протокол тартиб дода нусхаи онро ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон барои ба маълумоти андозсупорандагон расонидани талаботи мактуби мазкур чораҷӯи намуда, нусхаи онро дар лавҳаи маълумотҳои нозирот, бозорҳо ва марказҳои савдою хизматрасонӣ ҷойгир намоянд. Иҷрои талаботҳои Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд” аз 31.08.2012, №451 новобаста аз огоҳ ёфтани андозсупоранда аз муқаррароти он, ҳатмист.

Масъулияти дар мӯҳлатҳои муқарраргардида таъмин намудани талаботҳои дастури мазкур ва бо тарзи муташаккилона гузаронидани чорабиниҳои қайдшуда бевосита ба зиммаи сардорони мақомоти ҳудудии андоз ва кормандони мутассадии онҳо гузошта мешавад.

**Муовини**
**якуми Раис** **А.Солиев**

*7482/13.2 «т» аз 12.12.2012*

Мақомоти ҳудудии андоз

***Доир ба низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ***

Бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти интиқолӣ (моддаи 327 Кодекси андоз дар таҳрири нав), халалдор нагаштани фаъолияти андозсупорандагон махсусан ҳангоми вуҷуд доштани ҳолатҳои гузариш аз як тартиби андозбандӣ ба тартиби дигари андозбандӣ дар асоси Кодекси андоз дар таҳрири нав мақомоти ҳудудии андоз бояд корҳои муайянеро иҷро намоянд.

Мутобиқи талаботи боби 34 Кодекси андози амалкунанда тиҷорати бозӣ объекти андозбандии андози аксиз ба шумор рафта, меъёри он мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008, №208 «Дар бораи тасдиқ намудани меъёрҳои аксиз дар соҳаи тиҷорати бозӣ» муайян карда шудааст.

Дар асоси боби 45 Кодекси андоз дар таҳрири нав бошад бо мақсади андозбандӣ намудани фаъолияти мазкур Низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ пешбинӣ шудааст.

Истифодакунандагони низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ аз пардохти чунин андозҳо, ба истиснои даромадҳои дар манбаи пардохт андозбандишуда озод мебошанд:

- андоз аз фоида аз бизнеси бозӣ;
- андоз аз даромад бевосита аз даромадҳои бизнеси бозии соҳибкори инфиродӣ, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунад;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
- андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои андоз аз арзиши иловашудаи барои хизматрасониҳои (корҳои) ба ғайрирезидент таҳвилшуда ва марбут ба воридоти молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шахсоне, ки илова ба бизнеси бозӣ дигар намудҳои фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд, ӯҳдадоранд доир ба чунин фаъолияти дигар ҳисоби алоҳидаи даромадҳо, хароҷот ва фаъолияти хоҷагидориро пеш бурда, дар асоси Кодекси андоз дар соли аввали фаъолият ҳамчун супорандаи низоми соддакардашуда ва бо фаросидани ӯҳдадорӣ ба низоми умумӣ гузашта, андозҳои муқарраршударо пардохт намоянд.

***Мисол.***

*ҶДММ "Толеъ" дар санаи 10 январи соли 2013 ба қайд гирифта шуд. Фаъолияти асосии ҶДММ «Толеъ» гузаронидани лотерея ва барои муштариён пешниҳод намудани роҳравҳои бозии боулинг ба ҳисоб меравад. Инчунин, Ҷамъият ба воситаи шабакаи нуқтаҳои фурӯши худ аз фурӯши маҳсулотҳои хӯроквории ва молҳои ниёзи мардум даромад мегирад.*

*Ба ҳолати 1 июли соли 2013 даромади умумии Ҷамъият аз фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ 650 000 сомонӣ шуд. Дар асоси талаботи моддаи 290*

*Кодекси андоз Ҷамъият то охири сол дар низоми соддакардашудаи андозбандӣ фаъолият намуда, аз 1 январи соли 2014 ба низоми умумии андозбандӣ мегузарад.*

*Фаъолияти Ҷамъият аз гузаронидани лотерея ва ташкили бозии боулинг новобаста аз даромади аз фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ гирифташуда бо андози бизнеси бозӣ андозбандӣ карда мешавад.*

Шахсоне, ки андоз барои бизнеси бозиро истифода менамоянд аз иҷрои ӯҳдадориҳои агенти андози пешбининамудаи Кодекси андоз озод карда намешаванд. Яъне, андозсупоранда ӯҳдадор аст андоз аз даромад ва андози иҷтимоии шахсони воқеиро, ки ҳамчун кироякор дар фаъолияташ истифода менамояд, дар манбаи пардохт нигоҳ дошта, ба буҷет пардохт намояд.

Аз рӯйхати объектҳои андозбандии тиҷорати бозӣ "автомати бози бо бурди пулӣ" бароварда шудааст. Зеро тибқи моддаи 240 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ бо автомати бозӣ бо бурди пулӣ ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст.

Объекти андозбандӣ барои андоз аз бизнеси бозӣ тибқи моддаи 308 Кодекси андоз дар таҳрири нав инчунин, дигар объектҳои бизнеси бозӣ ба ҳисоб мераванд, ки аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои гирифтани даромад муайян карда мешаванд.

Ҳар як объекти андозбандии бизнеси бозӣ ё ин ки барориши чиптаҳои лоторея на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ то санаи оғози истифодаи (фурӯши) онҳо дар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии чунин объект бояд ба қайд гирифта шавад.

Бақайдгирӣ аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси аризаи андозсупоранда дар бораи баҳисобгирии объекти (объектҳои) андозбандӣ дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ бо ҳатман додани шаҳодатномаи дахлдор сурат мегирад. Шаклҳои ариза ва шаҳодатнома дар замимаи Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз бизнеси бозӣ тасдиқ карда шуда, ба мақомоти ҳудудии андоз дастрас карда мешавад.

***Мисол.***

*ҶДММ «Орзу» санаи 10 январи соли 2013 аз қайди шӯъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода гузашта, шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ гирифт. Барои он ки ҶДММ "Орзу" аз санаи 1 феврали соли 2013 ҳуқуқи истифодаи объектҳои бизнеси бозиро пайдо кунад, бояд то 20 январи соли 2013, яъне на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ то санаи оғози истифодаи онҳо ба Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода бо ариза муроҷиат намуда, Шаҳодатнома оид ба қайдгирии объектҳои бизнеси бозиро гирад.*

Андозсупоранда ӯҳдадор аст, ки ҳар тағйироти миқдории объектҳои андозбандиро на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ то санаи ҷойгиркунӣ ё қатъ гардидани татбиқи (истифодаи) ҳар объекти андозбандӣ, аз ҷумла ҳар барориши лотереяҳо ба фурӯш, дар мақоми андози маҳалли ҷойгиршавии объектҳои андозбандӣ ба қайд гузорад.

Ҳангоми қатъи фаъолият дар соҳаи бизнеси бозӣ ва (ё) аз кор мондани ҳамаи объектҳои андозбандӣ (анҷом додани фурӯши чиптаҳои лотерея) варақаи бақайдгирии баҳисобгирии объектҳо бояд дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ ба мақоми андоз супорида шавад.

Амалӣ намудани фаъолияти бизнеси бозӣ бе бақайдгирии объектҳои андозбандӣ роҳ дода намешавад. Дар давраҳои андозе, ки дар онҳо мақомоти андоз чунин объектҳои андозбандиро ошкор намудаанд, андоз барои ҳар объекти ба қайд гирифтанашуда дар ҳаҷми 10-каратаи меъёри ба ин намуди объекти андозбандӣ муқарраргардида бо бақайдгирии минбаъдаи объекти андозбандӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 308 Кодекси андоз, пардохт мешавад.

Маблағи андоз аз бизнеси бозӣ барои давраи андоз новобаста ба андозаи даромади дар ҳаҷми устувор гирифташуда, бо карат нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо на камтар аз андозаи калонтарини пардохт барои патент барои ҳар воҳиди объекти андозбандӣ (ҳар бароришии лотерея ба фурӯш) дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби **мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо (ноҳияҳо)** муқаррар карда мешавад (мактуби тавзеҳотии Кумитаи андоз № 7259/13.3 аз 29.11.2012).

Пардохти андоз аз бизнеси бозӣ аз ҷониби андозсупоранда (шахси ваколатдорнамудаи ӯ) ба суратҳисобҳои бонкии буҷети маҳаллии маҳалли ҷойгиршавии объекти андозбандӣ амалӣ мешавад.

Дар сурати дар илова ба воҳиди асосӣ, мавҷуд будани воҳидҳои алоҳида дар дигар шаҳру ноҳияҳо андозсупоранда вазифадор аст, ки мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 158 Кодекси андоз дар таҳрири нав андоз аз бизнеси бозиро бо назардошти ҳиссаи хароҷот барои пардохти музди меҳнат байни буҷетҳои маҳалли ҷойгиршавии воҳиди асосии андозсупоранда ва воҳидҳои алоҳидаи он тақсим намуда, пардохт намояд.

Тибқи қисми 3 моддаи 327 Кодекси андоз дар таҳрири нав андозсупорандагоне, ки бо бизнеси бозӣ машғуланд, ӯҳдадоранд аз 1-уми январи соли 2013 ба низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ гузаранд. То қабули қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо (ноҳияҳо) доир ба маблағи андоз аз бизнеси бозӣ, маблағи андоз аз бизнеси бозӣ барои шахсони мазкур дар ҳаҷми миёнаи моҳонаи ҳамаи андозҳои аз фаъолияти онҳо дар соли 2012 ҳисоб карда шуда, бо истифодаи коэффитсиенти баландкунандаи 1,5 муайян карда мешавад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 309 Кодекси андоз дар таҳрири нав назорати истифодаи низоми махсуси андоз барои субъектҳои бизнеси бозӣ аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ карда мешавад.

Аз ин рӯ, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар қабули қарорҳои вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо оид ба муайян намудани меъёри андозбандии бизнеси бозӣ мусоидат намуда, барӯйхатгирии субъектҳои бизнеси бозиро дуруст ба роҳ монда аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ба Кумитаи андоз то 30 декабри соли 2012 ахбороти хаттӣ пешниҳод намоянд.

**Раис** **Н.Давлатов**

№7067/7.1-д аз 15.08.2013

**Мақомоти ҳудудии андоз**

***Доир ба татбиқи дурусти тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451***

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013, №361 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки аз 3 августи соли 2013 мавриди амал қарор доранд.

Дар мактуби мазкур бо мақсади татбиқи дурусти тағйиру иловаҳо ва ба андозсупорандагон фаҳмондани моҳияти онҳо тағйиру иловаҳои мазкур мухтасар шарҳ дода мешаванд.

1. Бо назардошти дархости хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) пардохти андози иҷтимоӣ барои аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки дар замини лалмӣ фаъолият менамоянд, дар як соли тақвимӣ ба ҷойи 12 моҳ, 7 моҳ муқаррар карда шуд. Минбаъд саҳмдорони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки дар замини лалмӣ фаъолият менамоянд, андози иҷтимоиро бо меъёри пасткардашуда, яъне 10 сомонӣ (ба ҷои 15 сомонӣ, ки то 1 январи соли ҷорӣ муқаррар шуда буд) ва танҳо барои 7 моҳ пардохт менамоянд.

Ҳамзамон, дар сурати ҳам дар замини лалмӣ ва ҳам дар заминҳои обӣ фаъолият доштани аъзои чунин хоҷагиҳо, онҳо андози иҷтимоиро вобаста ба ҳиссаи андози ягонаи замини лалмӣ нисбат ба заминиҳои ғайрилалмӣ пардохт менамоянд.

*Мисол: Аъзоёни хоҷагии деҳқонии “Бобоазиз” 10 нафарро ташкил дода, ҳам дар заминҳои лалмӣ ва ҳам дар заминҳои ғайрилалмӣ фаъолият мекунанд. Замини лалмӣ 10 гектар буда, андози ягонаи соли ҷории он 80 сомониро ташкил дод, заминҳои ғайрилалмии хоҷагӣ бошад, 20 гектар буда, андози ягонаи он 250 сомониро ташкил медиҳад. Дар чунин ҳолат ҳиссаи андози ягонаи замини лалмӣ нисбат ба заминиҳои ғайрилалмӣ 32 фоизро (80:250х100=32%) ташкил дода, андози иҷтимоӣ нисбати 3 нафар (10х32%=3,2) барои 7 моҳ ва нисбати 7 нафари боқимонда барои 12 пурра пардохт карда мешавад.*

2. Ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколат дода шуд, ки аз соли 2014 сар карда, ҳар сол бо дарназардошти сатҳи таваррум андозаҳои пардохт барои патентро индексатсия карда, бо фармоиши якҷоя муқаррар кунанд ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» онро ба қайди давлатӣ гиранд.

Вобаста ба ҷорӣ гардидани тартиби индексатсия шудани маблағи патент бояд қайд намуд, ки ҳангоми дар шакли фоиз муқаррар шудани меъёрҳо дар ҳолати тағйир ёфтани сатҳи таваррум таносуби ҳаҷми даромад ва ҳаҷми андозҳо худ ба худ танзим мегардад.

Бинобар ҳамин, бо мақсади таъмини адолатнокии гаронии андоз меъёрҳое, ки бо маблағ муқаррар карда мешаванд, аз ҷумла маблағи патент, бояд ҳар сол бо назардошти сатҳи таваррум индексатсия карда шаванд ва ба хотири риояи ҳамин принсип тартиби индексатсия намудани меъёрҳои патент барқарор карда шуд.

3. Дар банди 23 "Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" иловаҳо ворид карда шуд, ки дар асоси он ҳангоми ҳисоб намудани андози иҷтимоӣ барои соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд, татбиқ гардидани коэффисентҳои минтақавӣ возеҳу равшан муқаррар шуда, дар ҳамин асос гуногунфаҳмиҳо аз байн бардошта шуд.

4. Дар зербанди «е» банди 28 ҷиҳати бо шаҳодатнома анҷом додани фаъолияти савдо ва (ё) хизматрасонӣ ва фаъолият доир ба хуроки умумӣ маҳдудият пешбинӣ шуда буд. Яъне, соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунандае, ки ба савдо, ё хизматрасонӣ ва ё фаъолият доир ба хӯроки умумӣ машғул буда, масоҳати ҷои фаъолиятшон зиёда аз 30 $м^2$ –ро ташкил медод, ӯҳдадор буданд шакли ташкилию ҳуқуқии худро иваз намуда, худро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гиранд. Тибқи тағйиру иловаҳои воридгардида маҳдудияти мазкур аз байн бурда шуда, соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда танҳо дар сурати аз 500 ҳазор сомонӣ гузаштани даромади умумиаш ӯҳдадор мешавад, ки фаъолияти соҳибкории инфиродиро қатъ намуда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз шакли ташкилию ҳуқуқии худро иваз кунад ва ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шавад.

Ҳамзамон, мутобиқ ба талаботи зербанди «ж» банди 28 Қоидаҳо субъектҳое, ки ба хизматрасониҳои варзишӣ машғуланд, ҳуқуқ надоштанд ба ин намуди фаъолият ҳамчун соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда машғул шаванд. Дар асоси тағйиру иловаҳо чунин маҳдудият аз байн бардошта шуда, минбаъд субъектҳое, ки ба чунин фаъолият машғуланд, метавонанд худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба қайд гиранд.

5. Ба Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар асоси патент ва андозаҳои пардохт барои патент (замимаи 2 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 451) чунин тағйирот ворид карда шуд:

- дар банди 8 (Фурӯши қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт, мол ва таҷҳизоти барқӣ) андозаи пардохт барои патент дар як моҳ аз 240 сомонӣ то 200 сомонӣ паст карда шуда, фурӯши молҳои мазкур танҳо аз растаҳо анҷом дода шуда метавонад;
- бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмиҳо дар банди 9 (Фурӯши ғайристатсионарии молҳои омехтаи ниёзи мардум ва маҳсулоти хӯрока дар растаҳо) Номгӯй меъёри ченаки «$м^2$» (метри мураббаъ, яъне ҳаҷми маҳалли савдо) ба «м» (метр, яъне дарозии раста) ва рақами «10» ба «20» иваз карда шуд. Яъне, ба соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда

имконият дода шуд, ки минбаъд дар масоҳати то 20 метр будани раста (ғайристатсионарӣ) бо патент фаъолият намояд. Дар баробари ин, соҳибкор ӯҳдадор аст барои ҳар як метри аз 4 метр зиёди раста ба маблағи 30 сомонӣ (20 сомонӣ андози даромад ва 10 сомонӣ андози иҷтимоӣ) иловатан маблағ пардохт намояд;

- дар банди 10 (Фурӯши молҳои омехта дар нуктаҳо ва биноҳои алоҳидаи статсионарӣ то 6м² (бидуни тақсимоти дохили биноҳои калон ба якчанд нуктаҳои савдо)) меъёри ченаки "6м²"ба "8м²"иваз карда, масоҳати фаъолият бо патент дар нуктаҳои статсионарӣ аз 10м² то 20м² зиёд карда шуд. Яъне, минбаъд соҳибкор метавонад дар масоҳати то 20м² (статсионарӣ) бо патент фаъолият намояд, вале ӯҳдадор аст барои ҳар як метри квадратии аз 8м² зиёд ба маблағи 45 сомонӣ (30 сомонӣ андози даромад ва 15 сомонӣ андози иҷтимоӣ) иловатан маблағ пардохт намояд;
- бо мақсади содда намудани тартиби пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бандҳои қаблии 11 (Фурӯши маҳсулоти бофташуда ва гулдузикардашуда, аз ҷумла зардӯзӣ, сарпӯш ва маҳсулоти мӯина) ва 13 (Фурӯши сандуқҳо, гаҳвораҳо, зарфҳои чӯбини миллӣ ва маҳсулоти ба онҳо монанд, маҳсулоти кулолӣ ва танурҳо, асбобҳои мӯсиқӣ) бо ҳам якҷоя карда шуд. Дар натиҷа намудҳои фаъолиятҳои дар банди 13 пешбинишуда ба банди 11 илова карда шуда, маблағи патент барои фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои бадеии халқӣ ба ҳисоби миёна 15 сомонӣ (105 - 15=90) кам карда шуд. Барои фурӯши маҳсулоти бофташуда ва гулдӯзикардашуда (банди 11 қаблӣ) баландшавии андозаи пардохт барои патент аз 75 сомонӣ то 90 сомонӣ аз 1 сентябри соли 2013 мавриди амал қарор дода мешавад;
- бо назардошти нисбатан камдаромад будани намудҳои фаъолияти дар банди 12 пешбинигардида (Фурӯши маҳсулоти конселярӣ ва бозичаҳои кӯдакона), ба банди мазкур намудҳои фаъолият оид ба «фурӯши рузномаҳо, маҷаллаҳо, тақвимҳо ва китобҳо дар кӯча, фурӯши молҳои қаблан дар истеъмолбуда» илова карда шуд. Яъне барои фурӯши рузномаҳо, маҷаллаҳо, тақвимҳо ва китобҳо дар кӯча, фурӯши молҳои қаблан дар истеъмолбуда доштани патент кифоя мебошад;
- дар банди 13 Номгӯй дар ҳолати аз 4 м зиёд гардидани растаи савдо шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ дода мешавад;
- бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмиҳо дар банди 14 (қаблӣ) ченаки «м²» (метри мураббаъ, яъне ҳаҷми маҳалли савдо) ба «м» (метр, яъне дарозии раста) иваз карда шуд;
- бо мақсади паст намудани ҳаҷми андози иҷтимоӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ дар банди 25 маблағҳои андози даромад мутаносибан аз 450 ба 500 сомонӣ ва андози иҷтимоӣ аз 150 ба 100 сомонӣ, дар банди 31 маблағи андози даромад мутаносибан аз 390 ба 440 сомонӣ ва андози иҷтимоӣ аз 150 ба 100 сомонӣ ва дар банди 43 маблағи андози даромад мутаносибан аз 300 ба 350 сомонӣ ва андози иҷтимоӣ аз 150 ба 100 сомонӣ иваз карда шуд. Ҳамзамон, бо назардошти он ки дар баробари дар ин бандҳо 50 сомонӣ кам карда шудани андози иҷтимоӣ дар ҳамин ҳаҷм андози даромад зиёд карда шуд, дар натиҷа маблағи умумии пардохт барои патент дар ин бандҳо тағйир наёфт. Тағйироти мазкур тибқи дархости соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд, бо мақсади кам кардани маблағи андози иҷтимоӣ барои онҳо мебошад. Зеро мутобиқи

қисми 2 моддаи 216 Кодекси андоз "Барои соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда меъёри андози иҷтимоӣ ба сифати шахсони суғурташуда ба 1,0 фоизи манбаи андоз, вале на камтар аз андозаи ҳадди аксари андози иҷтимоӣ барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда муқарраршуда, новобаста ба андозаи даромади гирифташуда, баробар мебошад";

- бо назардошти он, ки дар асоси тағйиру иловаҳо бандҳои 11 ва 13 муттаҳид карда шуданд, бинобар ин бандҳои 14, 15, 16, 17, 18, 19, 20, 21, 22, 23, 24, 25, 26, 27, 28, 29, 30 ва 31 мутаносибан бандҳои 13, 14, 15, 16, 17, 18, 19, 20, 21, 22, 23, 24, 25, 26, 27, 28, 29 ва 30 ҳисобида мешаванд;
- банди нави 31 дар таҳрири зерин илова карда шуд: «Ба иҷора додани либоси тӯёна (ба истиснои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб) (360 сомонӣ андози даромад ва 80 сомонӣ андози иҷтимоӣ, дар маҷмӯъ 440 сомонӣ)». Яъне, соҳибкорони инфиродӣ метавонанд ба фаъолияти мазкур бо патент машғул шаванд, ба истиснои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб. Албатта барои соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб низ ба ин намуди фаъолият машғул шудан мумкин аст, аммо дар асоси шаҳодатнома;
- ба банди 35 намудҳои фаъолияти «дӯзандагӣ, косметикӣ, сартарошӣ, хизматрасониҳои таълимӣ-репититорӣ» илова карда шуд, яъне аз 3 августи соли 2013 барои дар асоси патент анҷом додани чунин фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ иҷозат дода шуд;
- дар банди 36 тағйирот ворида карда, тибқи он намудҳои фаъолияти "таъмири воситаҳои нақлиёт, вулканизатсия, нусхагирӣ, таъмири асбобҳои мусиқӣ, корҳои оҳангарии асбобҳои рӯзғор (ба истиснои истеҳсоли дарвоза, тиреза ва панҷара)» илова карда шуд, яъне минбаъд ин намуди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар асоси патент ба роҳ монда мешавад;
- ба Номгӯи мазкур бандҳои 48 ва 49 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

а) банди 48 "Фаъолияти байторӣ". Андозаи пардохти маблағи патент барои ин фаъолият 120 сомонӣ (80 сомонӣ андози даромад ва 40 сомонӣ андози иҷтимоӣ) дар як моҳ пешбинӣ карда шуд;

б) банди 49 "Фаъолияти омӯзиши ҳунарҳои миллӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, рассомӣ, рангуборкунӣ, наққошӣ, семинарҳо ва дарсҳои иловагӣ". Андозаи пардохти маблағи патент барои намудҳои мазкури фаъолият 90 сомонӣ (60 сомонӣ андози даромад ва 30 сомонӣ андози иҷтимоӣ) дар як моҳ пешбинӣ карда шуд.

Сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандонро бо мактуби дастурии мазкур шинос карда, доир ба он семинари омӯзишӣ гузаронанд ва протокол тартиб дода, нусхаи онро ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд. Инчунин бо соҳибкорони инфиродӣ корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ гузаронида, моҳияти мактуби мазкурро ба онҳо расонанд ва нусхаҳои мактуби мазкурро дар лавҳаҳои бозорҳо ва марказҳои савдою хизматрасонӣ ҷойгир намоянд.

**Раис** **Н. Давлатов**

*№8203/7.1-"д" аз 26.09.2013*

**Макомоти ҳудудии андоз**
**Бахшҳои бақйдгирии давлатии**
**шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони**
**инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо**

***«Доир ба фаъолиятҳои дузандагӣ ва сартарошӣ»***

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013, №361 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки он аз 3 августи соли 2013 мавриди амал қарор дорад.

Тибқи тағйиру иловаҳои воридгардида баъзе намудҳои фаъолият, аз ҷумла дузандагӣ ва сартарошӣ, ки қаблан дар асоси шаҳодатнома ба роҳ монда мешуд, ба Номгӯи фаъолиятҳои тибқи патент амалишаванда дохил карда шуд. Яъне, минбаъд соҳибкорони инфиродие, ки ба фаъолиятҳои мазкур машғуланд **метавонанд** дар асоси патентфаъолияти худро ба роҳ монанд.

Бо назардошти нисбатан зиёд будани муроҷиатҳои соҳибкорони инфиродии ба фаъолияти дузандагӣ ва сартарошӣ машғулбуда, ҷиҳати гузаштан ба низоми патентии андозбандӣ, ба мақомоти ҳудудии андоз дастур дода мешавад,ки: санҷиши ҳуҷҷатии чунин соҳибкорони инфиродиро **то моҳи декабри соли 2013** тибқи тартиби муқарраршуда ба анҷом расонида, нусхаи санади санҷиширо ба бахшҳои бақйдгирӣ дастрас намоянд.

Маълумотнома аз мақомоти гумрук ва корҳои дохила бо тартиб додани руйхати соҳибкороне, ки барои қатъ намудани фаъолият тибқи шаҳодатнома муроҷиат намудаанд, дар асоси муроҷиати хаттии мақомоти ҳудудии андоз аз мақомоти мазкур дастрас карда шавад.

Пас аз тартиб додани санадҳои муқоисавӣ бо соҳибкорони инфиродии ба фаъолияти дузандагӣ ва сартарошӣ машғулбуда ва пешниҳод гардидани маълумотнома оид ба қарздор набудан аз андозҳо, Бахшҳои бақайдгирии давлатӣ фаъолияти онҳоро тибқи шаҳодатнома қатъ намоянд.

**Раис** **Н. Давлатов**

*№7113/9.1-д аз 16.08.2013*

**Мақомоти ҳудудии андоз**

***«Оид ба андоз аз арзиши иловашуда»***

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуморо огоҳ менамояд, ки гарчанде дар мактубҳои тавзеҳотии қаблӣ аз 12.11.2012 №6262/7.1. *«Доир ба гузариш аз як низоми андозбандӣ ба дигар низоми андозбандӣ»*, аз 08.01.2013 №100/13.2 «т» *«Доир ба андоз аз арзиши иловашудатибқи муқаррароти Кодекси андоз дар таҳрири нав»*ва аз 27.05.2013 №4404/13.2-д *«Доир ба татбиқи дурусти меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда»* доир ба ҳолатҳои алоҳидаи маъмурикунонии андоз аз арзиши иловашуда бо замимаи мисолҳо возеҳу равшан қайд гардида бошад ҳам, то ҳол татбиқи муқаррароти дар мактубҳо дарҷгардида аз ҷониби кормандони мақомоти ҳудудӣ дуруст татбиқ нагардида истодааст. Яке аз сабабҳои иҷро нагардидани нақшаи тасдиқшудаи андоз аз арзиши иловашуда бевосита ба он алоқаманд мебошад.

Бо назардошти натиҷаи таҳлилҳои гузаронида шуда ва талаботи Дастурамал «Оид ба ҳисоб ва пардохти андоз аз арзиши иловашуда», ки бо Фармоиши Кумитаи андоз аз 27.03.2013, №8ф тасдиқ гардидааст, иловатан диққати мақомоти ҳудудии андозро бахри ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ба масъалаҳои зерин ҷалб месозем:

**1.Назорати дурусти баҳисобгирии ААИ.**

Бо мақсади ба танзим даровардани ҳолатҳои гузариш аз истифодабарандаи меъёри 18% ААИ ба меъёри 5%, андозсупорандагони ба меъёри пасткардашуда гузаранда мобоист ба санаи 15.01.2013 эъломияи иловагӣ бо меъёри 18% (меъёри стандартӣ) пешниҳод намуда, маблағи ААИ-и барои бақияи мол пардохташударо, ки ба ҳисоб гирифта шудааст, ба истиснои молҳои воридотӣ бекор менамуданд ва таҳвили минбаъдаи молҳои воридотиро бо меъёри 18% андозбандӣ мекарданд.

***Мисол:*** *Бақияи молҳои ҶДММ «Маъруф», ки бо истеҳсоли хӯроки умумӣ машғул аст ба санаи 1 январи соли 2013 яъне, дар лаҳзаи гузариш ба супорандаи пасткардашудаи ААИ 20 000 сомонӣ аз ҷумла, 10 000 сомонии он орд, ки аз беруни кишвар ворид намуда, ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ ба маблағи 1800 сомонӣ ААИ пардохт намудааст ва 10 000 сомонии боқимондаи он дигар маҳсулотҳоро ташкил медиҳад, ки аз дохили ҷумҳурӣ бо назардошти ААИ (1800 сомонӣ) харидорӣ шудааст, ташкил додааст.*

*ҶДММ «Маъруф» ӯҳдадор аст дар лаҳзаи гузариш то санаи 15.01.2013 барои бекор намудани ААИ-и барои бақияи молҳо*

*пардохташуда эъломияи иловагӣ пешниҳод намуда, 1800 сомонӣ ААИ-и аз ҳисоби хариди дохили баҳисобгирифташударо бекор намояд.*

Мутаассифона ҳоло низ дар мақомоти ҳудудии андоз ҳолатҳои ба инобат нагирифтани муқаррароти мазкур дида мешавад. Аз ҷумла, дар ҷумҳурӣ як қатор корхонаҳое ҳастанд, ки дар соҳаи хариду фуруши дорувои машғул буда, одатан аз дохил аз андозсупорандагоне, ки бевосита худашон маводи доруворӣ ворид менамоянд молу маҳсулот харидорӣ намуда таҳвил менамоянд. Ё ин ки, на ҳама корхонаҳои сохтмонӣ имрӯзҳо воридоти маҳсулоти сохтмониро аз хориҷи ҷумҳурӣ амалӣ менамоянд, балки аксаран маводҳои сохтмониро аз соҳибкорони ватанӣ дастрас намуда дар сохтмон истифода менамоянд.

Дар робита ба ин масъала, **мақомоти ҳудудии андозро зарур аст,** ки бақияи молҳои бо назардошти андоз аз арзиши иловашуда харидашудаи (ба истиснои молҳои воридотӣ) корхонаҳои дар қисми 2 моддаи 181 Кодекси андоз дарҷгардидаро ба санаи 01.01.2013 бори дигар мавриди омӯзиш қарор дода, дар ҳолати мавҷуд будани чунин бақияи молҳо онҳоро бекор намоянд.

**2.Ҷой доштани фарқият дар манбаъҳои андозбандии ААИ аз рӯи иҷрои корҳои сохтмонӣ ва таҳвили минбаъда.**

Аксар мавридҳо андозбандии субъектҳои соҳибкории ба фаъолияти сохтмони машғулбуда, аз рӯи санади иҷроиши корҳо амалӣ гардида, арзиши ниҳоии манзилҳои истиқоматии таҳвилшаванда аз андозбандӣ дур мондааст.

Дар мавриди андоз аз арзиши иловашуда (ААИ), лаҳзаи муайян намудани манбаи ААИ ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонию васлкунӣ, мутобиқи талаботи қисми 9 моддаи 174 Кодекси андоз яке аз санаҳои зерин ба ҳисоб меравад:

- санаи гирифтани (ба даст овардани ҳуқуқ барои гирифтани) пардохти ҷорӣ аз фармоишгар;
- санаи қисман (пурра) иҷро намудани корҳои сохтмонии дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳои андозсупоранда қайдгардида.

Бо назардошти лаҳзаи фаро расидани, яке аз ин санаҳо андозсупоранда андоз аз арзиши иловашударо ба буҷет ҳисоб ва пардохт менамояд.

Баъд аз пурра ба анҷомрасонидани корҳои сохтмонӣ, бо назардошти пурра ба анҷом расидани амалиёти андозбандишаванда, яъне таҳвили манзилҳои истиқоматӣ, маблағи иловагии аз фуруши воқеӣ бавуҷудомада ҳамчун манбаъи иловагии андозбандӣ баррасӣ гардида,бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда мешаванд.

Ҳамзамон, ба маълумотатон мерасонем, ки бо мақсади андоз аз арзиши иловашуда моддаи 167 Кодекси андоз тасҳеҳ намудани манбаҳои андозбандишавандаро муқаррар намудааст, ки андозсупоранда бояд амалиёти худро тасҳеҳ намояд.

*Мисолҳо доир ба муқаррароти мазкур дар банди 71 Дастурамал «Оид ба ҳисоб ва пардохти андоз аз арзиши иловашуда», ки бо Фармоиши Кумитаи андоз аз 27.03.2013, №8ф тасдиқ гардидааст, оварда шудааст.*

**3. Дар эъломияҳои андоз дарҷ накардани маълумотҳо.**

Тартиби пур намудани эъломияи андоз аз арзиши иловашуда низ дар сатҳи лозимӣ қарор надорад ва аз ҷониби андозсупорандагон нодуруст ва нопурра таҳия карда мешавад.

Супорандагони андоз аз арзиши иловашуда бо меъёри пасткардашуда (5%), ки дар фаъолияташон ба воридоти молу мавод низ машғул мебошанд ӯҳдадоранд дар қисми I, **банди 8**, замимаи №8 ба Дастурамал «Оид ба ҳисоб ва пардохти ААИ» шакли 03.01. (эъломияи андоз аз арзиши иловашуда бо меъёри 18%) дар хоначаи дахлдор бо аломати «х» ишора гузорад, аммо дар аксарият ҳолатҳо аз ҷониби андозсупорандагон ин талабот риоя намешавад.

Илова бар ин, ин андозсупорандагон ӯҳдадоранд сатрҳои дахлдори **қисми III** (Ҳисоб намудани андоз аз арзиши иловашуда барои супорандаи меъёри пасткардашуда, ки воридоти мол дорад), шакли №03.01.-ро пур намоянд. Дар ин қисм бақияи молҳои воридотӣ ба аввали давраи ҳисоботӣ бо дарназардошти моли воридотии хароҷотшуда дар моҳи ҳисоботӣ, давра ба давра нишон дода мешавад. Ё ин ки нишондоди сатри 006А бо нишондоди сатри 007А ҷамъ карда шуда, ба нишондоди сатри 008аА тарҳ карда мешавад ва натиҷаи он дар сатри 006А-и ҳисоботи моҳи минбаъда дарҷ мегардад.

Ҳамзамон, дар ин қисм ҳиссаи моли воридотии хароҷотшуда (сатри 008а) дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо муайян гардида муомилоти он дар**зерсатри Б сатри 002, қисми II, Шакли 03.01**. эъломияи андоз азарзиши иловашуда дарҷ карда мешавад (008аА/(008аА+008бА)*100). Ҳиссаи боқимондаи молҳои таҳвилшуда бо меъёри пасткардашуда андозбандӣ гардида, дар сатри 001 (бо меъёри 5%), қисми II, Шакли 03.02 (эъломия оид ба ААИ бо меъёри 5 фоиза) дарҷ карда мешавад.

Инчунин, ба эъломияҳои ААИ 7 адад шакл бо дарҷ гардидани маълумотҳо оиди муомилоти бо ААИ андозбандишаванда, амалиёти содиротӣ, амалиёти воридотӣ, муомилоти озод, маблағи ААИ-и баҳисобгирифташаванда, феҳристи харид ва фуруши молу маҳсулот замима мегардад, ки аз тарафи андозсупорандагон дар аксарият ҳолатҳо пур карда намешавад.

Барои мисол вобаста ба се ҳолат аз ҷумла, андозсупорандаи истифодабарандаи меъёри пасткардашуда, ки воридоти мол дорад, истифодабарандаи меъёри пасткардашуда, ки ба фаъолияти бо меъёри стандартӣ андозбандишаванда машғул аст ва истифодабарандаи меъёри стандартӣ, ки фаъолиятҳои дар қисми 2 моддаи 181 Кодекси андоз дарҷгардидаро амалӣ менамояд, эъломияи андоз аз арзиши иловашуда пур карда шуда, замима карда мешавад:

*1) ҶДММ "Омега", ки ба хариду фурӯш ва воридоти молҳо машғул мебошад дар моҳи ҳисоботӣ бамаблағи 120000 сомонӣ маҳсулоти гуногун таҳвил намуд, ки онҳо аз манбаъҳои зерин дастрас (харидорӣ) шудаанд:*

*- аз дохили ҷумҳурӣ 40000 сомонӣ (ААИ 18% - 7200 сомонӣ),*

*- воридоти молҳо ба маблағи 30000 сомонӣ (ААИ 18% - 5400 сомонӣ),*

*- аз дохил аз супорандагони ААИ набуда 20000 сомонӣ (бе ААИ).*

*Дар ҳолати дар моҳи ҳисоботи фурухта шудани ҳамаи молҳои харидашуда, ҳиссаи молҳои воридоти, ки дар ҳаҷми умумии харид 33,3 фоизро ташкил додааст ((30000:(40000+30000+20000)*100), мутаносибан ба ҳаҷми умумии харид бо меъёри 18% андозбандӣ гардида, боқимонда ҳиссаи таҳвил бо меъёри 5% бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда мешавад.*

*2) ҶДММ "Сохтмон 2013", ки фаъолияти асосиаш сохтмон аст, ба хизматрасонии нақлиётӣ низ машғул мебошад. Ҷамъият дар моҳи ҳисоботӣ бамаблағи 80000 сомонӣ иҷрои корҳои сохтмонӣ анҷом дода, ба маблағи 50000 сомонӣ хизматрасонии нақлиётиро анҷом додааст, ки ҳаҷми умумии таҳвили молҳо (иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо) 130000 сомониро ташкил менамояд. Агар дар ин моҳ хариди (хароҷоти) ҷамъият чунин бошад,*

***барои иҷрои корҳои сохтмонӣ:***

- *семент 10000 сомонӣ (ААИ 18% - 1800 сомонӣ), ки худаш аз хориҷа ворид намудааст,*
- *хишт 5000 сомонӣ (ААИ 18% - 900 сомонӣ),*
- *қуму шағал 8000 сомонӣ (ААИ 18% - 1440 сомонӣ),*
- *тахта 17000 сомонӣ (ААИ 5% - 850 сомонӣ),*

***барои хизматрасонии нақлиётӣ:***

- *маводи сӯзишворӣ 30000 сомонӣ (ААИ 18% - 3600),*
- *дигар хароҷотҳо 1000 сомонӣ (бе ААИ).*

*Дар ин ҳолат ҷамъият ӯҳдадор аст баҳисобгирии ҷудогонаро нисбат ҳар як фаъолият ба роҳ монда, доир ба фаъолияти сохтмонӣ меъёри пасткардашуда ва доир ба хизматрасонии нақлиётӣ меъёри стандартӣро татбиқ намояд (тартиби пуркунии эъломияи ААИ дар замимаи 2 оварда мешавад).*

*3) ҶДММ "Сангреза", ки фаъолияти асосиаш истеҳсол ва фурӯши қуму шағал мебошад, дар ихтиёри худ ошхона дошта ба истеҳсол ва фурӯши хӯроки умумӣ низ машғул аст. Ҷамъият дар моҳи ҳисоботӣ бамаблағи 100000 сомонӣ қуму шағал ва ба маблағи 50000 сомонӣ хӯроки умумӣ истеҳсол намуда, дар маҷмӯъ ба маблағи 150000 сомонӣ таҳвили мол намудааст, ки дар ин моҳ хароҷотҳои он чунин мебошад.*

***барои истеҳсоли қуму шағал:***

- *қувваи барқ 15000 сомонӣ (ААИ 18% - 2700 сомонӣ),*
- *маводи сӯзишворӣ ба маблағи 30000 сомонӣ (ААИ 18% - 5400 сомонӣ),*
- *дигар хароҷотҳо 5000 сомонӣ (бе ААИ),*

***барои истеҳсоли хӯрок:***

- *гӯшт 10000 сомонӣ (бе ААИ),*
- *равған 5000 сомонӣ (ААИ 18% - 900 сомонӣ),*
- *сабзавот 1000 сомонӣ (бе ААИ),*
- *биринҷ 8000 сомонӣ (ААИ 18% - 1440 сомонӣ), ки аз хориҷ ворид намудааст,*
- *дигар маҳсулотҳо 6000 сомонӣ (ААИ 5% - 300 сомонӣ).*

*Дар ин ҳолат доир ба ҳар ду фаъолият меъёри стандартӣ татбиқ мегардад (тартиби пуркунии эъломияи ААИ дар замимаи 3 оварда мешавад).*

**4. Татбиқи имтиёзҳои андоз аз арзиши иловашуда.**

Динамикаи ҳаҷми имтиёзҳои андоз нишон медиҳад, ки ҳаҷми имтиёзҳои андоз аз арзиши иловашуда сол то сол афзоиш ёфта дар соли 2012 ба ҳисоби миёна ба маблағи 1357,3 млн. сомонӣ имтиёз дода шудааст, ки 93,6 фоизи маблағи умумии имтиёзҳои дар соли 2012 додашударо дар бар мегирад.

Мутобиқи маълумотҳои эъломияҳои андозсупорандагон танҳо дар 5 моҳи соли 2012 муомилоти аз андозбандӣ озод 2859,3 млн. сомониро ташкил намуда, ин нишондиҳанда дар 5 моҳи соли 2013 ба 3277,4 млн. сомонӣ баробар шудааст, ки тафовут 418,1 млн. сомониро ташкил менамояд ё худ ҳаҷми муомилоти аз андозбандӣ озод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12,8 % зиёд гардидааст.

Ҳаҷми умумии таҳвили молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) тибқи эъломияҳои андоз пешниҳодгардида дар 5 моҳи соли 2013 9439,2 млн. сомониро ташкил намуда, аз он ҷумла ҳаҷми умумии муомилоти бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандишаванда 6161,8 млн. сомонӣ ва амалиётҳои аз андозбанди озод 3277,4 млн. сомониро ташкил намудааст. Муомилоти аз андозбандӣ озод дар ин давра 34,7 фоизи ҳаҷми умумии таҳвили молҳоро (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) ташкил намудааст.

Вобаста ба ин, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст манбаъҳои муомилоти аз андозбанди озоди андоз аз арзиши иловашуда мавриди омӯзиш қарор дода, ҳангоми пешниҳоди эъломияҳои андоз, ки муомилоти озод доранд, назорати камералӣ гузаронида, дар ҳолатҳои лозимӣ ҷиҳати дурустии маблағҳои имтиёзи андоз аз арзиши иловашуда санҷишҳои мавзӯӣ гузаронанд.

Дар маҷмӯъ, ба татбиқи дурусти муқаррароти моддаҳои 169, 170, 192 ва 193 Кодекси андоз ва Фасли низомҳои имтиёзноки андозбандӣ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд.

Вобаста ба ҳолатҳои қайдгардида, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф намуда, аз натиҷаи корҳои дар ин самт анҷомдодашуда ба Кумитаи андоз пайваста то санаи 20 –уми моҳи ҳисоботи маълумот пешниҳод намоянд.

**Раис** **Н. Давлатов**

*Эзоҳ: Шакли электронии замимаҳо дар сомона ҷойгир карда шудааст.*

*№4404/13.2-д аз 27.05.2013*

**Мақомоти ҳудудии андоз**

***Доир ба татбиқи дурусти меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда***

Тибқи муқаррароти моддаи 181 Кодекси андоз барои супорандагони андоз аз арзиши иловашуда дар баробари меъёри стандартии андоз аз арзиши иловашуда (18%) ва меъёри сифрӣ аз санаи 01.01.2013 меъёри нав, меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда (5%) ҷорӣ карда шудааст.

Мутобиқи қисми 2 моддаи зикргардида меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда ба категорияи алоҳидаи андозсупорандагон - **корхонаҳои истеҳсол ва (ё) фурӯши маҳсулоти соҳаи хӯроки умумӣ, корхонаҳои савдои яклухт ва чакана, маҳсулоттайёркунӣ, таъминотию фурӯш ва корхонаҳои сохтмонӣ** тааллуқ дошта, нисбат ба дигар андозсупорандагон татбиқ намегардад.

Яъне, нисбати корхонаҳое, ки фаъолияти асосии онҳоро истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти соҳаи хӯроки умумӣ, савдо (хариду фурӯш), маҳсулоттайёркунӣ ва таъминотию фурӯш (заготовительно снабженческие), ё ин ки сохтмон ташкил менамояд бар ивази меъёри 18% ААИ, меъёри пасткардашуда 5% бе ҳуқуқи баҳисобгирии ААИ пешбинӣ шудааст.

Минбаъд аз санаи 01.01.2013 то 01.01.2016 ба корхонаҳои истифодабарандаи меъёри пасткардашуда ба истиснои воридоти андозбандишаванда ва таҳвили минбаъдаи моли воридшуда бо андоз аз арзиши иловашуда (аз гардиши умумӣ) бо меъёри 5 фоиз бе иҷозати баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашудаи пардохташуда татбиқ карда мешавад. Тибқи талаботи сархати охирини қисми 5 моддаи 183 Кодекси андоз дар ҳолати истифодаи меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои пардохти ААИ вобаста ба воридоти андозбандишаванда, ба ҳисоб гирифтани ААИ-и ҳангоми хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо дар дохили ҷумҳурӣ пардохташуда, иҷозат дода намешавад. Ҳамаи андоз аз арзиши иловашудае, ки баҳисобгирии онҳо иҷозат дода намешавад, мутобиқи муқаррароти қисми 5 моддаи 111

ва қисми 4 моддаи 140 Кодекси андоз ба хароҷотҳо (арзиши мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо) дохил карда мешаванд.

Манъ будани баҳисобгирии ААИ-и дохилӣ ба шахсоне низ татбиқ мегардад, ки истифодабарандаи меъёри пасткардашуда буда дар фаъолияташон танҳо ба воридот ва фурӯши молҳо машғул мебошанд. Яъне, ба ин гуна шахсон дар ҳолати таҳвил намудани молҳои воридотӣ ҳуқуқи ҳисоб намудани ААИ бо меъёри 18% ва дар қисмати баҳисобгирии андоз бошад танҳо ба ҳисоб гирифтани ААИ ҳангоми барасмиётдарории гумрукӣ барои воридоти мол пардохташуда иҷозат дода шудааст.

Ҳангоми аз тарафи истифодабарандагони меъёри пасткардашуда ба дигар мол табдил додани молҳои дар натиҷаи воридоти андозбандишаванда ва амалиёти андозбандишаванда харидоришуда, ҳиссаитаҳвили минбаъдаи чунин моли дигар мутаносибан ба вазни қиёсии молҳои воридшуда дар ҳаҷми умумии харид бо меъёри стандартӣ (18%) андозбандӣ гардида, ҳиссаи боқимондаи таҳвили чунин моли дигар бо меъёри пасткардашуда (5%) андозбандӣ карда мешавад. (Мисолҳо оиди ҳисоб намудани ААИ бо меъёри пасткардашуда дар мактуби дастурии №100/13.2 аз 08.01.2013 оварда шудааст).

Истифодабарандагони меъёри пасткардашуда дар ҳолате, ки дар фаъолияташон молҳои воридотиро низ истифода мебаранд ӯҳдадоранд, тибқи талаботи моддаи 49 Кодекси андоз баҳисобгирии ҷудогонаи объектҳои андозбандиро (муомилоти андозбандишаванда ва воридоти андозбандишавандаро) амалӣ намоянд.

Яъне, дар сурати аз ҷониби коронаҳои дар қисми 2 моддаи 181 Кодекси андоз пешбинигардида ба амал баровардани дигар намуди фаъолиятҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо, ин андозсупорандагон вазифадоранд баҳисобгирии амалиётҳои андозбандишавандаро дар алоҳидагӣ ба роҳ монда, дар қисмати дигар фаъолиятҳо ААИ-ро бо татбиқ намудани баҳисобгирии андоз бо меъёри 18 % ҳисоб ва пардохт намоянд.

Супорандагони андоз аз арзиши иловашуда бо меъёри стандартӣ (18%) бошанд дар ҳама ҳолат сарфи назар аз он, ки дар баробари фаъолияти асосӣ ба фаъолияти хариду фурӯш, сохтмон, истеҳсол ва фурӯши хӯроки умумӣ, машғул мешаванд бояд андоз аз арзиши иловашударо бо меъёри 18% бо ҳуқуқи ба ҳисоб гирифтани ААИ (агар маҳдудият пешбинӣ нашуда бошад) ҳисоб ва пардохт намоянд.

Барои мақсадҳои андозбандӣ бо меъёри пасткардашуда (5%) таҳти мафҳуми ***корхонаҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти соҳаи хӯроки умумӣ*** - **тарабхонаҳо, ошхонаҳо, қаҳвахонаҳо ва дигар ҷойҳои ба истеҳсол ва фуруши хӯрока машғулбуда** фаҳмида мешавад. Таҳти мафҳуми ***корхонаҳои маҳсулоттайёркунӣ, таъминотию фурӯш*** бошад, корхонаҳоефаҳмида мешаванд, ки ба фаъолияти захира ва фурӯши мол (бе коркард) машғуланд (корхонаҳои зертобеъи ҷамъияти Тоҷикматлубот) фаҳмида мешаванд.

Бо мақсади ба танзим даровардани ҳолатҳои гузариш аз истифодабарандаи меъёри 18% ААИ ба меъёри 5%, андозсупорандагони ба меъёри пасткардашуда гузаранда бояд ба санаи 15.01.2013 эъломияи иловагӣ бо меъёри 18% (меъёри стандартӣ) пешниҳод намуда, маблағи

ААИ-и барои бақияи мол пардохташударо, ки ба ҳисоб гирифта шудааст, ба истисноӣ молҳои воридотӣ бекор намоянд. Таҳвили минбаъдаи молҳои воридотӣ бо меъёри 18% андозбандӣ мешаванд (мактуби дастурии №6262/7.1 аз 12.11.2012).

Таҳлили ҳолатҳои дуруст пешниҳод гардидани эъломияи ААИ нишон медиҳад, ки то ҳол тартиби пуркунии эъломияи андоз ба як қолаби дуруст надаромадааст ва аз ҷониби андозсупорандагон ҳаргуна пур карда мешавад, ки ба номутобиқатии маълумотҳо дар барномаи компютерӣ оварда мерасонад.

Истифодабарандагони меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда ӯҳдадоранд дар ҳолати ба амал баровардани муомилоти андозбандишаванда танҳо бо меъёри 5%, маблағҳои андозбандишаванда, аз андозбандӣ озод ва бо меъёри сифр андозбандишавандаро дар сатрҳои дахлдори қисми II, эъломияи андоз аз арзиши иловашуда, Шакли 03.02 дарҷ намоянд.

Дар замимаи №8 ба Дастурамал «Оид ба ҳисоб ва пардохти ААИ» шакли 03.01. (эъломияи андоз аз арзиши иловашуда бо меъёри 18%) дар қисми I, банди 8 пешбинӣ карда шудааст, ки андозсупорандаи истифодабарандаи меъёри пасткардашуда ҳангоми ба амал баровардани воридоти андозбандишаванда ба он бояд (дар хоначаи дахлдор бо аломати «х» ишора гузорад, аммо дар аксарият ҳолатҳо аз ҷониби андозсупорандагон ин талабот риоя намешавад.

Дар ҳолатҳои аз ҷониби татбиққунандаи меъёри пасткардашудаи ААИ, ки воридоти мол доранд маълумотҳо нисбати молҳои воридотӣ, бақияи молҳои истифоданагардидаи воридгардида ва молҳои аз дохил харидашуда инчунин, таҳвили мол ва иҷрои корҳои истифодабарандаи меъёр пасткардашуда дар сатрҳои дахлдори қисми III (Ҳисоб намудани андоз аз арзиши иловашуда барои супорандаи меъёри пасткардашуда, ки воридоти мол дорад), шакли №03.01. дарҷ карда мешавад. Дар ин қисм ҳиссаи моли воридотии хароҷотшуда (сатри 008а) дар ҳаҷми умумии хароҷотҳо муайян гардида муомилоти он дар зерсатри Б сатри 002, қисми II, Шакли 03.01. эъломияи андоз азарзиши иловашуда дарҷ карда мешавад (008аА/(008аА+008бА)*100). Ҳиссаи боқимондаи молҳои таҳвилшуда бо меъёри пасткардашуда андозбандӣ гардида, дар сатри 001 (бо меъёри 5%), қисми II, Шакли 03.02 (эъломия оид ба ААИ бо меъёри 5 фоиза) дарҷ карда мешавад.

Бақияи молҳои воридотӣ ба аввали давраи ҳисоботӣ бо дарназардошти моли воридотии хароҷотшуда дар моҳи ҳисоботӣ, давра ба давра нишон дода мешавад. Яъне, нишондоди сатри 006А бо нишондоди сатри 007А ҷамъ карда шуда, ба нишондоди сатри 008аА тарҳ карда мешавад ва натиҷаи он дар сатри 006А-и ҳисоботи моҳи минбаъда дарҷ мегардад.

Инчунин, ба эъломияҳои ААИ 7 шакл замима мегардад, ки тибқи онҳо маълумот оиди муомилоти бо ААИ андозбандишаванда (№03.01(02.03).01),амалиёти содиротӣ (№03.01(02).02), воридотӣ (№03.01(02).05), муомилоти озод (№03.01(02.03).03), маблағи ААИ-и

баҳисобгирифташаванда (№03.01(02).04), феҳристи харид (№03.01(02).07) ва фуруши молу маҳсулот (№03.01(02.03).06), маълумоти муфассал пешниҳод карда мешавад. Рақами аввал рақами шаклҳо, рақамҳои баъдина ва дар қавсайн овардашуда рақамҳои ба кадом эъломия замима шудани ин шакл ва рақамҳои охир рақами тартибии шаклҳоро ифода мекунанд.

Дар ҳолати пешниҳод намудани ҳисобнома-фактура аз ҷониби истифодабарандагони меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда, ки таҳвили мол (иҷрои кор) бо ду меъёр ҳисоб шудааст, ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда нисбат ба ҳар объекти бо ду меъёр ҳисобшаванда дар ҳисобнома-фактура дар сатрҳои алоҳида нисбат ба ҳар як меъёр дар алоҳидагӣ қайд карда мешавад. Масалан, таҳвили моле, ки аз ҳисоби молҳои воридотӣ ва ҳам аз ҳисоби молҳои дохилӣ истеҳсол шудааст дар номгӯи ҳисобнома-фактура дар як сатр нишон дода шуда, маблағи ҳиссаи фурӯши он бо меъёри 18% ва 5% дар зерсатрҳои алоҳида қайд карда мешавад.

Мақомоти ҳудудии андоз ӯҳдадор аст нисбати татбиқи меъёри пасткардашудаи ААИ (5%) чораҷӯӣ намуда назоратро оиди сари вақт ҳисоб намудан ва пардохт намудани ААИ пурзӯр намоянд.

Масъалаи татбиқи дурусти истифодаи меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда аз ҷониби Раёсатҳои дахлдори Кумитаи андоз таҳти назорати қарор дода шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Кумитаи андоз дар ҷамъбасти нимсолаи аввали соли ҷорӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

**Раис** **Н. Давлатов**

*Эзоҳ: Шакли электронии замимаҳо дар сомона ҷойгир карда шудааст.*

*№166/12.1 аз 10.01.2013*

**Мақомоти ҳудудии андоз**
**Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ**

***«Оид ба санҷишҳои амалиётӣ»***

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои муқаррароти қисми 5 моддаи 28 боби 5 Кодекси андози Чумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири навоиди санҷишҳои амалиётӣ корҳои мушаххас ба анҷом расонида истодааст.

Санҷишҳои амалиётӣ яке аз усулҳои назорати фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва фаъолияти хоҷагидории шахсони воқеӣ марбут ба қабули воситаҳои нақдӣҳангоми фурӯши мол, маҳсулот, хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо мебошад, ки аз ҷониби мақомоти андоз ба амал оварда мешавад.

Тибқи маълумотҳо дар қаламрави Ҷумҳурӣ ҳолатҳои риоя нагардидани талаботи қонунгузории андоз, бахусус фаъолият бидуни бақайдгирӣ дар мақомоти андоз, напардохтани маблағи андозҳо ва дигар қонунвайронкуниҳои андоз мушохида карда мешавад.

Аз ҷумла, бархилофи талаботи Низомнома «Дар бораи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» дар вақти тартиб додани борхатҳои молӣ маълумот дар бораи харидор, ному насаб, суроға, суратҳисоби бонк, маълумотҳои андозсупоранда, тамға ва рақами нақлиёти боргиранда, шахсияти борқабулкунанда дарҷ карда намешавад, ки чунин ҳолат барои аз андозбандӣ пинҳон мондани харидорону фурӯшандагони зиёд мусоидат менамояд.

Мувофиқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд, кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо бояд бо истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва додани чеки назоратӣ анҷом дода шавад. Аммо дар аксар мавридҳо андозсупорандагон ҳангоми фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд аз мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ истифода набурда, чеки назоратӣ намедиҳанд ва инчунин Дафтари сабти қайди маблағҳои пули нақдиро

истифода намебаранд. Бар замми ин, ҳангоми супоридани ҳисоботҳо ба Нозиротҳои андоз маълумотҳои хотираи фискалии мошинҳои назоратӣ-хазинавиро пешниҳод наменамоянд.

Мутаассифона, чандин ҳолатҳои дигари қонунвайронкуниҳои андозро мисол овардан мумкин аст.

Кумитаи андоз бо мақсади ташкили дурусти назорати андоз нисбати андозсупорандагон ба мақомоти ҳудудии андоз таҳти №605/7-1 аз 01.02.2012 мактуб ирсол карда буд. Тибқи мактуби мазкур мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шуда буданд, ки оиди натиҷаи санҷишҳои амалиётие (санҷишҳои амалиётӣ вобаста ба иҷораи молу мулк, нақлиёт, риоя ва дар амал татбиқ намудани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №656 ва №310, инчунин вазъи андозбандии сарояндагон ва дигар чораҳои иловагии андешидашуда, ба истиснои натиҷаҳои фаъолияти гурӯҳҳои корие, ки дар асоси Фармонҳои Раиси Кумитаи андоз таъсис дода шудаанд) аз ҷониби онҳо гузаронида мешаванд, тибқи ҷадвали замима гардида дар алоҳидагӣ, ҳар моҳ то санаи 10-уми моҳи минбаъда ба унвонии Кумитаи андоз ҳисобот пешниҳод намоянд.

Инчунин, баъдан Кумитаи андоз ба мақомоти ҳудудии андоз мактуб таҳти №7355/12.5 аз 04.12.2012 ирсол намуда, онҳоро вазифадор намуда буд, ки аз рафти корҳои анҷомдодашуда аз он ҷумла санҷишҳои амалиётӣ ҳар моҳ то санаи 3-юми моҳи минбаъда ба Раёсатҳои андоз дар шаҳру вилоятҳо ва дар навбати худ Раёсатҳои андоз дар шаҳру вилоятҳо ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ то санаи 5-уми моҳи минбаъда ба Кумитаи андоз ҳисобот пешниҳод намоянд.

Мутаассифона, аз тарафи баъзе мақомоти ҳудудии андоз супориши мазкур бе иҷро монда истодааст.

Бинобар ҳамин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар таваҷҷуҳи мақомоти ҳудудии андозро ба мактубҳои супоришии қаблӣ ҷалб намуда, хотиррасон менамояд, ки нисбати гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

Кумитаи андоз зимнан ба мақомоти ҳудудии андоз ва инчунин ба Раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз чунин супориш медиҳад:

- санҷишҳои амалиётӣ танҳо дар асоси амрнома гузаронида шуда, дар амрнома маҳалли гузаронидани санҷиш (номи бозор, кӯча, ноҳия ва ҳоказо) ва ё номи субъекти фаъолияти соҳибкорие, ки дар нуктаҳои савдо, биноҳои истеҳсолӣ ва анборҳои вай бояд санҷиш гузаронида шавад, инчунин санаи гузаронидани санҷиш, мӯҳлати гузаронидани санҷиш ва ному насаб ва мансаби кормандони мақомоти андоз, ки барои гузаронидани санҷиш сафарбар карда шудаанд, ҳатман дарҷ карда шавад;

- то оғози санҷишҳои амалиётӣ роҳбарони масъули мақомоти андоз ба роҳбарони гурӯҳҳо ва санҷишгарон, дастур (инструктаж) диҳанд, роҳбарони гурӯҳҳо бояд боварӣ ҳосил намоянд, ки шахсони барои санҷиш сафарбаркардашуда бо варақаҳои санади санҷишӣ, протоколҳо, номгӯйи инвентаризатсионӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари барои гузаронидани санҷиши амалиётӣ зарур, таъмин мебошанд;

- санҷишҳо дар объекти муайяншуда на зиёда аз як маротиба дар 6 моҳ гузаронида шуда, минбаъд санҷишҳои доимамалкунанда гузаронида нашаванд;

- объектҳое, ки аз тарафи гурӯҳҳои кории мақомоти ҳудудии андоз ё гурӯҳҳои кории Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз таҳти санҷишҳои амалиётӣ қарор дода шудаанд, минбаъд барои пеш аз мӯҳлат гузаронидани санҷишҳои онҳо бо иҷозати хаттии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз гузориши хаттии асосноки мақомоти андозе, ки пеш аз мӯҳлат гузаронидани санҷишҳоро мувофиқ мешуморад, гузаронида шаванд (дар гузориши хаттӣ, сабабҳо ва зарурияти гузаронидани санҷишҳои пеш аз мӯҳлат, қайд карда шаванд);

- баъди ба охир расидани санҷишҳои амалиётӣ санҷишгарон ҳатман санади санҷишҳои амалиётӣ тартиб дода, ба санад нусхаҳои ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ҳисобҳои анҷомдодаи санҷишгарон ва дигар маводи дар рафти санҷишҳои амалиётӣ гирифташударо замима кунанд;

- аз рафти корҳои анҷомдодашуда, санҷишҳои амалиётии гузаронидашуда ҳар моҳ дар мӯҳлати то санаи 5-уми моҳи минбаъда ба унвонии Кумитаи андоз ахбороти хаттӣ бо замимаи ҳисоботи шакли нав барои ҷамъбаст ирсол карда шавад.

Вазифаҳои асосие, ки аз ҷониби мақомоти андоз дар рафти санҷишҳои амалиётӣ ҳаллу фасл карда, мавриди омӯзиш қарор мегиранд:

- назорати риояи муқарраротӣ қонунгузории ҷории андоз аз ҷониби андозсупорандагон;

- муқаррар кардани шахсияти намояндагони андозсупоранда;

- вуҷуд доштани шаҳодатнома ва иҷозатномаи махсус (литсензия) ҷиҳати амалисозии намуди мазкури фаъолият;

- риояи қабули воситаҳои пулии нақд, кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо аз мизоҷон бо истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, системаи компютерии дорои хотираи фискалӣ ва бо додани чеки назоратӣ, дар қисми хизматрасониҳо ба аҳолӣ бо додани расидҳо (квитансияҳо), чиптаҳо, талонҳо, тамғаҳои пардохти почтавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба чекҳо баробаркардашудаи ҳисоботи қатъӣ тибқи шаклҳои тасдиқнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дурустии пуркунии Дафтари сабти қайди маблағҳои пулии нақд ва Дафтари сабти расидҳо (квитансияҳо) ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳисоботи қатъие, ки шаклҳои онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад ва риояи қоидаҳои истифодабарии мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ;

- риоя намудани қоидаҳои рехтан (печондан), гузоштани тамғаҳои аксизӣ, нигохдорӣ, фурӯши молҳои зераксизӣ ва амалӣ кардани намудҳои алоҳидаи фаъолияти зераксизӣ (машрубот ва маҳсулоти тамоку);

- ошкорсозии андозсупорандагоне, ки фаъолияташонро бидуни бақайдгирии давлатӣ ва гузоштан ба баҳисобгирии бақайдгирӣ дар мақомоти андоз ва ё гирифтани иҷозатномаи махсус (литсензия) барои машғул шудан бо баъзе номгӯи фаъолияти алоҳида анҷом медиҳанд;

- назорат аз болои гардиши ашёи хом (маводҳо), маҳсулот ва молҳо дар истеҳсолот ва анборҳо, инчунин дар ҷойхои фурӯши маҳсулот (молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) бо роҳи гузаронидани баҳисобгирии (инвентаризатсия) пурра ва ё ҷузъӣ, бо мақсади дарёфти маълумоти зарурӣҷиҳати гузаронидани санҷишҳои андоз;

- дар баҳисобгирӣ таъмин намудани инъикоси пурраи даромадҳое, ки андозсупоранда (субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ) ҳангоми фурӯши маҳсулот (молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) ба даст меорад;

- аз ҷониби корфармо барои иҷрои ягон кор (хизматрасонӣ) ҷалб намудани кормандони кироя;

- мутобиқати бақия, номгӯй, нархномаи мол, бо маълумотҳои борхати молию нақлиётӣ, ҳуҷҷатҳои дигар ва маблағи пули фурӯш (молҳо, корҳо хизматрасониҳо), ки дар лаҳзаи санҷишҳои амалиётӣ аз рӯи нишондоди мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ гузаронида мешавад;

- мавҷудияти ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи пардохти андозҳои муқарраршуда, ки фурӯши молҳоро (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) ба шахсони воқеӣ анҷом медиҳад;

- масъалаҳои дигаре, ки ба салоҳияти мақомоти андоз тааллуқ доранд.

Хотиррасон менамоем, ки тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати гузаронидани санҷиши амалиётӣ наметавонад аз 15 рӯзи корӣ зиёд бошад. Санҷиши амалиётӣ нисбат ба андозсупорандаи алоҳида набояд аз чор соати корӣ зиёд давом кунад ва санҷиши андоз метавонад танҳо дар вақти корӣ ва рӯзҳои кории муқарраршуда гузаронида шавад. Дар ҳолати амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсол ва (ё) фурӯши молҳо, корҳо, хизматрасонӣ) дар вақти дигар, санҷиши андоз инчунин метавонад дар ин вақт гузаронида шавад. Агар вақти кории мақомоти андоз ва андозсупоранда мувофиқ набошад, санҷиши андоз метавонад дар вақти кории андозсупоранда гузаронида шавад. Инчунин, анҷом додани санҷишҳои амалиётӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки андозсупоранда бе ҷалб намудани коргари кироя кор мекунад ва иштироки ӯ дар ҷараёни санҷиш ҳатмӣ мебошад, набояд фаъолияти андозсупорандаро боз дорад ва набояд боиси номуътадилии нархҳои истеъмолӣ гардад.

Масъулияти иҷроиши супориши мазкур бевосита ба зиммаи роҳбарони аввали мақомоти ҳудудии андоз вогузор карда мешавад.

Замима: Шакли нави ҳисоботи моҳона дар ҳаҷми ___варақ ва шакли ҷадвали қайди андозсупорандагон дар рафти санҷишҳои амалиёти дар ҳаҷми ___варақ.

**Раис** **Н.Давлатов**

*Эзоҳ: Шакли электронии замимаҳо дар сомона ҷойгир карда шудааст.*

*№2589/9.1-д аз 2.04.2013*

**Мақомоти ҳудудии андоз ва**
**Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ**

***«Оид ба моратория дар соҳаи истеҳсолӣ»***

Дар асоси Фармоиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1146 аз 30 сентябри соли 2011 (минбаъд - Фармон) ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ моратория эълон карда шудааст.

Тибқи банди 1 Фармоиши мазкур моратория ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои соҳибкорӣ, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулот таъсис медиҳанд ва/ё техникаю технологияҳои навинро барои васеъ намудани на кам аз нисфи истеҳсолот ҷалб менамоянд, ба муҳлати се сол муқаррар гардидааст.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани Фармон санаи 3 июли соли 2012, таҳти №859 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» (минбаъд - Қонун) ба тасвиб расид.

Сархати 8 моддаи 1 Қонун муқаррар намудааст, ки давраи мораторияи Санҷишҳо - муҳлате, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, дар давоми он санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонуни мазкур, манъ карда шудааст, мебошад. Давраи моратория мутобиқи Фармон ба муҳлати се сол муқаррар гардидааст. Яъне, муқаррароти мазкур аз моҳи октябри соли 2011 то моҳи сентябри соли 2014 амал мекунад.

Мутобиқи талаботи моддаи 3 Қонун оид ба татбиқи мораторияи санҷишҳои фаьолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №87 аз 2 марти соли 2013 Комиссияи давлатӣ таъсис дода шудааст.

Ҳамзамон қайд менамоем, ки мутобиқи талаботи сархати 5 моддаи 1 Қонун **субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ** - шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродие эътироф карда мешавад, ки **дорои шаҳодатномаи**

**субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ** (минбаъд - шаҳодатномадор) мебошад.

Мувофиқи муқаррароти сархати 2 моддаи 4 Қонун **шаҳодатномаи субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ** (минбаъд - шаҳодатнома) аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дода мешавад.

Аз ин хотир, ба Шумо дастур дода мешавад, ки дар давраи мораторияи танҳо нисбати он субъектҳои соҳибкорие, ки дорои **шаҳодатнома** мебошанд, гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатӣ ва амалиётии андозро аз санаи гирифтани шаҳодатнома то ба анҷом расидани давраи мораторияи (яъне, то 01.10.2014) манъ кунед.

Ҳамчунин бо истифода аз муқаррароти моддаи 7 Қонун ба Шумо дастур дода мешавад, ки барои пешгирӣ намудани қонунвайронкунии андоз дар субъектҳои хоҷагидорӣ ба ҷои санҷишҳое, ки мӯҳлаташон фаро расидааст **азназаргузаронии профилактикӣ** гузаронед.

Зимнан бояд қайд кард, ки ҳангоми **азназаргузаронии профилактикӣ** аз ҷониби санҷишгар тавсиянома тартиб додашуда он ба субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дода мешавад. Аз рӯи натиҷаи **азназаргузаронии профилактикӣ** ҷарима таъин карда намешавад. Аммо фоизҳо барои сари вақт пардохт нагардидани андозҳои иловагӣ ошкоргардида ҳисоб карда мешаванд.

Инчунин мутобиқи қисми 2 моддаи 6 Қонун муқаррар гардидааст, ки санҷиши фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ оид ба иҷро намудани муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз мораторияи дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад (яъне, санҷиши андоз гузаронида мешавад):

- дар асоси аризаи шаҳодатномадор;
- ҳангоми аз ҷониби шаҳодатномадор **иҷро нагардидани уҳдадории андоз;**
- дар асоси мурочиати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба шаҳодатномадороне, ки нисбати онҳо парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 58 Кодекси андоз уҳдадории андоз ин уҳдадории андозсупоранда дар назди давлат мебошад, ки мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омада, тибқи он андозсупоранда уҳдадор аст ба буҷет андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳоро супорад. Бинобар, ин ҳангоми иҷро нагардидани муқаррароти мазкур Шумо ҳуқуқ доред дар субъекти шаҳодатномадоре, ки ин талаботро иҷро намекунад санҷиши ҳуҷҷатии андоз таъин намоед.

Илова бар ин, Шуморо лозим аст, ки руйхати чунин субъектҳоро бурда оид ба санаи гирифтани шаҳодатнома ва амали моратория, инчунин санҷиш ва дигар амалҳое, ки нисбати ин субъектҳо гузаронида мешавад, **ҳар семоҳа** ба Кумитаи андоз маълумотнома пешниҳод намоед.

**Раис** **Н.Давлатов**

**РАИСИ**
**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

17.09.2013 №324 «4» ш.Душанбе

**«Оиди ҳадди миёнаи гаронии андоз»**

Мутобиқи мукаррароти моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади маъмурикунонӣ ва баланд бардоштани сифати корҳои ташкилию назоратии мақомоти андоз ҳангоми гузаронида санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз, ҷорӣ намудани системаи ягонаи банақшагирии санҷишҳои маҷмӯии андоз, баланд бардоштани масъулити кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон,

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ҳадди миёнаи гаронии андоз дар соҳаи фаъолият мутобиқи Замимаи 1 ба фармоиши мазкур тасдиқ карда шавад.

2.Раёсати санчиши андозҳо:

- дар рафти банақшагирии санҷишҳои ҳуҷҷатии андозсупорандагон бо назардошти андозаҳои (критерияҳои) хавфҳо, ки бо фармоиши Кумитаи андоз аз 23.01.2012 таҳти № 12 «Оид ба системаи баҳисобгирии хавфҳо» тасдиқ гардидааст, даврияти гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатии андозро муайян намояд.

Ҳангоми муайян намудани даврияти санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз аввалан критерияи «Муқоисаи гаронии андозҳои ҳисобшудаи андозсупоранда бо нишондиҳандаҳои миёнаи соҳа ва минтақа», баъдан дигар критерияҳо ба инобат гирифта шаванд;

- дар якҷояги бо Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо ҳар сол то санаи 31 декабр бо назардошти маълумотҳои дар мақомоти андоз ҷой дошта ва нишондодҳои омории соҳавии андозсупорандагон, гаронии миёнаи андози андозсупорандагонро вобаста ба соҳаи фаъолият муайян намояд.

3. Раёсати санҷиши андозҳо, Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, ш.Душанбе, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳангоми гузаронидан ва ҷамбаст намудани санҷишҳои ҳуҷҷатии андозҳадди миёнаи муқарраргардидаи гарони андозро тибқи банди 1 Фармоиш мазкур риоя намоянд.

4. Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои ҳуҷчатии андоз талаботи моддаи 24 Кодекси андозро ва талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013 таҳти №212 дар бораи Тартиби муайянкунӣ ва истифодабарии нархҳои бозорӣ барои мақсадҳои андозбандӣ ба инобат гирифта, мутобикатии нархҳои дар ҳисоботҳои (эъломияҳо) андоз истифоданамудаи андозсупорандаро ба нархҳои бозории молҳо (корҳо ва хизматрасониҳо) мавриди санҷиш карор диҳанд.

5. Дар мавриди паст будани ҳадди гаронии андози андозсупоранда, ки зери санҷиши ҳуҷҷати андоз қарор дода шудааст, бо пешниҳоди хулосаи асоснок аз ҷониби Раёсати санҷиши андозҳо ва роҳбари мақоми ҳудудии андоз мутобиқ ба талаботи қисми 10 моддаи 29 Кодекси андоз нисбати чунин андозсупоранда санҷиши такрории ҳуҷҷатии андоз гузаронида мешавад ва ё дар Нақшаи гузаронидани санҷишҳои маҷмӯии андоз ба ҳисоб гирифта мешавад.

6. Ҳангоми ҳисоб намудани вазни қиёсии андоз дар асоси гаронии миёнаи андоз дар соҳаи фаъолият (замимаи 1) низоми андозбандии андозсупорандагон ба инобат гирифта мешавад.

7. Санҷиши маҷмӯии андози андозсупорандагоне, ки дар фаъолияташон аломатҳои муқарраргардидаи хавф ҷой надоранд, мутобиқ ба даврияти муқарракнамудаи моддаи 29 Кодекси андоз бо назардошти мӯҳлати мурури даъво, ки қисми 1 моддаи 66 Кодекси андоз муқаррар намудааст амалӣ карда мешавад.

8.Дар ҳолатҳои зерин санҷишҳои маҷмӯии андоз берун аз нақшаи санҷишҳои андоз амалӣ карда мешаванд:

- бо дархости асосноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- дар асоси аризаи хаттии худи андозсупоранда оиди гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатии андоз;
- ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, азнавташкилёбӣ ё барҳам хурдани шахси ҳуқуқӣ.

9. Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо Фармоиши мазкурро барои маълумоти доираи васеи андозсупорандагон дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz tj) ва Шӯъбаи равобит бо ВАО ва протокол дар Ҳафтавораи «Боҷу хироҷ» ҷойгир намояд.

10. Раёсати ташкили назорати андозҳо дар якҷояги бо Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, ш.Душанбе, НААК бо роҳи гузаронидани семинар – машваратҳо ба маълумоти доираи васеи андозсупорандагон моҳиятифармоиши мазкурро расонанд.

11.Масъулияти татбиқи дурусти талаботи фармоиши мазкур ба зиммаи сардорони воҳидҳои мақомоти андоз гузошта шуда, дар сурати ба камбудиҳо роҳ додан нисбати корманди масъул ва сардорони воҳидҳои мақомот чораҳои маъмурии интизомӣ андешида мешавад.

12. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ Фармоиши мазкурро ба маълумоти воҳидҳои сохтории Кумитаи андоз, Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, ш. Душанбе, НААК ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас намояд.

13. Фармоиши қаблии Раиси Кумитаи андоз аз 31.01.2012 таҳти №24 аз эътибор соқит дониста шавад.

14. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи худам гузошта шавад.

**Раис** **Н.Давлатов**

Замимаи №1
Ба фармоиши
Раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
*«17» 09 с. 2013 №324*

**Гаронии миёнаи андоз аз рӯи соҳаи фаъолият**
(бо ҳисоби на кам аз ___%)

| № | | Соҳаи фаъолият | Гаронии миёнаи андоз дар соли 2013 |
|---|---|---|---|
| 1 | **Хизматрасонӣ** | | |
| | | Алоқа | 30 |
| | | Бонк | 12 |
| | | Нақлиёт | 10 |
| | | Меҳмонхонаҳо, чиптафурӯшӣ, таъмири мошинҳо дар ҷойҳои махсус, тарабхона ва чойхонаҳо | 20 |
| | | **Савдо:** | |
| | | -дар қисмати меъёри стандартии ААИ | 4,5 |
| | | -дар қисмати меъёри пасткардашудаи ААИ | 7 |
| | | Дигар намудҳо | 12 |
| 2 | **Саноат** | | |
| | | Истеҳсоли молҳои зераксизӣ | 26 |
| | | Истихроҷи канданиҳои фоиданоки | |
| | | - маъмул | 20 |
| | | - дигар канданиҳо | 15 |
| | | Дигар намудҳои фаъолият | 10 |
| 3 | **Энергетика** | | 22 |
| 4 | **Сохтумон** | | 10 |
| 5 | **Ҳангоми фаъолият дар низоми соддакардашудаи андозбандӣ** | | 7 |

**Эзоҳ:**
1. Гаронии андоз бо роҳи ҳисоб намудани таносуби ҷамъи андозҳои ҳисобнамудаи андозсупоранда нисбат ба даромади умумии андозсупоранда

дар соли андоз (давраи зери санҷиш қарор додашаванда), муайян карда мешавад:

**ГА =(АХ/ДУ) х 100%,**

Дар ин ҷо:

**ГА** – гаронии андоз;

**АХ** – андозҳои ҳисобнамудаи андозсупоранда;

**ДУ** – даромади умумии андозсупоранда.

а) Ҳангоми ҳисоб намудани ҳадди миёнаи гаронӣ андозҳо зерин ба инобат гирифта намешаванд:

- андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми барисмаятдарории гумрукии молҳо пардохтнамудаи андозсупоранда, ки баъдан дар таҳвили минбаъда баҳисоб гирифта мешавад ва ё ба таркиби хароҷот дохил карда мешавад;
- андозҳое, ки андозсупоранда ҳамчун агенти андоз аз манбаи пардохт нигоҳ дошта ба буҷет пардохт менамояд (андоз аз даромади шахсони воқеии кироякор, ААИ ва андоз аз даромади ғайрирезидентҳо, суди саҳмияҳо, фоизҳо ва ғайра).

б) Дар сурати аз имтиёзҳои андозӣ, истифода намудани андозсупоранда, асоснокии он баррасӣ гардида, нусхаи маълумотномаи имтиёзҳои андозӣ, ки Кодекси андоз муқаррар намудааст ба санад (маълумотнома) аз натиҷаи корҳои назоратӣ замима карда мешавад.

*№7983/11.1аз 18.09.2013*

**Мақомоти ҳудудии андоз**
*Нусха*: **БДАҶТ “Амонатбонк”**

***“Оид ба буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронидани маблағи ҷаримаҳо”***

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дурустии ба буҷет ворид гардидани маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ дар соҳаи андозро дар яккатор шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мавриди санҷиш қарор дод.

Мутобиқи талаботи моддаи 39 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронида мешавад.

Аммо, талаботи муқарарнамудаи қонунгузории зикргардида аз ҷониби мақомоти бонкӣ ва мақомоти ҳудудии андоз ба таври бояду шояд риоя нагардидааст.

Таҳлилҳои гузаронидашуда, ҳолатҳои ба буҷети маҳаллӣ ворид шудани маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ барои вайронкунии қонунгузории андозро ошкор намуд.

Масалан, маблағи 21177 сомонӣ аз ҳисоби ҷаримаҳои маъмурӣ барои вайронкунии қонунгузории андоз ба суратҳисоби буҷети маҳаллии шаҳри Ваҳдат гузаронида шудааст. Ҳолати мазкур дар асоси маълумотномаи Филиали №14 Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Ваҳдат аз 28.08.2013 таҳти № 655 тасдиқ карда мешавад.

Ҳамзамон, дар асоси маълумотнома ва иқтибоси маблағҳои воридшуда аз Филилаи №15 Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Турсунзода таҳти № 303 аз 21 августи соли 2013 **давоми ҳафт моҳи соли 2013** аз ҳисоби фоизҳо ва ҷаримаҳо барои вайронкунии қонунгузории андоз ҳамагӣ ба маблағӣ **130494,80 сомонӣ** ворид шуда, аз ин маблағи **33520** сомонӣ аз ҳисоби ҷаримаҳо буда, аз ҷониби бонк ба суратҳисоби буҷети маҳаллии шаҳри Турсунзода (с/ҳ 20204972970050115000) гузаронида шудааст.

Бояд қад намуд, ки ҳолати мазкур дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ ҷой дорад.

Бо назардошти ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андозро вазифадор менамояд, ки ҳангоми ситонидани маблағҳои ҷаримаи маъмурӣ ҳолатҳои ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид шудани онҳоро таҳти назорати қатъӣ қарор дода, ҳамкориро бо Филиалҳои дахлдори Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” ва дигар бонкҳои дахлдор ба роҳ монанд.

Аз Раёсати Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” хоҳиш карда мешавад, ки бо мақсади иҷрои талаботи қонунгузории зикргардида барои ба буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронидани маблағи ҷаримаҳо, аз ҷумла ҷаримаҳои маъмурӣ дар соҳаи андоз ба филиалу намояндагиҳои худ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дастурӣ хаттӣ ирсол намоянд.

Ҳамзамон хоҳиш карда мешавад, ки аз натиҷаи баррасии мурочиат ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум намоед.

**Раис** **Н. Давлатов**

*№467/11.1 аз 28.01.2013*

**Мақомоти худудии андоз**

***«Оид ба тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон”***

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти № 910 аз 28 декабри соли 2012 қабул ва аз 4 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шуд.

Мутобиқи қонуни мазкур дар моддаҳои 22, 29, 34, 39, 599, 600, 601, 602, 605, 606, 607, 608, 609, 610, 611, 612, 613, 614, 615, 616, 617, 618, 620 ва 623 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи андоз дахл доранд, тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Бо мақсади дуруст татбиқ намудани тағйиру иловаҳои воридгардида ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин маълумот ва дастур медиҳад:

- **Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 22**

Қисми 1 моддаи 22, ки ***мафҳуми ҷавобгарии маъмуриро*** пешбини менамояд, дар таҳрири нав таҳия гардида дар он калимаҳои “соҳибкори инфиродӣ” илова карда шуд.

Боядқайднамуд, ки«соҳибкори инфиродӣ» ҳамчун субъекти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар моддаҳои қисми махсуси кодекс пешбинӣ шуда, дар қисми умумии он пешбини нагардида буд. Мақсад аз ворид намудани «соҳибкори инфиродӣ» ба моддаи зикргардида, мутобиқ намудани муқаррароти қисми умумии Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмури Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисми махсусӣ он мебошад.

- **Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 29**

Моддаи 29***ҷавобгарии маъмурии шахси мансабдор, шахси ба ӯ баробар кардашуда ва соҳибкори инфиродиро муқаррар намуда*** дар таҳрири нав ифода карда шуд. Ҳамзамон ба моддаи мазкур қисмҳои 4 ва 5 илова карда шуданд.

Мутобиқи тағйироти воридгардида ба бандҳои 1, 2 ва 3-и модда асосҳои ба ҷавобгарии маъмури кашидани шахси мансабдор, мафҳуми шахси мансабдор, асосҳои ба ҷавобгарии маъмури кашидани роҳбарон ва

кормандони ташкилотҳо ҳамчун шахси мансабдор пешбини карда шудааст.

Банди 4 асосҳои ба ҷавобгарии маъмури кашидани соҳибкори инфироди ва банди 5 мафҳуми соҳибкори инфиродиро муқаррар намуданд.

Мутобиқи бандҳои 4 ва 5 ки ба моддаи 29 ворид карда шуд минбаъд соҳибкори инфироди ҳамчун субекти ҳуқуқвайронкунии маъмури ба шахсони мансабдор баробар карда шуда аст. Яъне соҳибкори инфироди дар мавриде, ҳамчун шахси мансабдор ба ҷавобгари кашида мешавад, кирдори ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содир намуда, аммо дар моддаи қисми махсус бевосита пешбини нагардида бошад.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 34**

Моддаи 34 ***мафҳуми ҷазои маъмуриро муқаррар намуда*** дар таҳрири нав қабул карда шуд.

Ба таҳрири нави моддаи 34 калимаҳои "соҳибкори инфироди" дохил ва ҳамчун субекти ҳуқуқвайронкунии маъмури пешбини карда шудааст. Ҳамзамон мақсад аз тағйироти мазкур мутобиқ намудани муқаррароти қисми умуми ба қисми махсуси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 39**

Қисмҳои 3, 4 ва 5-и моддаи 39, ***ки мафҳуми ҷаримаи маъмуриро муқаррар намудааст*** дар таҳрири нав қабул карда шуданд.

Мутобиқи тағйироти ба меъёри қисми 3 моддаи 39 воридгардида ҳадди поёнии ҷаримаи маъмури зиёд карда шуда, барои шахси воқеъи ва соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ба ҷойи нисф як ва нисбати шахси мансабдор ба ҷойи як се нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шуд. Ҳамзамон ҳадди поёнии ҷаримаи маъмури нисбати соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба ҷаримаи нисбати шахсони ҳуқуқи муқаррар гардида баробар гардида, даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шуд. Минбаъд андозаи ҷаримаи маъмурии таъиншаванда бояд аз андозаи дар ҳамин қисм пешбини гардида кам набошад.

Ҳамзамон мутобиқи тағйироти ба меъёри қисми 4 моддаи 39 воридгардида соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома амалкунанда пешбини шуда ҳадди болоии ҷаримаи маъмури нисбати онҳо дар алоҳидаги муқаррар карда шуда аст. Тибқи ин тағйирот ҳадди болоии ҷарима барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда сад ва нисбати соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар гардид.

***Хотиррасон менамоем, ки андозаҳои поёни ва болоии зикргардида дар мавриде тадбиқ карда мешавад, ки агар моддаҳои қисми махсуси кодекс ҷаримаро дар шакли фоиз нисбати маблағи пинҳонкардашудаи андозҳо муқаррар накарда бошад. Дар ҳолате, ки моддаи қисми махсуси кодекс ҷаримаро бо фоиз муқаррар намуда бошад андозаи дар қисми 4 моддаи 39 ба инобат гирифта намешавад.***

Тағйироти ба қисми 5 моддаи 39 воридгардида доираи ваколатҳои мақомоти андозро вобаста ба баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмури васеъ намуд. Қаблан тибқи банди 5 моддаи 39 парвандаи маъмурии андозаи ҷаримаашон аз сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд (12 000 - сомонӣ) барои баррасӣ ба мақомоти судӣ ирсол карда мешуд. Мутобиқи иловаи воридгардида минбаъд парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии

маъмури дар соҳаи андоз новобаста аз андозаи ҷаримаи маъмури аз ҷониби шахсони ваколатдори худи мақомоти андоз барраси гардида, ба мақомоти суди ирсол карда намешавад.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 599**

Мутобиқи тағйироту иловаҳои воридгардида ба моддаи 599, ***ки саркаши аз пардохти андозҳоро пешбини менамояд*** санксияҳоиқисмҳои 1, 2, 3, 4 ва диспозитсияи қисмҳои 3 ва 4-и модда дар таҳрири нав ифода карда шуданд.

Мутобиқи таҳрири нави санксияи қисми 1 моддаи 599, ***ки саркаши аз пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро пешбини намудааст***ба шахсони воқеи ба андозаи аз ҳашт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ, ба сохибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқи аз яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

Таҳрири нави санксияи қисми 2 моддаи 599, ***ки мавҷуд набудани баҳисобгирии муҳосиботи ва риоя накардани тартиби пешбурди онро пешбини менамояд,*** ба шахсони мансабдор ба андозаи аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқи аз яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар намуд.

Дар асоси таҳрири нави санксияи қисми 3 моддаи 599, ***ки қоидаҳои истеҳсол ва дигар муомилот бо молҳои зераксизиро дар назар дорад***,ба шахсони мансабдор ба андозаи аз ҳаштод то сад ва ба шахсони ҳуқуқи аз сесаду сӣ то сесаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар гардид. Ҳамзамон, дар санксияи қисми мазкур соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ҳамчун субъектҳои номувофиқи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ хориҷ карда шудаанд.

Ҳамзамон санксияи қисми 4 моддаи 599, ***ки бе тамғаҳои аксизи ба фуруш баровардани моли зераксизиро пешбини намудааст,*** дар таҳрири нав ифода гардидаба шахсони мансабдор ба андозаи аз ҳаштод то сад, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқи аз ҳаштод то сад фоизи арзиши бозории ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима муқаррар намуд.

Мутобиқи тағйиротҳои воридгардида ба санксияҳои қисмҳои 1, 2, 3 ва 4 моддаи 599 андозаи ҷаримаҳои маъмурӣ барои саркаши аз пардохти андозҳо зиёд гардида фосилаи ҳадди поёни ва болоии ҷаримаи маъмури кам карда шуд. Дар баробари ин андозаи ҷаримаи маъмури нисбати соҳибкори инфироди ба андозаи ҷаримаи маъмурии нисбати шахси ҳуқуқи муқаррар гардида баробар карда шуд.

Дар диспозитсияи қисми 3-и моддаи 599, ***ки қоидаҳои истеҳсол ва дигар муомилот бо молҳои зераксизиро дар назар дорад*** калимаи «шишаҳо» ба «зарфҳо» иваз карда шудааст. Сабаби тағйироти мазкур ин мутобиқ гардонидани муқарраротӣ қисм ба вазъи имрӯзаи технологияи истеҳсоли маҳсулоти зераксизӣ (нушокиҳо ва машрубот) мебошад. Яъне, мафҳуми "зарфҳо" нисбати мафҳуми "шишаҳо" мафҳуми васеътар буд, ба зарфҳо ба ғайр аз шишаҳо, дигар намуди зарфҳои барои истеҳсоли

нушокиҳо ва машрубот истифодашаванда (зарфҳои пластмассӣ, қоғазӣ ва ҳоказо) дохил мешаванд.

Қисми 4-и моддаи 599такмил дода шуд, ки тибқи он ба ғайр аз фурӯш, барои бе тамғаҳои аксизӣ нигоҳдорӣ ва интиқоли моле, ки мувофиқи тартиботи муқарраршуда бояд дорои тамғаҳои аксизӣ бошанд, ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда шудааст.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 600**

Санксияҳоиқисмҳои 1 ва 2-и моддаи 600, ***ки иҷро накардани талаботи қонунии шахсони мансабдори мақомоти андозро дар назар дорад***, дар таҳрири нав ифода карда шуда, мутобиқи онҳо андозаи ҷаримаи маъмури зиёд ва фосилаи ҳадди поёни ва болоии ҷаримаҳо кам карда шуд.

Мутобиқи таъғийротҳо ба санксияи қисми 1 моддаи 600 андозаи ҷаримаи маъмури барои шахсони воқеъи аз ҳашт то даҳ, ба соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда аз понздаҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз даҳ то бист, ба соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ва шахсони ҳуқуқи аз ҳаштод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шудааст.

Тибқи тағийротҳои воридгардида ба қисми 2 моддаи 600, ***ки такроран иҷро накардани талаботи қонуниро дар давоми як сол дар назар дорад,*** андозаи ҷаримаи маъмури барои шахсони воқъи аз понздаҳ то бист, ба соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда аз бисту панҷ то сӣ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ва шахсони ҳуқуқи аз дусад то дусаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шуда аст.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 601**

Санксияҳоиқисмҳои 1, 2 ва 3-и моддаи 601, ***ки риоя накардани мӯҳлати муқарраршудаи пешниҳоднамудани эъломияҳои андозро дар назар доранд,*** дар таҳрири нав ифода карда шуда, мутобиқи онҳо андозаи ҷаримаи маъмури зиёд ва фосилаи ҳадди поёни ва болоии ҷаримаҳо кам карда шуд.

Тибқи тағийротҳои воридгардида ба қисми 1 моддаи 601, ***ки пешниҳод накардани эъломияро то 10 рӯз дар назар дорад,*** андозаи ҷаримаи маъмури барои шахсони воқеъи аз як то се, ба шахсони мансабдор аз панҷ то ҳафт, ба соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ва шахсони ҳуқуқи аз бисту панҷ то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

Мутобиқи тағийротҳои воридгардида ба санксияи қисми 2 моддаи 601, ***ки пешниҳод накардани эъломияро то 30 рӯз дар назар дорад,*** андозаи ҷаримаи маъмури нисбати шахсони воқеъи ба андозаи аз се то панҷ, ба шахсони мансабдор аз ҳафт то даҳ, ба соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ва шахсони ҳуқуқи аз чилу панҷ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

Дар асоси тағйиротҳои воридгардида ба қисми 3 моддаи 601, ***ки пешниҳод накардани эъломияро двр давоми зиёда аз 30 рӯз дар назар дорад,*** андозаи ҷаримаи маъмури нисбат ба шахсони воқеъи ба андозаи аз панҷ то даҳ, ба шахсони мансабдор аз даҳ то сӣ, ба соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва шахсони ҳуқуқи аз навад то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 602**

Мутобиқи тағийротҳомоддаи 602-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ***ки риоя накардани тартиби нигоҳ доштан ё надоштани андоз дар манбаи пардохтро дар назар дорад,*** ба пурраги дар таҳрири нав ифода карда шуд.

Дар диспозитсияи модда баъд аз калимаи «манбаи пардохт» калимаҳои ***«ва андозҳо аз ғайрирезидент»*** илова карда шуд. Бо назардошти тағйирот минбаъд моддаи 602 нисбати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки аз манбаҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайрирезидент (шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ) маблағ (даромад) пардохт намуда, андозҳои муқарраргардидаро намеситонанд ва ё ситонида ба буҷаи давлат пардохт наменамоянд тадбиқ карда мешавад.

Мутобиқи тағйиротҳои воридгардида ба моддаи 602 андозаи ҷаримаи маъмури нисбати шахсони мансабдор аз бисту панҷ то сӣ, ба соҳибкорони инфиродиии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ва шахсони ҳуқуқи аз яксаду ҳаштод то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 605**

Санксияҳоиқисмҳои 1 ва 2-и моддаи 605, ***ки кам нишон додани маблағи андозҳоро дар назар дорад,*** дар таҳрири нав ифода карда шуда мутобиқи онҳо фоизи ҷаримаи маъмури зиёд карда шуд.

Минбаъд мутобиқи тағйиротҳои воридгардида ба қисми 1 моддаи 605 барои кам нишон додани андоз ё дигар пардохтҳои ҳатми ба андозаи бист фоизи маблағи кам нишондодашуда ҷарима таъйин карда мешавад.

Ҳамзамонмутобиқи тағйиротҳои воридгардида ба қисми 2 моддаи 605 ***барои дар давоми як соли тақвими баъд аз таъин намудани ҷазои маъмури дар ҳолати такроран кам нишон додани андоз ё дигар пардохтҳои ҳатми***баандозаи ***чил фоизи*** маблағи кам нишондодашуда ҷарима муқаррар карда шуд.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 606**

Ба моддаи 606 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ***ки барои риоя накардани қоидаҳои вобаста ба пардохти андоз аз арзиши иловашуда ҷазо муқаррар намудааст*** тағйироту иловаҳо ворид гардид. Ба санксияҳоиқисмҳои 1, 2 ва 4 бо тағйиротҳои нав ва қисмҳои 5 ва 6 ба моддаи 606 илова карда шуданд.

Мутобиқи тағйиротҳои воридгардида ба санксияи қисми 1 моддаи 606 барои пешбурди фаъолияти соҳибкори бидуни бақайдгири ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи бисту панҷ фоизи маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд барои тамоми давраи фаъолияти бе қайд ба буҷет пардохта мешуд, ҷарима муқаррар карда шуд.

Тибқи тағйирот ба санксияи қисми 2 моддаи 606, ***минбаъд барои нодуруст пешниҳод намудани ҳисобнома фактураи андоз аз арзиши иловашуда***ба андозаи панҷоҳ фоизи маблағи андоз аз арзиши иловашуда

аз рӯйи ҳисобнома-фактурае, ки бояд вобаста ба ин муомилот пешниҳод карда мешуд, ҷарима таъйин карда мешавад.

Ҳамзамон дар асоси тағйироти воридгардида ба санксияи қисми 4 моддаи 606 ***барои риоя накардани тартиби навиштани ҳисобнома фактураи андоз аз арзиши иловашуда*** аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз ҳар як ҳисобнома-фактураи нодуруст тартибдодашуда (навишташуда) ҷарима таъйин муқаррар карда шуд.

Қисми 5 ба моддаи 606 илова карда шуд ва ***мутобиқи он барои пешниҳод ва қабули хисобнома фактураи андоз аз арзиши иловашуда бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда*** нисбати шахсони мансабдор сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ба соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ва шахсони ҳуқуқи панҷоҳ фоизи маблағи андоз аз арзиши иловашудаи дар ҳисобнома-фактура зикргардида ҷарима муқаррар карда шуд.

Қисми 5 бо мақсади пешгири намудани фаъолияти ғайриқонунии ширкатҳои «якрӯза» (шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ), ки бо мақсадҳои ғаразнок ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, аз ҷумла ҳисобнома-фактураҳои қалбакӣпешниҳод намуда, амалиёти амалан вуҷуднадоштаро ба расмиёт медароранд илова карда шуда аст.

Дар баробари ин ба моддаи 606 қисми 6 илова карда шуд***, ки тибқи он вайрон кардани тартиби нигоҳдори ва гум кардани ҳисобнома фактураи андоз аз арзиши иловашуда ҳуқуқвайронкунии маъмури дониста шуда*** шуда ба шахси мансабдоре, ки ба чунин кирдор роҳ додааст ба андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як бастаи ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои гумшуда ҷарима муқаррар гардид. Илова гардидани қисми 6 ба моддаи 606 масъулияти андозсупорандагон-супорандагони андоз аз арзиши иловашударо оиди таъмини дурусти нигоҳдории варақаҳои ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, ҳамчун ҳуҷҷатҳои ҳисоботашон қатъӣ баланд мебардорад.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 607**

Моддаи 607, ***ки ба мақомоти андоз пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардани санади муқоисавии ҳисоббаробаркуниҳои мутақобиларо ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмури эътироф намудааст***, дар таҳрири нав ифода карда шуд.

Дар диспозитсияи модда баъд аз калимаҳои «аз ҷониби» калимаҳои «андозсупоранда ва ё» илова карда шудааст. Бояд қайд намуд, ки қаблан дар Кодекси амалкунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оиди пешниҳод накардан ва сари вақт пешниҳод накардани санади муқоисавӣ аз тарафи дебитори андозсупоранда ҷавобгарӣ муқаррар карда шуда, барои содир гардидани ин кирдор аз тарафи худи андозсупоранда ҷавобгарӣ пешбинӣ нагарди буд. Иловаҳои воридгардида имкон медиҳад, ки минбаъд худи андозсупоранда низ барои чунин кирдор ба чавобгарии маъмури ҷалб карда шавад.

Дар санксияи модда андозаи ҷавобгарии маъмури зиёд карда шуда ба соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда аз бист то сӣ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва нисбати шахсони ҳуқуқи аз ҳаштод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 608**

Моддаи 608, ***ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ риоя накардани тартиби кушодани суратҳисобҳо ва мӯҳлати огоҳ намудани мақомоти***

***андоз оид ба кушодани суратҳисобҳоро муқаррар намудааст,*** дар таҳрири нав ифода карда шуд.

Ба диспозитсияи моддаи мазкур калимаҳои "бонкҳо ва ташкилотҳои молиявию кредити" ба калимаҳои "ташкилотҳои қарзӣ" иваз ва калимаҳои "соҳибкорони инфиродӣ" илова карда шуд.

Мутобиқи тағйироти воридгардида ба санксияи қисми 1-и модда ба шахсони мансабдор ба андозаи аз ҳаштод то сад ва ба шахсони ҳуқуқи аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

Дар асоси тағйиротҳои воридгардида ба санксияи қисми 2 моддаи 608 ***барои огоҳ накардани мақомоти андоз оиди кушодани суратҳисоби бонки*** нисбати шахсони мансабдор ба андозаи аз ҳаштод то сад ва ба шахсони ҳуқуқи аз сад то яксаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар гардид.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 609**

Моддаи 609, ***ки аз ҷониби бонкҳо ё дигар муассисаҳои молиявию кредити сари вақт интиқол накардани маблағи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ҳамчун ҳуқуквайронкунии маъмури эътироф менамояд,*** дар таҳрири нав ифода карда шуд ва дардиспозитсияи он калимаҳои "бонкҳо ва ташкилотҳои молиявию кредити" ба калимаҳои "ташкилотҳои қарзӣ" иваз карда шуд.

Мутобиқи тағйироти воридгардида ба санксияи моддаи мазкур андозаи ҷаримаи маъмури зиёд карда шуда, нисбати субектони ҳуқуқвайронкунии мазкурба андозаи аз яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, аммо дар ҳаҷми на камтар аз панҷоҳ фоизи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатми, ки саривақт ба буҷет гузаронида нашудаанд, ҷарима муқаррар гардида аст.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 610**

Ба диспозитсияи моддаи мазкур, ***ки ба иҷро накардани фармоишҳои инкассавии мақомоти андоз дахл дорад,*** калимаҳои "бонкҳо ва ташкилотҳои молиявию кредити" ба калимаҳои "ташкилотҳои қарзӣ" иваз карда шуд.

Зарурати ворид кардани ин тағйиротҳо ба моддаҳои 608, 609 ва 610 мутобиқ гардонидани муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" аз 28 июни соли 2011 таҳти № 722 мебошад.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 611**

Мутобиқи тағйироти воридгардида санксияи моддаи 611, ***ки монеъ шудан ба санҷиши андозро дар назар дорад,*** дар таҳрири нав ифода гардида ҳамзамон андозаи ҷаримаи маъмури зиёд карда шуд.

Минбаъд нисбати соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд аз понздаҳ то бист, ба шахсони мансабдор ва соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шудааст.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 612**

Мутобиқи тағйироти воридгардида санксияи моддаи 612, ***ки монеъ шудан ба шахси мансабдори мақомоти андоз барои даромадан ба ҳудуди корхона ё биноро ҳамчун ҳуқуқвайронкуни эътироф намудааст***, дар таҳрири нав ифода гардида, ҳамзамон андозаи ҷаримаи маъмури зиёд карда шуд.

Мутобиқи тағйиротҳои санксияи моддаи мазкур ба шахсони воқеъи аз понздаҳ то бист, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент

фаъолият менамоянд аз бист то сӣ, ба шахсони мансабдор ва соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 613**

Мутобиқи тағйироти воридгардида санксияи моддаи 613 дар таҳрири нав ифода гардида, ***андозаи ҷаримаи маъмури барои риоя накардани тартиби соҳиби намудани молу мулки аз ҷониби мақомоти андоз ба ҳабс гирифта шуда*** зиёд карда шуд.

Мутобиқи тағйироти санксияи моддаи мазкур ба шахсони воқеъи аз панҷ то даҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд аз бист то сӣ, ба шахсони мансабдор ва соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд аз ҳаштод то сад ва ба шахсони ҳуқуқи аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 614**

Мутобиқи тағйироти воридгардида санксияи моддаи 614 дар таҳрири нав ифода гардида, андозаи ҷаримаи ***маъмури барои таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳо вобаста ба истифодаи мошинаҳои назорати хазинави зиёд*** карда шуд.

Дар асоси тағйироти санксияи моддаи мазкур ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқи аз ҳаштод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 615**

Дар асоси тағйироти воридгардида санксияҳои қисмҳои 1, 2 ва 3-и моддаи 615 дар таҳрири нав ифода гардида, ***андозаи ҷаримаи маъмури барои риоя накардани тартиби истифодаи мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискали ва баҳисобгирии хазина*** зиёд карда шуд.

Мутобиқи тағйиротҳои воридгардида ба санксияи қисми 1 моддаи 615 ***барои вайрон кардани тартиби истифодаимошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискали*** минбаъд нисбати шахсони мансабдор аз ҳаштод то сад, соҳибкорони инфиродии, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ва шахсони ҳуқуқи аз яксаду ҳаштод то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

Ба санксияи қисми 2 моддаи зикргадида, тағйирот ворид гардида барои дар давоми як сол такроран содир намудани кирдори дар қисми як пешбини гардида, андозаи ҷаримаи маъмури ба ба шахсони мансабдор аз яксаду ҳаштод то дусад, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқи аз дусаду панҷоҳ то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар гардид.

Ҳамзамон санксияи қисми 3 дар таҳрири нав ба шахсони мансабдор аз яксаду ҳаштод то дусад, ба соҳибкорони инфиродиии тибқи шаҳодатнома амалкунанда ва шахсони ҳуқуқи аз дусаду панҷоҳ то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар намуд.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 616**

Дар моддаи 616 санксия дар таҳрири нав қабул гардида ***мутобиқи он барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти зарури*** нисбати шахсони воқеъи аз ҳашт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ, соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда ва шахсони ҳуқуқи аз аз ҳаштод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 617**

Мутобиқи тағийротҳои воридгардида моддаи 617 ба пурраги дар таҳрири нав ифода карда шуда номи модда ***"Соҳибкории ғайриқонуни"*** гузошта шудааст.

Мутобиқи диспозитсияи модда мафҳуми "соҳибкории ғайриқонуни" дар шакли мухтасар ва фаҳмо ифода гардида,***пешбурди фаъолияти соҳибкори бидуни бақайдгирии давлати ҳамчун соҳибкории ғайриқонуни эътироф карда шуд.***

Тибқи тағийротҳои санксияи қисми 1 моддаи мазкур ба шахсони воқеъи ба андозаи аз си то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

Ҳамзамон барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмури ***такроран анҷом додани соҳибкории ғайриқонуни*** ба андозаи аз ҳаштод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 618**

Моддаи 618 дар таҳрири нав ифода гардида, тибқи ***он мафҳуми соҳибкории сохта такмил*** ва ба шакли содиршавии ҳуқуқвайронкунии мазкур мутобиқ гардонида шуд. Аз ҷумла тибқи тағийротҳои мазкур ба даст овардани фоида бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда, ҳангоми набудани аломати ҷиноят соҳибкории сохта эътироф карда мешавад.

Дар асоси тағийротҳои санксияи моддаи мазкур ба шахсони мансабдор ва соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ба андозаи аз сад то яксаду панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқи аз дусад то дусаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

Дар робита ба санксияи моддаи 618 қайд кардан зарур аст, ки корҳои назоратии мақомоти андоз аз он шаҳодат медиҳанд, ки як қатор шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соддагардонии бақайдгирии давлатии субъектҳои хоҷагидорӣистифода бурда, бо роҳи ташкили фаъолияти соҳибкорӣ дар шакли ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда бо мақсадҳои ғаразнок (гирифтани даромад аз фаъолияти ғайриқонунӣ ва як ё ду дафъаина) ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, аз ҷумла ҳисобнома-фактураҳои қалбакӣпешниҳод намуда, амалиёти амалан вуҷуднадоштаро ба расмиёт медароранд. Аз ин лиҳоз, мақсади ворид кардани тағйироти мазкур пешгирии пешгирии фаъолияти ғайриқонунии чунин ширкат ва соҳибкорон мебошад.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки моддаҳои 259 ва 259.1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани соҳибкории ғайриқонуни ва соҳибкории сохта пешбини намудаанд. Чунин кирдорҳо дар ҳолате мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷинояти кашида мешаванд, ки агар ба миқдори калон содир шуда бошад ва ё дар натиҷаи он ба миқдори калон зарар расонида шуда бошад. Яъне ҳаҷми зарари расонида шуда ба сифати шарти асосии ҷиноят эътироф намудани кирдорҳои мазкур дар Кодекси ҷинояти пешбини гардида, моддаҳои пешниҳодгардидаи 617 ва 618

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмури аз онҳо вобаста ба ҳаҷми зарар ва миқдори содиршавии кирдор фарқ мекунанд.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 620**

Санксияҳоиқисмҳои 1 ва 2-и моддаи 620 дар таҳрири нав қабул ва ***ҷарима барои дар муҳлати муқаррар шуда пешниҳод накардани ҳисобот ва сари вақт пардохт накардани андози иҷтимоӣ*** зиёд карда шуд.

Мутобиқи тағйиротҳои воридгардида ба санксияи қисми 1 моддаи 620 нисбати соҳибкорони инфиродии дар асоси патент амалкунанда ва шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқи аз яксаду ҳаштод то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

Дар асоси тағйиротҳои санксияи қисми 2 моддаи 620 ба шахсони мансабдор аз ҳаштод то сад, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқи аз дусаду панҷоҳ то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

**Вобаста ба тағйиру иловаҳои ба моддаи 623**

Санксияҳоиқисмҳои 1 ва 2-и моддаи 623 дар таҳрири нав қабул ва ҷарима ***барои беасос рад ё саркашӣ кардан аз пардохти андози иҷтимоӣ*** зиёд карда шуд.

Тибқи тағйиротҳои воридгардида ба ба санксия қисми 1-и модда ҷарима ба андозаи аз ҳаштод то сад нишондиҳанда барои ҳисобхо ҷарима карда шуд.

Дар асоси тағйиротҳои ба санксияи қисми 2 воридгардида барои дар давоми як сол такроран содир намудани чунин кирдор ба андозаи аз яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҷисобҳо ҷарима муқаррар карда шуд.

***Дар баробари ин ба мақомоти ҳудудии андоз мутобиқи қисми 1 моддаи 5 Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур дода мешавад, ки нисбати ҳамаи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмури, ки андозсупорандагон то санаи 4 январи соли 2013 содир намудаанд ва аз ҷониби мақомоти андоз баъд аз санаи 4 январ ошкор ва барраси карда мешаванд, ҷаримаҳои маъмурии қаблан то қабули қонуни нав амалкунандаро тадбиқ намоянд.***

***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти № 910 аз 28 декабри соли 2012 нисбати ҳуқуқвайронкуниҳои маъмури, ки баъд аз 4 январи соли 2013 содир гардидаанд тадбиқ карда шавад.***

Ҳамзамон ба маълумоти мақомоти ҳудуди расонида мешавад, ки андозаи ҷарима, ки барои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии дар соҳаи андоз пешбинигардидабуд, таъсирбахш набуда дар тафовут бо ҷаримаҳои пешбининамудаи қонунгузории дигар давлатҳои аъзои ИДМ нисбатан паст мебошад. Мақсад аз қабули қонуни мазкур ва нисбатан зиёд кардани андозаи ҷаримаҳои маъмурӣ пешгирӣ намудани содиршавии шумораи зиёд

ва такрории ҳуқуқвайронкуниҳои маъмури аз ҷониби андозсупорандагон мебошад.

Мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти № 910 аз 28 декабри соли 2012-ро бо назардошти мактуби мазкур дар амал ба таври васеъ тадбиқ намоянд.

**Раис** **Н. Давлатов**

*№ 622.11.1 аз 01.02.2013*

**Мақомоти ҳудудии андоз**

***«Оид ба моддаҳои 607, 609 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»***

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти тадбиқи моддаҳои алоҳидаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз мавриди таҳлил қарор дод.

Мутобиқи супориши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 5503/5.1 аз 01.10.2012 мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардидаанд, ки бо андозсупорандагон сари вақт санадҳои муқоисавии дутарафа таҳия намоянд. Таҳия ва тасдиқи санадҳои дутарафаи муқоисаваи барои баҳисобгирии саривақтии андозҳои ҳисобшуда, пардохтшуда ва бақияи қарзи андозҳо аҳамияти муҳим дорад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар баробари камфаъолиятии мақомоти ҳудудии андоз дар бисёри мавридҳо андозсупорандагон низ аз таҳияи санади муқоисавӣ саркаши менамоянд. Моддаи 607 Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардани санади муқоисавии ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила ҷарима муқарар намудааст.

Нобобаста аз фоизнокии пасти таҳияи санадҳои муқоисавии шахсони масъули аксарияти Нозиротҳои андоз, аз ҷумла Шуъбаҳои баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо нисбати ягон андозсупоранда ҷавобгари маъмуриро тадбиқ накардаанд.

***Бо назардошти ин кормандони Шуъбаҳои баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо ва нозироти муттасадди вазифадор карда мешаванд, ки нисбати андозсупорандагоне, ки аз таҳияи санади муқоисавии дутарафа саркаши менамоянд, талаботи моддаи 607 Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистонтадбиқ намоянд.***

Таҷрибаи амалии фаъолияти мақомоти андоз нишон медиҳад, ки зиёда аз 70-80 фоизи нақшаи пешбинигардидаи воридоти андозҳо дар 3-4

рузи охири моҳи ҳисоботи ба буҷет пардохт карда мешаванд. Чунин таиоюл дар аксарияти шаҳру ноҳияҳо ба мушоҳида мерасад ва қисми хароҷотии буҷет таъсири манфи мерасонад.

Бонк ва дигар муассисаҳои молиявию кредити вазифадоранд, ки тибқи супоришномаи андозсупоранда дар давоми якрузи бонки маблағи андоз ва пардохтҳоро ба буҷет интиқол диҳанд. Ҳолатҳои зиёде ҷой доранд, ки новобаста аз супоришномаи андозсупоранда ва мавҷуд будани маблағ дар суратҳисобҳои он, бонкҳо ва муассисаҳои дигари молиявию кредити маблағи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмиро сари вақт ба буҷет интиқол надода то охири моҳи ҳисоботи маблағро дар ихтиёри худ нигоҳ медоранд.

Моддаи 609 Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби бонкҳо ё дигар муассисаҳои молиявию кредити сари вақт интиқол накардани маблағи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмури эътироф ва нисбати он ҷаримаи маъмури муқарар намудааст.

Мақомоти ҳудудии андоз дар фаъолияти худ моддаи мазкурро истифода накардаанд ва дар соли сипаригардидаи 2012 мутобиқи ин модда ҳамаги дар ду ҳолат ҷавобгарии маъмури татбиқ карда шудааст.

***Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади саривақт интиқол додани маблағи андоз ва пардохтҳо ба буҷет аз ҷониби бонкҳо ва муассисаҳои молиявию кредити мақомоти ҳудудии андозро вазифадор менамояд, ки назоратро нисбати ин субектҳо пурзур ва моддаи 609 Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври ҳатми дар амал татбиқ намоянд.***

Иҷрои нақшаи пешбинигардидаи андози иҷтимои ва ситонидани қарзи ин намуди андоз, ки ҳолати 1-уми январи соли 2013 зиёда 79 млн. сомониро ташкил намудааст яке аз нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз ба шумор меравад.

Новобаста аз афзоиш ёфтани бақияи қарзи андози иҷтимои, дар давоми соли сипаригардидаи соли 2012 аз ҷониби мақомотҳои ҳудудии андоз бо моддаи 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистоноиди дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод накардани ҳисобот ва сари вақт напардохтани андози иҷтимоӣ шумораи ночизи андозсупорандагон ба ҷавобгарии маъмури ҷалб карда шудаанд.

Шумораи ҷаримаҳои маъмурии татбиқкардашуда нишон медиҳад, ки аз тарафи роҳбарон ва кормандони масъули Нозиротҳои андоз назорат дар самти ҷамоварии андози иҷтимои ва барҳам додани бақияи қарзи ин намуди андоз суст ба роҳ монда шудааст.

***Аз ин лиҳоз, ба мақомотҳои ҳудудии андоз супориш дода мешавад, ки фаъолиятро дар самти татбиқи самароники моддаи 609 Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурзур ва иҷрои нақшаи пешбинигардидаи андози иҷтимоиро таъми ва бақияи қарзи ин намуди андозро барҳам диҳанд.***

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалияи татбиқи моддаҳои 607, 609 ва 620-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз дар алоҳидаги таҳлил ва ҷамъбаст менамояд. Бо назардошти натиҷаҳои таҳлил нисбати

роҳбарон ва кормандоне, ки дар ин самт ба хунук назари роҳ доданд хулосаҳои дахлдор бароварда мешавад.

Ҳамзамон ба маълумоти Шумо расонида мешавад, ки бо назардошти супоришҳои қаблии ирсолгардида дар ҷамъбасти натиҷаҳои соли 2012 зиёда аз 40 нафар кормандон ва роҳбарони мақомоти ҳудудии андоз ба ҷавобгарии хизмати кашида шудаанд.

Бинобар ин Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарони мақомоти ҳудудии андозро вазифадор менамояд, ки супоришҳои Кумитаро вобаста ба тадбиқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои кори бо иштироки кормандон барраси ва иҷрои онро назорат намоянд.

**Раис Н. Давлатов**

## КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

«4» октябри соли 2013 № 347 ш.Душанбе

### Оид ба дар таҳрири нав мавриди истифода қарор додани варақаҳои протокол ва қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҳамчун варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

Бо сабаби қабул ва мавриди амал қарор гирифтани Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, таҳти № 975 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 22 июли соли 2013 таҳти № 980 дар асоси талаботи моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Ф А Р М О И Ш М Е Д И Ҳ А М:**

1. Намунаҳои протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (замимаи № 1), қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (замимаи № 2), ҳамчун варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ ва гузориш оид ба ошкор кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (замимаи № 3), қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (замимаи № 4), қарор дар бораи баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (замимаи № 5), протоколи баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (замимаи № 6) дар таҳрири нав тасдиқ карда шаванд.

2. Варақаҳои ҳисоботашон қатъии протокол, қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои парвандаи

ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки шакли нави онҳо бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 сентябри соли 2013 таҳти № 33/6 нд-226 сод (3) мувофиқа карда шудааст, аз 15 октябри соли 2013 мавриди истифода қарор дода шаванд.

3. Аз 15 октябри соли 2013 истифодаи варақаҳои протокол ва қарорҳо дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармоиши Раиси Кумитаи андозтаҳти № 31 аз 25 январи соли 2013тасдиқ ва нашр шудаанд,манъ карда шавад.

4. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2013 таҳти № 31 аз эътибор соқит дониста шавад.

5.Раёсати молиявию хоҷагидорӣ (Ҷӯраев Ё.) оид ба мақомоти ҳудудии андоз дастрас намуданиварақаҳои ҳисоботашон қатъии протокол ва қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар шакли нав тасдиқ шудаанд, тадбирҳо андешида, дар бораи хароҷоти варақаҳо ҳар семоҳа ба Раёсати таъмини ҳуқуқӣ ҳисобот пешниҳод намояд.

6. Сардорони Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки бо тартиб додани санади дахлдор бақияиварақаҳои протокол ва қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро, ки истифодаи онҳо манъ гардидааст, ба Раёсати молиявию хоҷагидории Кумитаи андоз то 30 октябри соли 2013 баргардонанд.

7. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ ва Раёсати таъмини ҳуқуқӣ вазифадор карда мешаванд, ки дурустии бозпас гардонидани бақияи варақаҳои протокол ва қарордар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ба Кумитаи андоз назорат намоянд.

8. Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки ҳар семоҳа як маротиба то санаи сеюми моҳи минбаъда оид ба хароҷоти варақаҳои ҳисоботашон қатъии протокол ва қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, аз ҷумла оид ба варақаҳои аз эътибор соқитгардида ба Раёсати таъмини ҳуқуқӣ маълумот пешниҳод намоянд.

9. Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сардорони мақомоти ҳудудии андоз риояи ҳатмии Фармоиши мазкур ва муқаррароти Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳангоми баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ таъмин намояд.

10. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ (Саидова М.) фармоиши мазкурро ба Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

11. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи сардори Раёсати таъмини ҳуқуқӣ Меликов М. Н. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н. Давлатов**

*Замимаи № 1*

________________________________________
(номи пурраи мақоми андоз)

________________________________________
________________________________________
________________________________________
(ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳр, ноҳия)

**ПРОТОКОЛ**
**дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ**

___ № 0000000

«___»___________ соли 20__ _______________________
(маҳалли тартиб додани протокол)

Ман, ____________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
(мансаб, насаб, ном ва номи падари корманди мақомоти андоз, ки протоколро тартиб додааст)

тибқи талаботи моддаи 80-и Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми санҷиши (баррасии ҳуҷҷатҳои)
________________________________________________________________
(номи андозсупоранда: шахси воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, РЯМ, РМА)

________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

муқаррар кардам, ки _____________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
(маълумот дар бораи шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир кардааст (насаб, ном ва номи падар, маҳалли истиқомати он, сана ва ҷои таваллуд)

________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

(маҳал, вақти содиршавӣ, ҳодиса ва моҳияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ )

__________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________

Барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии мазкур мутобиқи муқаррароти қисми _________моддаи________ Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Шарҳи мухтасари ҳуқуқвайронкунанда: ________________________________

(сабт дар бораи насаб, ном ва номи падар, суроғаи шоҳидон ва ҷабрдида (агар бошад), баёноти (дар варақи алоҳида) шахси воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ)

_________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________

Шоҳидоне, ки амали ҳуқуқвайронкуниро тасдиқ мекунанд:_______________

______________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________

Маълумоти дигар, ки барои баррасии ҳуқуқвайронкунӣ зарур аст: _______

______________________________________________________________________________

(сабтҳо дар бораи аз ин пеш ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудан ё нашудани ҳуқуқвайронкунанда ва маълумоти дигар)

______________________________________________________________________________

Тибқи талаботи моддаи 79-и Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуқуқвайронкунанда ва иштирокчиёни баррасии парванда ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшон, ки дар моддаҳои 26-35 Кодекси мазкур пешбинӣ гардидааст, фаҳмонида шуд.

______________________________________________________________________________

(имзо, насаб, ном, номи падари ҳуқуқвайронкунанда)

Ба ҳуқуқвайронкунанда имконияти бо протоколи мазкур шиносшавӣ дода мешавад. ҳуқуқвайронкунанда имконият дорад бо иштироки ҳимоятгар баёнот дода, доир ба мазмуни протокол мулоҳизаҳои худро изҳор намояд, ки онҳо ба протокол замима карда мешавад.

Ҳангоми санҷиш гирифта шуд: _______________________________________
(номгӯи ашё, ҳуҷҷатҳо, миқдор, вазн, нарх ва ғайра)

_______________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________________

Корманди мақоми андоз _________________ ______________________
(имзо) (ному насаб)

Ҳуқуқвайронкунанда _________________ ______________________
(имзо) (ному насаб)

Ҳимоятгар: ______________________ ______________________

(имзо) (ному насаб)

Шоҳидон: ________________________ ________________________

(имзо) (ному насаб)

________________________ ________________________

(имзо) (ному насаб)

Нусхаи протоколро гирифтам: ________________________________________

(сана, имзо, насаб, ном ва номи падари ҳуқуқвайронкунанда)

Агар чунин шахсон аз имзои протокол саркашӣ намоянд, доир ба ин ҳолат дар протокол аз ҷониби шахси мансабдор, ки протоколро барои шиносшавӣ пешниҳод намудааст сабти дахлдор ворид карда мешавад.

***Замимаи № 2***

__________________________________

(номи пурраи мақоми андоз)

__________________________________

(ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳр, ноҳия)

## ҚАРОР
## дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

___ № 0000000

«___»___________ соли 20__ _____________________________

(маҳалли қабули қарор)

Ман,_____________________________________________________________

_________________________________________________________________

(мансаб, насаб, ном ва номи падари роҳбари мақоми андоз, ки қарорро қабул менамояд)

_________________________________________________________________

__маводҳои парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро аз санаи «___» _______ соли 20__ таҳти № _____ нисбати ______________________________

_________________________________________________________________

(маълумот дар бораи шахсе, ки нисбати ӯ парванда баррасӣ гардидааст: насаб, ном ва номи падар, маҳалли истиқомати он, сана ва ҷои таваллуд)

_________________________________________________________________

_______________________________________________________________, ки ба ҳайси____________________________________________________________

(шахси воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ,соҳибкори инфиродӣ, РМА, РЯМ)

______________________________________________________фаъолият намудааст.

Маводҳои парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нишон дод, ки ____ ______________________________________________________бар хилофи

(номи ҳуқуқвайронкунанда)

талаботи моддаҳои________-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои _____________-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» _________________________________________________________________

(маҳал, вақти содиршавӣ, ҳодиса ва моҳияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ )

______________________________________________________________________

_______________________________________________________________амал кардааст.

Бинобар ин, дар асоси муқаррароти моддаҳои 121, 140, 141 ва 229-и Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. ____________________________________________________________

(насаб, ном ва номи падари ҳуқуқвайронкунандаи)

бо қисми_________моддаи________-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, ба сифати ҷазои маъмурӣ ба ____________________________________сомонӣ

(нишондиҳанда, маблағи ҷаримаи маъмурӣ бо рақам ва ҳарфҳо)

ҷарима таъин карда шавад.

2. Ҳуқуқвайронкунанда вазифадор карда мешавад, ки маблағи ҷаримаро дар муҳлати на дертар аз сӣ шабонарӯз пардохт намояд.

Ҳуқуқвайронкунанда дар ҳолати норозӣ будан бо қарори мазкур ҳуқуқ дорад тибқи талаботи моддаи 150-и Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати даҳ шабонарӯз баъди қабули қарор ба мақомоти болоии андоз ё суд шикоят намояд.

____________________ _______________ ___________________

(ҷои мӯҳр, мансаби роҳбари мақоми андоз) (имзо) (ному насаб)

Нусхаи қарорро гирифтам: ________________________________________

(имзо, насаб, ном ва номи падари ҳуқуқвайронкунанда ё намояндаи он ва санаи рӯз)

Сабт дар бораи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маблағи ҷарима «___»_________ соли 20___ № _________

*Замимаи № 3*

Ба ___________________

______________________

(роҳбари мақоми андоз)

**ГУЗОРИШ**

**оид ба ошкор кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ**

Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки______________________________

_____________________________________________________________________

(номи андозсупоранда: шахси воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, РМА, РЯМ)

_____________________________________________________________________

_____________________________________________________________________

(маҳал, вақти содиршавӣ, ҳодиса ва моҳияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ )

_____________________________________________________________________

роҳ додааст (ва ё роҳ дода истодааст).

Мутобиқи муқаррароти моддаи _____-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд

_____________________________________________________________________

_____________________________________________________________________

Яъне, ________________________________________________________

(номи андозсупоранда: шахси воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ)

бо ҳаракатҳои худ ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ додааст, ки барои содир намудани ин кирдор дар қисми______моддаи____-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Оиди ҳолати мазкур протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ силсилаи ___ № _________ аз «___»___________ соли 20__ тартиб дода шудааст.

Аз ин лиҳоз, аз Шумо хоҳиш менамоям, ки оиди оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати__________________________

_____________________________________________________________________

(номи андозсупоранда: шахси воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ)

иҷозат диҳед.

Корманди мақомоти андоз ____________ ________________
(имзо) (ному насаб)

*Замимаи № 4*

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

________________________________

(номи мақоми андоз)

ҚАРОР

дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

«___»_________ соли 20__ ________________________
(маҳалли тартиб додани қарор)____________________________________________________________
____

______________________________________________________________
(мансаб, насаб, ном ва номи падари роҳбари мақомоти андоз, ки қарорро қабул менамояд)

протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурии силсилаи ___ № ___ аз санаи «__» __________ соли 20__ ва гузориши ____________ ______________________________________- ро баррасӣ намуда,
(мансаб, насаб, ном ва номи падари корманди мақомоти андоз, ки ҳуқуқвайронкуниро ошкор намудааст)

**МУАЙЯН КАРДАМ:**

______________________________________________________________
(номи андозсупоранда: шахси воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ)

______________________________________________________________
(маҳал, вақти содиршавӣ, ҳодиса ва моҳияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ )

______________________________________________________________
роҳ додааст (ва ё роҳ дода истодааст).

Мутобиқи муқаррароти моддаи _____-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ______________________________________________________________
______________________________________________________________

Яъне, ____________________________________________
(номи ҳуқуқвайронкунанда)
бо ҳаракатҳои худ ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ додааст, ки барои содир намудани ин кирдор дар қисми_____моддаи______-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло, бо дастрасии моддаи 82-и Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ҚАРОР КАРДАМ:**

1. Нисбати ____________________________________________________________
(номи андозсупоранда: шахси воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ)

парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шавад.

2. Ба ҳуқуқвайронкунанда (шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ) ҳуқуқу уҳдадориҳояш, ки бо моддаи 26 КМҲМ ҶТ пешбинӣ гардидааст, фаҳмонида шуд.

______________________ ____________________ ______________________
(мансаби роҳбари мақоми андоз) (имзо) (насаб, ном ва номи падар)

Моҳияти қарор ба ман фаҳмост, нусхаи онро гирифтам:________________
(сана, имзо, насаб, ном ва номи падари ҳуқуқвайронкунанда)

*Замимаи № 5*

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

________________________________________
(номи мақоми андоз)

## ҚАРОР
## дар бораи баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии №_________

«___»___________ соли 20__ ____________________
(маҳалли тартиб додани қарор)

____________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________
(мансаб, насаб, ном ва номи падари роҳбари мақомоти андоз, ки қарорро қабул менамояд)

____________________________________________________________________________

МУАЙЯН КАРДАМ:

____________________________________________________________________________
(номи андозсупоранда: шахси воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ)

____________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________
(маҳал, вақти содиршавӣ, ҳодиса ва моҳияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ )

____________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________

роҳ додааст (ва ё роҳ дода истодааст).

Мутобиқи муқаррароти моддаи _____-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ________________________________________________________
____________________________________________________________________________

Яъне, ______________________________________________________________
(номи ҳуқуқвайронкунанда)

бо ҳаракатҳои худ ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ додааст, ки барои содир намудани ин кирдор дар қисми_____моддаи______-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Оиди ҳолати мазкур протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ силсилаи ___ № ___________________ аз «___»___________ соли 20__ тартиб дода шуда, парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло, бо дастрасии моддаи 134-и Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ҚАРОР КАРДАМ:

1. Баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии №_____ нисбати ______________________________________________________________
(номи андозсупоранда: шахси воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ)

ба соати ____ санаи «____»_____________ соли 20__ дар бинои ___________________________________________ таъин карда шавад.
(номи мақоми андоз ва маҳалли ҷойгиршавии он)

2. _________________________ оиди қарори мазкур огоҳ карда шавад.
(номи ҳуқуқвайронкунанда)

_________________ _________________ ___________________
(мансаби роҳбари мақоми андоз) (имзо) (насаб, ном ва номи падар)

***Замимаи № 6***

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

_________________________________
(номи мақоми андоз)

ПРОТОКОЛИ
баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ № _____

«___»___________ соли 20__ _________________
(маҳалли тартиб додани протокол)

Иштирок доштанд: ____________________________________________
(мансаб, насаб, ном ва падари роҳбари мақоми андоз ва дигар кормандони мутасаддӣ)

____________________________________________
____________________________________________
(номи ҳуқуқвайронкунанда)

Рӯзнома:
- Баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ № _____

Тибқи талаботи моддаи 138-и Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон корманди мақоми андоз ___________ ___________________________________________________________гузориш дод, ки_______________________________________________________________
(номи ҳуқуқвайронкунанда)

______________________________________________________________________
(ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии баррасишаванда)

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________роҳ додааст (ва ё роҳ дода истодааст).

Мутобиқи муқаррароти моддаи _____-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ____________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

Яъне, ________________________________________________________
(номи ҳуқуқвайронкунанда)

бо ҳаракатҳои худ ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳ додааст, ки барои содир намудани ин кирдор дар қисми______моддаи_____-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Оиди ҳолати мазкур протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ силсилаи ___ № __________________ аз «___»___________ соли 20__ тартиб дода шуда, парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст.

____________________________________________________________________

(маълумот дар бораи ба мурофиа ҳозир шудани шахсони иштирокчии баррасии парванда ва дар бораи огоҳ кардани шахсони ғоиб бо тартиби муқарраргардида)

____________________________________________________________________

____________________________________________________________________

Баъд аз он, ________________________________________________________

(номи ҳуқуқвайронкунанда)

баромад намуда, изҳор намуд, ки ______________________________________

____________________________________________________________________

(баёнот, гувоҳӣ, шарҳ ва хулосаи шахсони дахлдори иштирокчии баррасии парванда)

____________________________________________________________________

____________________________________________________________________

____________________________________________________________________

(ҳуҷҷатҳое, ки зимни баррасии парванда тадқиқ карда шудаанд)

____________________________________________________________________

____________________________________________________________________

____________________________________________________________________

____________________________________________________________________

Дар охир раисикунанда_____________________________________________

(мансаб, насаб, ном ва номи падари роҳбари мақоми андоз) қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро оиди ба ҳуқуқвайронкунанда таъин намудани ҷазои маъмурӣ дар намуди _____________________________________________________ қироат кард.

**Протоколро тартиб дод:**

Роҳбари мақоми андоз_______________ ______________________

(имзо)(насаб, ном ва номи падар)

Корманди мақоми андоз _______________ ______________________

(имзо) (насаб, ном ва номи падар)

*№2172/7.1 аз 19.03.2013*

**Мақомоти ҳудудии андоз**

***«Дар бораи ба низом даровардани фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз аз рӯи принсипи функсионалии маъмурикунонии андоз»***

Бо мақсади иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 августи соли 2013 №456 ва ба низом даровардани фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз аз рӯи принсипи функсионалии маъмурикунонии андоз ва таъмини ҳамоҳангии фаъолият дар байни воҳидҳои сохтории мақомоти андоз, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур медиҳад, ки с**амтҳои асосии фаъолияти воҳидҳои сохтории мақомоти андоз аз рӯи принсипҳои зерин амалӣ карда шавад:**

**1. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (Дастгоҳи марказӣ)**

Ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ташкили корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотӣ барои андозсупорандагон бо мақсади баланд бардоштани сатҳи риояи қонунгузории андоз аз ҷониби андозсупорандагон, назорати иҷрои Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон.

**Шӯъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳри Душанбе:**

- ✓ дар мувофиқа бо Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузаронидани семинарҳоро бо мақсади омӯзиши қонунгузории андоз бо назардошти тағйиру иловаҳо ба онҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии алоқаманд ба андозро ташкил карда, дар воситаҳои ахбори омма маълумотҳо ва эълонҳои дахлдорро ҷойгир намоянд;
- ✓ ҳамкориро бо шӯъбаву бахшҳои дахлдори мақомоти ҳудудии андоз ба роҳ мемонанд;
- ✓ вобаста ба самти фаъолият назорат ва ҳамоҳангсозии (танзими) фаъолияти нозиротҳои андози тобеъро ташкил намояд.

✓ ташвиқу тарғиби обунашавии ихтиёриро ба ҳафтавори «БОҶУ ХИРОҶ» ба роҳ мемонанд;
✓ тибқи принсипи фунсионалӣ ҳисоботдиҳанда будан ба мақомоти болоӣ, пешниҳод намудани ҳисоботҳои даврӣ тибқи шакл ва тартиби муқарраршуда.

**Гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ**

✓ ҷамъбаст намудани ҳисоботҳои даврӣ, маълумотномаҳо ва иттилооти аз гуруҳи поёнии хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ тибқи тартиб, шакл ва мӯҳлати муқараргардида оиди хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ;
✓ ба гуруҳи поёнии хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ барои дуруст ба роҳ мондани фаъолият оид ба қабули эъломияҳо ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, бақайдгирӣ ва аз қайд баровардани МНХ ёрии методию амалӣ мерасонанд ва дигар шаклҳои корҳои фаҳмондадиҳиро мегузаронанд.

**Гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ**

✓ ҷамъбаст намудани ҳисоботҳои даврӣ, маълумотномаҳо ва иттилооти аз гуруҳҳои поёнии хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ тибқи тартиб, шакл ва мӯҳлати муқараргардида;
✓ ба гурӯҳҳои поёнӣ барои дуруст ба роҳ мондани фаъолият оид ба қабули эъломияҳо ва хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ ёрии амалию методӣ мерасонанд.

**Гурӯҳи фаҳмондадиҳӣ ва омӯзишӣ**

✓ оид ба баланд бардоштани маърифати андозсупории андозсупорандагон чораҷӯӣ намоянд;
✓ дар мувофиқа бо Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон оид ба тарғиби қонунгузории андоз семинарҳо, вохӯриҳо, мизҳои мудаввар, конфронсҳо, презентатсияҳо ва дигар чорабиниҳо гузаронида, аз натиҷааш маълумот пешниҳод менамоянд;
✓ маълумотҳоро оид ба қонунгузории андоз (аз ҷумла, тартиби ҳисобу пардохти андозҳо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои андозсупорандагон ва шахсони мансабдори мақомоти андоз, истифодаи имтиёзҳои андозӣ, тартиби пур намудани эъломияҳо - ҳисоботҳои андоз) ба андозсупорандагон дастрас менамоянд;
✓ воситаҳои гуногуни маълумотдиҳиро (китобчаҳо, овезаҳо, буклетҳо ва ғайраҳо) ба андозсупорандагон дастрас менамоянд;
✓ қабули андозсупорандагонро ба роҳ монда, ба муроҷиати шифоҳии онҳо посух медиҳад;
✓ дархосту муроҷиатҳои андозсупорандагонро ҷамъбаст намуда, барои истифода ва дарҷ кардан дар феҳристи Бахши иттилоотӣ (Call-center), барои тайёр кардани матн дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ва омода сохтани дигар маводҳои иттилоотӣ ба Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон пешниҳод менамоянд.

**Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони нозиротҳои андоз дар ноҳияҳо**

✓ риояи талаботи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро таъмин менамоянд;

✓ дастрасии андозсупорандагонро ба воситаҳои гуногуни маълумотдиҳӣ (китобчаҳо, овезаҳо ва ғайраҳо) ҷиҳати тарғиби муқарраротиқонунгузории андоз, аз ҷумла тартиби ҳисобу пардохти андозҳо, ҳуқуқу ухдадориҳои андозсупорандагон, истифодаи имтиёзҳои андозӣ, тартиби пур намудани эъломияҳои андоз ва ғайраҳо таъмин менамоянд;

✓ бо шуъбаи (бахши) ситонидани қарзи андозҳо барои ба андозсупорандагон дастрас намудани огоҳиномаҳо оид ба бақияи қарзи андозҳо ҳамкорӣ намояд;

✓ дар тартиб додани санади муқоисавӣ бо шӯъбаҳои баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо ҳамкорӣ менамоянд;

✓ обунаи ихтиёриро ба ҳафтавори «БОҶУ ХИРОҶ» тарғиб ва ташкил менамоянд.

**Гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ**

✓ тибқи тартиби муқарраргардида қабули эъломияҳои андозро бо назардошти сарфаи вақт барои андозсупоранда ба роҳ мемонанд;

✓ саривақт ва бетаъхир маълумотҳоро оиди маблағҳои ҳисобшавандаи андоз ба барномаи компютерии СИА ворид менамоянд;

✓ тибқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатнигорӣ - нигоҳдории парвандаҳои андозсупорандагон ва нигоҳдории дигар ҳуҷҷатҳои алоқаманд ба фаъолияти андозсупорандагонро ба роҳ мемонанд;

✓ бақайдгирӣ ва аз қайд баровардани МНХ-ро ташкил менамоянд.

**Гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ** (тибқи шаҳодатнома)

✓ тибқи тартиби муқарраргардида қабули эъломияҳои андозро бо назардошти сарфаи вақт барои андозсупоранда ба роҳ мемонанд;

✓ саривақт ва бетаъхир маълумотҳоро оиди маблаҳои ҳисобшавандаи андоз ба барномаи компютерии СИА ворид менамоянд;

✓ тибқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатнигорӣ - нигоҳдории парвандаҳои андозсупорандагон ва нигоҳдории дигар ҳуҷҷатҳои алоқаманд ба фаъолияти андозсупорандагонро ба роҳ мемонанд;

✓ пешниҳоди саривақтии ҳисоботҳои давриро таъмин намояд.

**Гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунанда**

✓ тибқи тартиб ва шакли муқарраргардида дар мувофиқа бо раёсатҳои дахлдор фармоиши вобастакунӣ аз рӯи "Ҷойгиршавии андозсупорандагон (дислакатсия)" фаъолияти худро таъмин намоянд;

✓ дар минтақаи вобасташуда бо андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунанда корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, онҳоро бо воситаҳои гуногуни маълумотдиҳӣ (китобчаҳо, овезаҳо ва ғайраҳо) таъмин намоянд;

✓ дар мавриди зиёда аз ду моҳ тамдид накардани мӯҳлати патент андозсупорандаро расман огоҳ намоянд;

✓ дар мавриди ҷой доштани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз баҳри бартараф намудани онҳо чораҷӯӣ намоянд;

✓ дар сурати аз ҷониби андозсупорандагон мустақилона бартараф нагардидани қонунвайронкуниҳои андоз, барои гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ ба сардори нозироти андоз гузориш пешниҳод намоянд;

✓ барои сари вақт ба андозбандӣ ҷалб шудани соҳибкорони дар минтақаи вобасташуда фаъолияткунанда (тибқи патент) протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб диҳанд;
✓ саривақт ва бетаъхир маълумотҳоро оиди маблағҳои ҳисобшавандаи андоз ба барномаи компютерии СИА ворид намоянд;
✓ тибқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатнигорӣ - нигоҳдории парвандаҳои андозсупорандагон ва нигоҳдории дигар ҳуҷҷатҳои алоқаманд ба фаъолияти андозсупорандагонро ба роҳ монанд.

**2.Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон (Дастгоҳи марказӣ)**

Мақсади асосӣ - таъмини бақайдгирии андозсупорандагон, баҳисобгирии давлатии андозсупорандагон ва объектҳои андозбандӣ.

Назорати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” ва мавриди амал қарор додани моддаи 26 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Шӯъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ**

✓ Бақайдгирии давлатӣ, азнавбақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;
✓ Дар баҳисобгирӣ гузоштани филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, соҳибкорони инфиродӣ.

**Гурӯҳи таъмини нигоҳдории ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатӣ**

✓ Қабул ва таъмини нигоҳдории ҳуҷҷатҳои Феҳристи ягонаи давлатӣ, мутобиқ ба талаботҳои санадҳои меъёрӣ;
✓ Нигоҳдории ҳуҷҷатҳои шӯъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ.

**Шуъбаю бахшҳои бақайдгирӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳру ноҳияҳо**

✓ Додан ва бекор кардани рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) барои шахсони воқеӣ, бақайдгузории молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
✓ Додани (бекор кардани) рақами ягонаи мушаххас (РЯМ) ҳангоми бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, соҳибкорони инфиродӣ;
✓ Бақайдгирии давлатӣ, азнавбақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ ба сифати андозсупорандагон.

**3. Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо (Дастгоҳи марказӣ)**

Мақсади асосӣ - ташкили ҷамъоварӣ ва коркарди босамари иттилоот барои таъмини маълумот ҷиҳати корбарӣ дар фаъолияти мақомоти андоз, назорати дурустии баргардонидан ва ё ин, ки баҳисоб гирифтани маблағҳои барзиёд пардохташудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ташкили маҳзани маълумотҳо нисбати андозсупорандагони бе масъулият.

**Шӯъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо дар Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳри Душанбе, НАК, НАМ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ:**

- ✓ Такмили тартиби мубодилаи иттилооти электронӣ бо зерсохторҳои мақомоти ҳудудии андоз ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ;
- ✓ Таҳлили воридоти андозҳо дар асоси манбаи ташкилкардаи оморӣ тибқи пешниҳоди саривақтии маълумотҳо аз мақомоти ҳудудии андоз;
- ✓ Коркарди эломияҳо ва ҳисоботҳои андоз;
- ✓ Такмили дониши касбии мутахассисон оид ба омӯзиши барномаҳои электронӣ;
- ✓ ҳамоҳангсозии (танзими) корҳое, ки кормандони мақомоти минтақавӣ амалӣ менамоянд.

**Шуъбаҳои (бахшҳои) баҳисобгирии даромадҳо дар нозироти андоз:**

- ✓ Назорат ва ҳисоби воридоти андозҳоро ба роҳ мемонад;
- ✓ Тибқи тартиби муқарраргардида коркарди эъломияҳои андоз ва дигар шаклҳои ҳисоботи андозро ба роҳ мемонад;
- ✓ Оид ба ҳолати ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет бо андозсупорандагон санади муқоисавӣ тартиб медиҳанд;
- ✓ Тибқи тартиб ва шакли муқарраргардида ҳисоботҳои моҳона, семоҳа ва солонаро оид ба ҳисоби даромадҳо омода намуда, ба мақомоти болоии андоз пешниҳод менамояд;
- ✓ Ҳамкориро бо дигар шуъба ва бахшҳои нозирот ба роҳ мемонад.
- ✓ Оиди додани дастрасӣ ба барномаҳои системаи иттилоотии андоз;
- ✓ Ворид намудани тағйиротҳои лозима дар ҳисобварақаиҳои андозсупорандагон.

**4. Раёсати таъмини ҳуқуқӣ (Дастгоҳи марказӣ)**

Мақсади асосӣ - дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда гузаронидани экспертизаи (муоинаи) ҳуқуқӣ оид ба лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии таҳияшаванда.

Коркарди ҳуҷҷатҳо аз ҷиҳати баҳодиҳии меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳимояи манфиатҳои мақомоти андоз дар судҳо, назорат оиди рафти татбиқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чораҷӯи оид ба карзҳои баҳснок.

**Бахши таъмини ҳуқуқӣ дар Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳри Душанбе, НАК**

- ✓ Мусоидат намудан ба фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар ҳолати ба миён омадани баҳсҳои ҳуқуқӣ;
- ✓ Ташкили роҳбарии методӣ ба баҳсҳои ҳуқуқии зерсохторҳо;
- ✓ Ташкили манбаи маълумотҳои ҳуқуқӣ дар шакли қоғазӣ ва электронӣ;
- ✓ Коркарди ҳуҷҷатҳои методӣ ба мақомоти ҳудудии андоз барои омода намудани маводҳо ҷиҳати пешниҳод намудан ба судҳо;
- ✓ Ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии мақомоти андоз дар мақомоти ҳокимияти иҷроия, судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ташкилотҳо;

✓ Барои супоридан ба мақомоти судӣ, омода намудани аризаҳои даъвогӣ, шикоят аз болои қарорҳои судӣ, дархостҳо ва изҳори назарҳои мақомоти андози маҳалли фаъолият ва таъмини иҷроиши онҳо;
✓ Таъмини рӯёнидани маблағи қарзи андозҳои мавриди шикоят қарордошта бо тариқи судӣ;
✓ Дар мувофиқа бо Кумита дида баромадани масъалаи муфлис эълон намудани андозсупорандагони маҳалли фаъолияти худ;
✓ Дида баромадани муроҷиати шаҳрвандон дар доираи ваколати худ;
✓ Баррасӣ намудани шикоятҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;
✓ Дида баромадани ба талаботи қонунгузорӣ мутобиқат доштани лоиҳаи фармоишҳо, амрномаҳо, шартномаҳо (созишномаҳо), супоришҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои хусусияти ҳуқуқӣ доштаи мақомоти андози маҳали фаъолият;
✓ Дар маҳали фаъолият ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии соҳаи андоз ва тартиб додани протокол;
✓ Назорати рафти татбиқи дурусти муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти андози маҳали фаъолият;
✓ Саривақт ба Кумитаи андоз пешниҳод намудани ҳисобот дар самти ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии соҳаи андоз;
✓ Ба кормандони мақомоти андози маҳали фаъолияти худ додани машваратҳо оиди масъалаҳои татбиқи қонунгузории андоз дар самти фаъолият;
✓ Пешниҳод намудани таклифҳо асоснок бораи тағйир додан ва бекор кардани фармоишҳо, амрномаҳо ва санадҳои меъёрии амалкунанда, ки аз тарафи мақомоти андози маҳали фаъолият қабул шудаанд;
✓ Назорати фаъолияти мақомоти андози маҳали фаъолияти худ дар самти масъалаҳои ҳуқуқӣ.

**5. Раёсати ситонидани қарзи андозҳо (Дастгоҳи марказӣ)**

Мақсади асосӣ – ситонидани бақияи қарзи андозҳо, ташкили мониторинги қарорҳо оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, таъмини назорати мақомоти ҳудудии андоз дар ин самти фаъолият.

**Шӯъбаи (бахши) ситонидани қарзи андозҳо дар Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳри Душанбе, НАК**

✓ Оид ба ҷамъоварии қарзи андозҳо тибқи тартиби муқарраршуда чораҷӯӣ менамояд;
✓ Оид ба ситонидани қарзи андозҳо кори макомоти ҳудудии андозро ташкил менамояд;
✓ Мониторинг ва баҳодиҳии самаранокии кори нозироти андози минтақавиро дар қисмати ситонидани қарзи андозҳо дар асоси низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолият амалӣ менамояд.
✓ Бо тартиб, шакл ва муҳлати муқарраршуда ҳисоботи ҷамъбастии ҳармоҳа, семоҳа ва солонаро, ки ба тартиби иҷро ва натиҷаи татбиқи мақсадҳои ситонидани қарзи андозҳо тааллуқ доранд, омода менамояд.

✓ Маълумоти аз нозироти андоз ҷамъоваришударо, ки ба корҳои ситонидани қарзи андоз таъаллуқ доранд, таҳлил менамоянд;
✓ Ба мақомоти ҳудудӣ оид ба ситонидани қарзи андозҳо кӯмаки амалӣ мерасонад.
✓ Фаъолияти кормандони мақомоти минтақавиро ҳамоҳанг менамояд.

**Шуъбаи (бахши) ситонидани қарзи андозҳо дар нозиротҳои андоз**

✓ Иҷрои дуруст ва саривақтии тартиби огоҳонидани андозсупурандагоне, ки қарзҳои андоз доранд;
✓ Манъкунии амалиёти хароҷотӣ дар ҳисоби шахсӣ ва хазинаи андозсупоранда;
✓ Ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби шахсони сеюм (қарздорони андозсупорандагон);
✓ Ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби ҳабс ва фурӯши амволи андозсупорандае, ки қарзи андоз дорад.

**6. Раёсати ташкили андозбандӣ (Дастгоҳи марказӣ)**

Мақсади асосӣ - назорати иҷрои босамари вазифаҳои пешбинишуда дар мақомоти ҳудудии андоз, ташкили дурусти андозбандӣ дар мақомоти ҳудудии андоз, гузаронидани таҳлилҳо ва назорати истифодабарии самараноки имтиёзҳои андозӣ, назорати фаъолияти гуруҳҳои хизматрасонии ба соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда.

**Шӯъбаи ташкили андозбандӣ дар Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлдону Суғд, шаҳри Душанбе**

✓ ташкили механизми андозбандӣ ва мониторинги маъмурикунонии андозҳои вобаста ба самти фаъолияти гуруҳро ба роҳ монад;
вобаста ба самти фаъолият назорат ва ҳамоҳангсозии (танзими) фаъолияти нозиротҳои андози тобеъро ташкил намояд;
✓ Таҳлили асоснокии имтиёзҳои андозии истифодашаванда, баҳисобгирии маблағҳои имтиёзҳои андоз аз рӯи гурӯҳҳои андозсупорандагон, намудҳои андозҳо ва имтиёзҳо, инчунин шаҳру ноҳияҳо;
✓ Пешбурди рӯйхати андозсупорандагоне, ки имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузории андозро истифода мебаранд;
✓ Назорати тартиби патентии андозбандии соҳибкорони инфиродӣ;
✓ тибқи принсипи фунсионалӣ ҳисоботдиҳанда будан ба мақомоти болоӣ, пешниҳод намудани ҳисоботҳои даврӣ тибқи шакл ва тартиби муқарраршуда.

**Гурӯҳи ташкили андозҳои мустақим**

✓ ташкили механизми андозбандӣ ва назорати риояи қонунгузорӣ оид ба андозҳои мустақим;
✓ дуруст ва пурра бурдани баҳисобгирии андозсупорандагон ва объектҳои андозбандӣ, маблағҳои андозҳои ҳисобшуда, пардохтшуда ва бақияпулиҳо оид ба андозҳои мустақим;

✓ асоснок будан ва дуруст истифода шудани имтиёзҳои андозӣ, баҳисобгирии маблағҳои имтиёзҳои андозҳои мустақимро назорат намояд;
✓ фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳоро барои мақсадҳои андоз омӯхта, таҳлил намояд.

**Гурӯҳи ташкили андозҳои ғайримустақим**

✓ ташкили механизми андозбандӣ ва назорати риояи қонунгузории андозҳои ғайримустақим;
✓ таҳти назорат қарор доштани фаъолият оиди ба содиркунандагон баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда дар ҳолати истифодабарии меъёри сифрии ААИ, фаъолият оиди ба ҳисоб гирифтани маблағҳои аз андоз аз арзиши иловашудаи ҳисобшуда барзиёд супоридаи андозсупорандагон;
✓ назорати маблағҳои аз андозбандӣ озод ва андозбандишавандаи ААИ, гузаронидани таҳлилҳодар ин самт;
✓ таҳти назорат гирифтани андозсупорандагоне, ки ҳаҷми амалиётҳояшон аз ҳадди бақайдгирӣ барои мақсадҳои ААИ гузаштаанд. Пайваста омода намудани таҳлилҳо дар ин самт.
✓ назорати маблағҳои аз андозбандӣ озод ва андозбандишавандаи ААИ, гузаронидани таҳлилҳодар ин самт;
✓ нигоҳдорӣ, фурӯш ва назорати пурраи гардиши тамғаҳои аксизӣ;
✓ пурра таҳти назорат гирифтани истеҳсолкунандагони маҳсулоти зераксизӣ ва таҳлили санадҳои санҷишҳои гузаронидашуда дар корхонаҳои мазкур;
✓ назорати маҳсулоти зераксизии мусодирашуда, тибқи қонунҳои амаликунанда ба танзим даровардани фурӯш ва ҳисобу пардохти он.

**Гурӯҳи ташкили андозбандӣ аз рӯи низомҳои махсус ва амвол**

✓ ташкили механизми андозбандӣ ва назорати риояи қонунгузории андоз оид ба низомҳои махсуси андозбандӣ (андозсупорандагоне, ки тибқи низоми соддакардашуда андозбандӣ карда мешаванд, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, бизнеси бозӣ, соҳибкорони тибқи шаҳодатнома ва патент фаъолияткунанда), низомҳои имтиёзноки андозбандӣ ва андозҳо аз аҳолӣ;
✓ бо тартиби муқарраршуда дар якҷоягӣ бо **Шӯъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо ва дигар шӯъбаҳои дахлдор** таҳлилҳо ва пешгӯии даромадҳои ҷорӣ баҳисобгирии андозсупорандагон (соҳибкорони инфиродӣ ва аҳоли)-ро ташкил менамояд;
✓ ташкили мониторинги андозсупорандагон, тибқи низоми соддакардашудаи андозбандӣ ва низомҳои имтиёзноки андозбандӣ;
✓ ташкили механизми ҷамъоварӣ ва бурдани мониторинги андозҳо аз замин ва молу мулки аҳолӣ.

**Шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеии нозиротҳои андоз дар ноҳияҳо**

✓ ташкили механизми ҷамъоварӣ ва таъмини ҷамъоварии андозҳо аз объектҳои ғайриманқул, замин ва воситаҳои нақлиёт аз шахсони воқеӣ;
✓ баҳисобгирии объектҳои ғайриманқул, замин ва воситаҳои нақлиёт;

✓ ба андозбандӣ ҷалб намудани иҷораи молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ ва пешбурди мониторинги он.
✓ баҳисобгирӣ, бақайдгирӣ ва ба барномаи СИА "Баҳисобгирии шахсони воқеӣ" ворид намудани андозсупорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқулро ба роҳ монда таҳти назорати доимӣ қарор диҳанд;
✓ тибқи принсипи фунсионалӣ ҳисоботдиҳанда будан ба мақомоти болоӣ;
✓ воридоти маблағҳои андозро тибқи расидҳои бонкии намунаҳои нав, ки бо барномаи СИА алоқамандӣ дорад ба роҳ монанд.

**7.Раёсати аудити дохилӣ (бахшҳои он дар мақомоти ҳудудии андоз)**

Мақсади асосӣ - назорати иҷрои босамари вазифаҳои пешбинишуда дар мақомоти ҳудудии андоз ва назорати истифодабарии самараноки маблағҳои пулӣ ва маводҳои моддию техникии ба мақомоти ҳудудии андоз таъмингардида.

Назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва супоришҳои роҳбарияти Кумитаи андоз дар мақомоти ҳудудии андоз.

**Бахшҳои аудити дохилӣ дар Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе**

Назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва супоришҳои роҳбарияти Кумитаи андоз дар мақомоти ҳудудии андоз.

**8. Раёсати санҷиши андозҳо (Дастгоҳи марказӣ)**

Мақсади асосӣ - гузаронидани корҳои назоратӣ бо мақсади таъмини риояи талаботи қонунгузории андоз аз ҷониби андозсупорандагон, банақшагирии санчишҳои андоз дар асоси омилҳо ва критерияҳои хавфҳо, дар асоси амрнома ба роҳ мондани санҷишҳои амалиётӣ ва муоинаи хронометражӣ, анҷом додани назорати камералии парвандаҳо ва назорати фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт, назорати МНХ, таъмини пешниҳоди эъломияҳои андоз аз андозсупорандагоне, ки зиёда аз се моҳ эъломияҳои андозро пешниҳод наменамоянд ва ё аз пешниҳоди эломияҳо боз мондаанд, барои саривақт пешниҳод накардани эъломияҳои андоз ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб намудани андозсупорандагон, андешидани чораҳо ҷиҳати ошкор ва пешгирӣ намудани фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ.

**Шуъбаи санҷиши андозҳо дар Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ш.Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ:**

**Гурӯҳи санҷиши ҳуҷҷатии андозҳо**

✓ омода ва пешниҳод намудани ҳисоботҳои санҷишҳои ҳуҷҷатӣ, амалиётӣ, назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ ва назорати мошинаҳои назоратӣ-хазинавӣ ошкор намудани фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ ва таъмини пешниҳоди эъломияҳои андоз тибқи тартиб, намуд ва мӯҳлати муайяншуда;

✓ баррасии саривақтии мурочиатҳои (аризаҳои) андозсупорандагон оид ба қатъ намудани фаъолият;
✓ гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз (маҷмуӣ, мавзуӣ, мутақобила) ва дигар намудҳои санҷиш тибқи Нақшаи санҷишҳои андоз;
✓ саривақт таъмин намудани воридоти маблағҳои андоз, ки дар натиҷаи санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз илова ошкоршудаанд;
✓ тибқи тартиби муқарраргардида дар ҳолатҳои алоҳида бо иҷозати хатии Кумитаи андоз гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз;
✓ тибқи шакли муқарраргардида ва риояи талаботҳо тартиб додани санадҳои санҷиши ҳуҷчатии андоз;
✓ саривақт таъмин намудани воридоти маблағҳои андоз, ки дар натиҷаи санҷишҳои ҳуҷчатии андоз илова ошкоршудаанд;
✓ баланд бардоштани самара ва сифатнокии санҷишҳои андоз;
✓ тибқи принсипи фунсионалӣ ҳисоботдиҳанда будан ба мақомоти болоӣ, пешниҳод намудани ҳисоботҳои даврӣ тибқи шакл ва тартиби муқарраршуда.
✓ пешниҳод намудани таклифҳо барои ба нақшаи санҷишҳои андози нимсола ва солона дохил намудани рӯйхати андозсупорандагон;
✓ аз натиҷаи маводҳои санҷишҳои ҳуҷҷатӣ, амалиётӣ, назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ ва назорати МНХ қарор қабул намоянд;
✓ тибқи тартиби муқарраргардида дар ҳолатҳои зарурӣ оид ба боздоштан ва аз эътибор соқит кардани амрномаҳо чораҷӯи намоянд;
✓ маводҳои санҷишҳои ҳуҷҷатӣ, амалиётӣ, назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ ва назорати мошинаҳои назоратӣ-хазинавиро ба таври электронӣ ба «ҷузвдони санадҳо», ки базаи асосии маълумотҳо мебошад, ҷойгир намоянд;
✓ баланд бардоштани самара ва сифатнокии санҷишҳои андоз.
✓ тибқи принсипи фунсионалӣ ҳисоботдиҳанда будан ба мақомоти болоӣ, пешниҳод намудани ҳисоботҳои даврӣ тибқи шакл ва тартиби муқарраршуда.

**Гурӯҳи ташкили назорати камералӣ**

✓ тибқи тартиби муқарраргардида гузаронидани назорати камералии ҳисоботҳои андозсупорандагон;
✓ ташкили назорати фаъолияти нозиротҳои андози тобеъ дар мавриди гузаронидани назорати камералии ҳисоботҳои андозсупорандагон;
✓ тибқи шакли муқарраргардида тартиб додани маълумотнома аз натиҷаи назорати камералӣ ва ба роҳ мондани чораҷӯиҳои минбаъда дар ин самт;
✓ таъмини самаранокии назоратҳои камералӣ.

**Гурӯҳи муоинаи хронометражӣ ва мошинаи назоратӣ - хазинавӣ**

✓ ба роҳ мондани корҳои назоратӣ оиди татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар самти истифодабарии МНХ;
✓ дар асоси амрнома ба роҳ мондани санҷишҳои амалиётӣ ва муоинаи хронометражӣ;
✓ пешниҳод намудани ҳисоботҳои даври тибқи шакл ва тартиби муқарраршуда.

**Гурӯҳи пешгирии соҳибкории ғайриқонунӣ**

✓ назорат ва таъмини пешниҳоди эъломияҳое, ки дар мӯҳлати муқарраргардида пешниҳод нашудаанд ва ё аз аз пешниҳоди эъломияҳо бозмондаанд;
✓ муайян намудани ҳолатҳои фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунӣ;
✓ барои саривақт пешниҳод накардани эъломияҳои андоз ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб намудани андозсупорандагон;
✓ пешниҳод намудани ҳисоботҳои даври тибқи шакл ва тартиби муқарраршуда.

**9. Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус (Дастгоҳи марказӣ)**

Мақсади асосӣ -ба роҳ мондани сиёсати кадрии мақомот, ташкили озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ дар мақомот, ҷобаҷогузорӣ ва захираи кадрҳои болаёқат дар асоси талаботҳои тахассусӣ, ташкил намудани аттестатсияи кормандони мақомоти андоз тибқи талаботи низомномаи баргузории аттестатсия, гузаронидани санҷишҳои хизматӣ, таъмини низоми махфият ва мудофиаи шаҳрвандӣ.

**Бахши кадрҳо дар Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳо, ш.Душанбе**

✓ Омода намудани ҳуҷҷатҳои шахсии кормандон ва пешбурди делои шахсӣ;
✓ Таъмини назорати интизоми меҳнатии кормандон;
✓ Назорати риояи фармону дастурҳои мақомоти андоз оид ба рафтори корманд;
✓ Пешниҳод намудани маълумот оид ба бастҳои кори холӣ;
✓ Мусоидат намудан дар баланд бардоштани савия дониш ва сатҳи касбии кормандон;
✓ Ба роҳ мондани ҳуҷҷатгузории кадрӣ дар мақомоти ҳудудии андоз;
✓ Назорати риояи ва иҷрои Қоидаҳои рафтори кормандони мақомоти андоз.

**10. Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз (Дастгоҳи марказӣ)**

Такмили қонунгузории андоз, коркарди лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз, аз ҷумла:

✓ Коркарди маълумотҳо, таклифу эродҳо ва пешбинии масъалаҳои ба андозбандӣ алоқаманд
✓ Пешбинии стратегияи кӯтоҳмуддат ва рушди дурнамои соҳаи андоз

**11. Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ (Дастгоҳи марказӣ)**

Ташкили корҳои методӣ ҷиҳати андозбандии байналмилалӣ, иштирок дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба андозбандӣ алоқаманди байналмилалӣ ва мусоидат намудан дар ҳамкориҳои мақомотҳои андози кишварҳои хориҷӣ:

Аз ҷумла:

✓ омӯзиш ва баррасии низомнома ва шартномаҳои ҳамкории байналмилалӣ ва мақомоти андози минтақавӣ;
✓ пешниҳоди таҷрибаи пешқадами мақомоти андози кишварҳои хориҷӣ дар лоиҳаҳои таҳияшавандаи қонунгузории мақомоти андоз
✓ тарҷумаи маводҳои воридшуда аз кишварҳои хориҷӣ;
✓ муҳайё намудани тарҷумонҳо дар раванди музокирот байни мутахассисони мақомоти андоз ва шарикони хориҷӣ;
✓ ташкили курсҳои омӯзишӣ дар мақомоти андози кишварҳои хориҷӣ барои мутахассисони мақомоти андоз ҷиҳати аз худ намудани таҷрибаи пешқадами хизматрасонӣ ва андозбандӣ дар сатҳи байналмилалӣ;
✓ аз мақомоти ҳудудии андоз дастрас намудани маълумотҳои зарурӣ бо мақсади омода намудани ҷавобҳо ба дархостҳои воридгардида аз мақомоти андози давлатҳои хориҷа.

**12.Раёсати молиявию хоҷагидорӣ (Дастгоҳи марказӣ)**

Ташкили саривақтии таъминоти моддиву техникӣ дар фаъолияти мақомоти андоз, ҳисоб ва пардохти саривақтии музди меҳнати кормандон.

**Бахши молиявию хоҷагидорӣ дар Раёсатҳои андоз ва сармуҳосибони нозироти андоз**

✓ Пешниҳоди буҷаи сметаи даромаду хароҷот тибқи тартиби муқарраршуда;
✓ Ҳисоб ва пардохти музди меҳнат ба кормандон;
✓ Назорати истифодаи самараноки молу мулки вобастагардида ва тибқи тартиби муқарраршуда гузаронидани инвентаризатсияи онҳо;
✓ Ташкили хариди маводҳо тибқи тартиби муқарраргардида.

Сардорони раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва сардорони мақомоти ҳудудии андоз ӯҳдадор карда мешаванд, ки бо мактуби дастурии мазкур бо гузоштани имзо кормандони худро шинос намуда, мутобиқ ба он ва дастурамалҳои мансабӣ фаъолияти худро ба роҳ монанд.

**Раис** **Н.Давлатов**

*№1802/13.1-д аз 07.03.2013*

**Мақомоти ҳудудии андоз**

*"Доир ба андоз аз фоида"*

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастури зеринро ҷиҳати дуруст амалӣ намудани муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба андоз аз фоида дастур медиҳад, ки ҳангоми қабул намудани маълумотнома дар бораи пардохтҳои ҷории (пешпардохти) андоз ба нишондиҳандаҳои зерин диққати махсус дода шавад.

Ҳангоми қабули эъломия нишондиҳандаҳои қисми даромади умумӣ пурра таҳлил карда шуда, бонишондиҳандаҳои андози ҳадди ақал аз даромадҳо ва ҳамзамон бо нишондиҳандаҳои эъломияҳои пешниҳодшудаи андоз аз арзиши иловашуда (соли гузаштаи ҳисоботӣ) муқоиса карда шаванд. Дар сурати вуҷуд доштани фарқияти даромади умумӣ асосҳои он муайян карда шавад. Дар баробари ин, қисми активи тавозун пурра таҳлил карда шуда, ба нишондиҳандаҳои қисмҳои воситаҳои асосӣ, захираҳо, қарзҳои дебиторию кредиторӣ, воситаҳои пулӣ ва хусусан ба шаклҳои (формаи) 5 ва 6 он диққати махсус дода, дар қисми даромадҳое, ки аз андоз озоданд, дар сурати мавҷуд будани чунин маблағҳо, асоснокии онҳо ба таври ҳуҷҷатӣ муайян карда шавад.

Ба қисми тарҳҳои (хароҷотҳои) эъломияи андоз диққати махсусан муҳим дода шавад ва ҳар як банди онро пурра зери таҳлил қарор дода, муқаррароти боби 19 Кодекси андози қаблӣ боназардошти маҳдудиятҳо ва бо муқоисаи дигар нишондиҳандаҳо истифода бурда шавад. Масалан, маблағи умумии тарҳҳо, ки дар эъломия нишон дода шудааст, дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард (муомилоти андозбандишаванда) набояд зиёд бошад, зеро ки объекти андозбандии андоз аз истифодабарандагони роҳҳои

автомобилгард ҳаҷми пурраи тарҳҳоро (хароҷотҳоро) беназардошти маҳдудиятҳо дар бар мегирад.

Ҳангоми таҳлили тарҳҳои фоизҳо ва ҷаримаҳои пардохтшуда, қарзҳои беэътимод (шубҳанок), ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғурта, пардохтҳои эҳсонкорӣ, тарҳҳо нисбати андозҳо ва ҷаримаҳо маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи Кодекси андози қаблӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣдуруст ба инобат гирифта шаванд. Инчунин, ҳангоми мавҷуд будани тарҳҳои ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ ва дигар тарҳҳо аз рӯи воситаҳои асосии истеҳлокшаванда, хароҷоти таъмири воситаҳои асосии истеҳлокшаванда ва хароҷот барои активҳои ғайримоддӣ ба меъёрҳои муқаррар намудаи Кодекси андози қаблӣ диққат дода шуда, ҳамзамон бонишондиҳандаҳои тавозун муқоиса карда шаванд.

Тарҳҳо нисбати музди меҳнати ҳисобгардида дар алоҳидагӣ таҳлил карда шуда, бо нишондиҳандаҳои эъломияҳои андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ муқоиса карда шуда, махсусан дурустии маблағҳои ҳисобшудаи андози иҷтимоӣ муайян карда шавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, дар қисми ба инобат гирифтани зарарҳои аз дигар давраҳо гузаронидашуда диққат дода шавад ва он бонишондиҳандаҳои тавозун ва санадҳои санҷиши ҳуҷҷатии андоз муқоиса карда шуда, маҳдудиятҳои муқаррар намудаи моддаи 160 Кодекси андози қаблӣ дуруст татбиқ карда шавад.

Ҳангоми татбиқи меъёрҳои андоз, алалхусус ба ин қисм диққати махсусан муҳим дода, муқаррароти моддаҳои 144 ва 166 Кодекси андози қаблӣ боназардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 декабри соли 2010 №665 (моддаи 1, қ.6, б.2) ва мактуби тавзеҳотии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2010 №5278/2.1 (дар қисми хизматрасонии савдо) дуруст истифода бурда шавад (ба соҳаи савдо ва хизматрасониҳои молиявӣ (кредитии хурд) меъёри андоз дар ҳаҷми 25 фоиз татбиқ карда шавад).

Инчунин, ҳангоми ба инобат гирифтани тарҳҳо (хароҷотҳо) талаботҳои Низомномаи «Калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (кору хизматрасонӣ) дар корхонаву ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 1999 №210 тасдиқ карда шудааст, дуруст истифода бурда шавад.

Нисбати пардохтҳои ҷории (пешпардохти) андоз маълумотнома, ки шакли он бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 августи соли 2009 №3-12/513 ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 августи соли 2009 №10-Ф тасдиқ карда шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 2009 №546 ба қайд гирифта шудааст, талаб карда шуда, тартиби ҳисобу пардохти он назорат карда шавад.

Ҳамчунин, андоз аз фоидаи соли 2012 бо коэффитсиенти 1,1 зиёд карда шуда, аз 15 апрел оғоз намуда, ҳисобкунии пешпардохти соли ҷорӣ таъмин карда шавад.

Боназардошти гуфтаҳои боло, ба роҳбарони мақомоти ҳудудӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати сифатнок ва дуруст қабул намудани эъломияҳо диққати махсус дода, маблағҳои андозҳо сари вақт ва бо пуррагӣ ба буҷет ситонанд.

**Раис** **Н.Давлатов**

*№7244/5.1 аз 21.082013*

**Мақомоти ҳудудии андоз ва шӯъбаҳои (бахшҳои) бақайдгири давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ**

***«Оид ба тартиби баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан»***

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани мафҳуми филиалу намояндагиҳо, воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ ва тартиби баҳисобгирӣ (ба қайди андозӣ) гузоштани онҳо дар мақомоти андоз, чунин дастур медиҳад.

Бо назардошти қабул гардидани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013 №323 «Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупорандагон, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан», тасдиқ карда шуд, ки тартибинавибаҳисобгирии андозсупорандагонромуайян менамояд.Тибқи тартиби мазкур минбаъдбо рақами мушаххаси андозсупоранда таъмин намудани шахсони ҳуқуқӣ ва филиалу намояндагиҳо аз ҷониби Бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли қайди шахси ҳуқуқӣ амалӣ карда шуда, рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан барои ҳар як воҳиди алоҳидаи дигар аз ҷониби шуъбаҳои баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои мақомоти ҳудудии андози маҳалли қайди воҳиди **асосии шахси ҳуқуқӣ** ва (ё) соҳибкорӣ инфиродӣ барои тамоми воҳидҳои дар дигар манотиқ мавҷудбуда дода мешавад.

Бинобар ин, вобаста ба ҷорӣ гардидани тартиби нави дар мақомоти андоз ба ҳисоб (ба қайди андозӣ) гузоштани воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ, объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд,дар робита ба талаботи моддаҳои 25 ва 26 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тавзеҳоти мазкурро ба диққати Шумо мерасонем:

1. Доир ба намояндагӣ ва филиалҳои шахсони ҳуқуқӣ:
Тибқи муқаррароти моддаи 56 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ метавонад бо мақсади манфиат ва ҳифзи шахси ҳуқуқӣ берун аз маҳали ҷойгиршавии худ намояндагӣ ва ё филиал таъсис диҳад ва онҳо аз номи он аҳдҳо ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом диҳанд.
а) Намояндагӣ воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз ва намояндагӣ менамояд, аз номи он аҳдҳо ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад.

Яъне, намояндагӣ дорои ваколатҳои маҳдуди фаъолият буда, танҳо барои анҷом додани амалҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ, ҳифзӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои шахси хуқуқӣ берун аз маҳалли ҷойгиршавии асосии он таъсис дода мешаванд.

б) Филиал воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, берун аз маҳалли ҷойгиршавии он ташкил карда мешавад ва вазифаҳои шахси ҳуқуқиро дар ҳаҷми пурра ва ё қисман, инчунин вазифаҳои намояндагиро иҷро менамояд.

Тибқи талаботи қисми 3 моддаи 56 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагию филиалҳо шахси ҳуқуқӣ намебошанд. Онҳо аз ҷониби шахси ҳуқуқии онҳоро таъсиснамуда бо амвол таъмин гардида, дар асоси Низомномаи тасдиқнамудаи он амал мекунанд.

Аз рӯи шакли ташкилию хуқуқӣ вазъи (статуси) филиал нисбат ба намояндагӣ баланд буда, он метавонад қисми аз вазифаҳои шахси ҳуқуқиро анҷом диҳад. Яъне филиалҳо ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти тиҷоратӣ ва анҷом додани фаъолияти иқтисодии беруниро доро мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки намояндагӣ ва филиалҳои шахси ҳуқуқӣ тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ барои кушодани суратҳисобҳои ҷорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ва анҷом додани амалиётҳои хазинавӣ тавассути ин суратҳисобҳо ҳуқуқӣ комил доранд.

Мутобиқи талаботи моддаҳои 8 ва 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" маълумот дар бораи филиал ва намояндагиҳои шахси ҳуқуқӣ бояд дар Феҳристи ягонаи давлатӣ дохил карда шавад. Аз ин лиҳоз, анҷом додани фаъолияти филиалу намояндагиҳои шахси ҳуқуқӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ танҳо пас аз ворид намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ва мавҷуд будани номгӯи он дар Иқтибоси шахси ҳуқуқӣ иҷозат дода мешавад.

Бо назардошти ин,маълумотҳо оид ба филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқӣба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид карда шуда баонҳо рақами мушаххаси андозсупоранда дода мешавад.

**2. Доир ба объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбандӣ алокаманди андозсупорандагон:**

Кодекси андози қаблӣ ҳангоми мавҷуд будани объектҳои андозбандӣ додани рақами мушаххаси андозсупорандаро пешбинӣ менамуд, ки ҳолатҳои ба як андозсупоранда додани ду рақами мушаххасро ба вуҷуд меовард. Инчунин, тартиби баҳисобгирии андозсупорандагон ҳангоми мавҷуд будани объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбанди алоқамандро мушкил менамуд.

Тибқи муқаррароти банди 35 моддаи 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон **воҳиди алоҳидаи шахсиҳуқуқӣ** новобаста ба дарҷ намудани он дар ҳуҷҷатҳои таъсисдиҳӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои шахси ҳуқуқӣ, ки дар маҷмӯъ ба шартҳои зерин ҷавобгӯ мебошад, ба ҳисоб меравад:

- фаъолияти соҳибкорӣ ё ғайрисоҳибкориро амалӣ менамояд;
- дорои ҷудоияти минтақавӣ ва молумулкӣ аз шахси ҳуқуқӣ мебошад;

- дорои ҷойҳои кории ба мухлати зиёда аз як моҳи тақвимӣ ташкилшуда ва ҳайати кормандоне мебошад, ки ба ташкилот ё ҳамин воҳид бо муносибатҳои бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимшаванда алоқаманданд Мувофиқи талаботи Кодекси андоз дар таҳрири нав дар ҳолати мавҷуд будани объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд андозсупорандагон, дар маҳалли ҷойгиршавии онҳо мувофиқи тартиби пешбининамудаи Кодекси андоз рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан муқаррар карда мешавад. Тартиби мазкур имконият медиҳад, ки тамоми объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбанди алокаманди андозсупорандагон (шахсони хуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) дар маҳалӣ ҷойгиршавӣ ва ё бақайдгирии давлатӣ ба ҳисоб (ба қайд) гузошта мешаванд.

Масалан: ҶДММ “А” бо фаъолияти рекламавӣ машғул буда, дар як қатор шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ танҳо дорои лавҳаҳои (тахтаҳои) рекламавӣ мебошад, ки дар асоси талаботи пешбининамудаи қонунгузорӣҳамчун супорандаи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин сурат барои мақсадҳои назорат ва иҷрои ӯҳдадориҳои андоз ба ҶДММ “А” дар маҳалли ҷойгиршавии объекти андозбандӣ (лавҳаи рекламавӣ) рамзи сабабҳои ба ҳисобгирӣ дода мешавад.

Дар сурати агар шахси воқеӣ берун аз маҳалли истиқомати доимӣ дорои объекти андозбандӣ бошад (бӯстонсарой, манзили истиқоматӣ (ҳавлӣ), воситаи нақлиёт ва мисоли онҳо) он низ тавассути рамзҳои сабабҳои баҳисобгирӣ дар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии (бақайдгирии) он баҳисоб гузошта (ба истиснои филиалу намояндагӣ).

Тибқи талаботи сархати якуми моддаи 56 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон суратҳисобҳои бонкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (ба истиснои суратҳисобҳои пасандозии шахсони воқеӣ) танҳо бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби мақомоти андоз додани рақами мушаххаси андозсупорандаро тасдиқ менамояд, кушода мешавад. Бо назардошти ин, мутобиқи талаботи моддаи 25 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини назорати андоз ҳамаи андозсупорандагон бояд дар мақомоти андоз ба баҳисобгирӣ (ба қайди андозӣ) гузошта шаванд. Баҳисобгирӣ дар мақомоти андоз бо тартиби зерин амалӣ карда мешавад;

-дар маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ;

-дар маҳалли ҷойгиршавии воҳидҳои алоҳидаи он;

-дар маҳалли ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқул ва воситаи нақлиёти ба ӯ тааллуқдошта, ки бояд андозбандӣ шавад.

Тибқи муқаррароти қисми 4 моддаи 26 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти дахлдори андоз ба шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда медиҳад. Дар ҳолати мавҷуд будани воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ (ба истиснои филиал ва намояндагӣ), дигар объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд мувофиқи тартиб ва шакли тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба шахсони зикргардида, инчунин рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб

гузоштан муқаррар карда мешавад. Ин гуна рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан, инчунин ба муассисаи доимии ғайрирезиденте, ки фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе филиал (намояндагӣ) ё агентҳои ваколатдорнамудаи худ анҷом медиҳад, муқаррар карда мешавад.

Бо назардошти қабул гардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан» баҳисобгирии бақайдгирии андозсупорандагон (додани рақамҳои мушаххаси андозсупоранда ва муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои баҳисоб гузоштан) минбаъд аз ҷониби Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамзамон хотиррасон менамоем,ки рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан барои ҳар як воҳиди алоҳида аз ҷониби Бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли қайди воҳиди асосии шахси ҳуқуқӣдода мешавад.

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати муайян намудани шумораи умумии воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ (филиал(намояндагӣ ё дигар воҳиди алоҳида) мақомоти ҳудудии андоз дар якҷоягӣ бо Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вазифадор карда мешаванд, ки то санаи 15 августи соли 2013 руйхати филиалу намояндагиҳо ва воҳидҳои алоҳидаи дар қайди мақомоти ҳудуди андоз бударо бо нишон додани объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд аз ҷумла, масоҳати замин, масоҳати молу мулк, шумораи воситаи нақлиёт аз руи тамға ва дигар объектҳоро ба Кумитаи андоз пешниҳод намояндба имзо расидани .

**Раис** **Н.Давлатов**

*№ 6016/15.1 аз 17.11.2011*

**Мақомоти ҳудудии андоз**
**Шӯъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар маҳалҳо**

***«Оид ба тартиби қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ»***

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки дар баъзе мавридҳо аз тарафи нозиротҳои андоз ҳангоми барҳам додани фаъолияти шахси ҳуқуқӣ ба талаботҳои қисми 2-и моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва моддаи 64 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамият дода намешавад.

Мутобиқи меъёрҳои мазкур, муассисон ва мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ ё суд, ки қарор дар бораи барҳам додани шахси ҳуқуқиро қабул намуд, ӯҳдадоранд, ки дар муддати се рӯзи корӣ аз рӯзи қабул гардидани қарор, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатиро огоҳ намоянд. Яъне, мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ ӯҳдадор аст барои ворид намудани маълумотҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ оиди дар марҳилаи барҳамдиҳи қарор дошатни шахси ҳуқуқӣ Огоҳнома (ариза)-и шакли 07-ро ба бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод намояд.

Дар навбати худ бахшҳои бақайдгирии давлатӣ ӯхдадоранд, ки маълумот оиди дар марҳилаи барҳамдиҳӣ қарор дошатни шахси хуқуқиро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намуда, ба аризадиҳанда дар ин бора Забонхат диҳанд.

Баъдан, мутобиқи талаботи моддаҳои 63 ва 64 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисони шахси ҳуқуқӣ ё мақомоти дахлдори қарор қабулкарда комиссияи барҳамдиҳиро таъин намуда, тартиб ва мӯҳлати марҳилаи барҳамдиҳиро муқаррар менамояд. Марҳилаи барҳамдиҳӣ набояд аз ду моҳ пас аз нашри эълон дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ камтар бошад.

Ҷамъоварии ҳамаи ҳуҷҷатхои пешбининамудаи қонунгузорӣ барои барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ ва санҷиши хотимавии андоз дар муддати марҳилаи барҳамдиҳи гузаронида мешавад.

Инчунин, дар натиҷаи санҷиши хотимавии андоз ӯҳдадориҳои андози шахси ҳуқуқӣ иҷро шуда бошад, ба шахси ҳуқуқӣ маълумотнома оиди надоштани қарзи андоз дода мешавад ва мақоми ваколатдори шахси ҳуқуқӣ бо аризаи шакли 08 дар бораи бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ ба бахши бақайдгирии давлатӣ муроҷиат менамояд, ки барҳамдиҳии он бо гирифтани иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар баъзе мавридҳо чамъ намудани ҳуҷҷатҳо ва гузаронидани санҷиши хотимавии андоз бе оғози марҳилаи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад, ки ин боиси риоя нагардидани

талаботи  Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» мебошад.

Бинобар ин, ба Нозиротҳои андоз супориш дода мешавад, ки ҳангоми муроҷиати муассисон роҳбарони мақоми иҷроияи шахсони ҳуқуқӣ оид ба гузаронидани санҷиши хотимавии андоз, чунин шахсони хуқуқиро барои дар марҳилаи барҳамдиҳӣ гузоштани онҳо ба бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ равон карда, танҳо баъд аз пешниҳод намудани Забонхати бахши бақайдгирии давлатӣ оиди дар марҳилаи барҳамдиҳи қарор доштани шахси ҳуқуқӣ санҷиши хотимавӣ гузаронанд.

**Раис** **Н. Давлатов**

*№4683/3.2 аз 07.08.2012*

**Мақомоти ҳудудии андоз**

**«Оид ба тартиб додани санади муқоисавӣ»**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи талаботи Дастурамали «Тартиби дар Нозироти андоз бурдани баҳисобгирии фаврии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», ки бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 12.12.2012 №5-Ф тасдиқ карда шудааст бо мақсади дуруст баҳисоб гирифтани маблағи андозҳои ҳисобшуда, пардохтшуда ва таҳияи дурусти ҳисоботҳо инчунин дарҷ намудани маълумотҳои дақиқ дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон, байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон дар рузи муайян бояд санади муқоисавӣ тартиб дода шавад.

Бо назардошти ин, санади муқоисавӣ бояд на кам аз як маротиба дар ҳар семоҳа тартиб дода шавад.

*Мисол: Агар санади муқоисави баҳолати 1июл тартиб дода шуда бошад пас 1 октябр ҳатман бояд санади муқоисавии нав тартиб дода шавад.*

Санади муқоисавӣ дар ду нусха тартиб дода шуда бо муҳру имзои роҳбари мақомоти андоз, сардори шуъбаи баҳисобгирӣ ва нозири муттасадӣ инчунин бо муҳру имзои роҳбар ва сармуҳосиби андозсупоранда тасдиқ карда мешавад.

Ҳамзамон, ба дуруст ва пурра дохил намудани маблағҳои ҳисобшуда ба ҳисобварақаҳои андозсупоранда диққати ҷиддӣ дода, дурустии маблағи андозҳои пардохтшударо бошад дар асоси иқтибосҳои бонкӣ, ки аз Раёсатҳои молияи шаҳру ноҳияҳо дастрас карда мешавад муайян намуда, санади муқоисавӣ тартиб дода мешавад.

Ба ғайр аз он Шуморо зарур аст, ки ҳангоми тартиб додани санади муқоисавӣ маълумотҳои дар санад дарҷшударо бо маълумотҳои дар ҳисоби 68 «ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет», ки дар тавозуни андозсупоранда қайд шудааст муқоиса намоед.

Нусхаҳои санади муқоисавӣ, ки дар мақомоти андоз нигоҳ дошта мешавад бояд дар шакли китоб саҳифабанди, ресмонбанди ва бо муҳру имзои роҳбари мақомоти андоз тасдиқ карда шуда дар Шуъбаи баҳисобгирӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Дар ҳар як китоб оиди санадҳои муқоисавии тартиб дода шуда, феҳристи корхонаҳое, ки бо онҳо санади муқоисавӣ тартиб шудааст бояд замима карда шавад.

Инчунин, Шуморо зарур аст, ки ҳангоми дар ҳисобварақаи андозсупоранда мавҷуд будани маблағи изофапулӣ аз корхона асоснокии онро талаб намуда ба санади муқоисавӣ ҳамроҳ намоед.

Ҳамзамон, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор мебошанд, ки ҳар семоҳа оид ба шумораи санадҳои муқоисавии тартиб додашуда ба Кумитаи андоз маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

Аз ин лиҳоз, Шуморо вазифадор менамоем, ки тибқи тартиби муқаррааргардида иҷроиши мактуби мазкурро таъмин намоед.

**Раис Н. Давлатов**

# РАИСИ
# КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

06.05.2013 №162 ш.Душанбе

**«Дар бораи ташкили Маҳзани маълумотҳо оид ба бозорҳо ва марказҳои калони тиҷоратӣ»**

Мутобиқ ба талаботи моддаи 89 Кодекси андози ҶумҳурииТоҷикистон, бомақсадитаъмини назорати риояи қонунгузории андоз дар бозорҳо ва марказҳои калони тиҷоратӣ, барои ташкили Маҳзани маълумотҳо оид ба шумораи бозорҳо, марказҳои калони тиҷоратӣ, шумораи нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, шумораи соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва кормандони кирояи дар онҳо фаъолияткунанда, дар соли 2010 – 2013 ва солҳои минбаъда,**фармоиш медиҳам:**

1. Намунаи ташкили Маҳзани маълумотҳооид ба бозорҳо ва марказҳои калони тиҷоратӣ дар мақомоти андоз тибқи Замимаи №1 ба Фармоиши мазкур тасдиқ карда шавад.
2. Дар давраи аввал Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, сардорони Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ш.Душанбе, НАК, НАМ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои ташкил намудани Маҳзани маълумотҳо оид ба бозорҳо ва марказҳои калони тиҷоратӣ Гуруҳҳои корӣ ташкил намоянд;
3. Давраи барӯйхатгирии нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ дар бозорҳо ва марказҳои калони тиҷоратӣ тибқи Замимаи №2 ба Фармоиши мазкур тасдиқ карда шавад.
4. Гуруҳи корӣ вазифадоранд:

- дар ҳамкорӣ бо маъмурияти бозорҳо ва марказҳои калони тиҷоратӣбо андозсупорандагонкорҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба зарурият ва моҳияти барӯйхатгирӣ гузаронанд;
- соҳибкоронеро, ки бе қайди мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд ва ё фаъолияташон ба талаботи қонунгузории андоз мутобиқат наменамояд расман огоҳинида, барои дар давоми барӯйхатгирӣ таъмин намудани бақайдгирии давлатии онҳо пурра чораҷӯӣ намоянд;
- барӯйхатгирии нуқтаҳои савдо ва хизматрасониро тибқи Замимаи №3 ба Фармоиши мазкур гузаронида, маълумотҳоро ба Маҳзан ҷойгир намоянд.

5. Дар бозорҳо ва марказҳои калони тиҷоратӣ, ки санҷишҳои нақшавии андоз ва ё ғайринақшавӣ аз тарафи Кумитаи андоз ва раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ш.Душанбе, НАК, НАМ гузаронида мешавад, ҳатмӣ масъалаи дуруст бақайдгирӣ (ба рӯйхатгирӣ) ва асоснокии Махзани маълумотҳои ташкилшуда то давраи санҷиш ва пурра намудани он дида баромада шавад.

6. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон:

- дар якҷоягӣ бо Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз", Шӯъбаи технологияи иттиллотӣ то 20.06.2013 барномаи компютерии Махзани маълумотҳо оид ба бозорҳо ва марказҳои калони тиҷоратиротаҳия намуда барои амалӣ намудани он чораҷӯи намояд;
- дар якҷоягӣ бо Раёсати ташкили андозбандӣ, Раёсати санҷиши андозҳо барои пешбурди Махзани маълумоти бозорҳо ва марказҳои калони тиҷоратӣ корманди масъули худро тибқи тартиби муқарраршуда вобаста намоянд.

7. Муқаррар карда шавад, ки барои назорати ташкили пешбурди Махзани маълумотҳо, асоснокии маълумотҳо сардорони шӯъбаҳо, сардорони бахшҳо ва гурӯҳҳои хизматрасонии раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ш.Душанбе, НАК, НАМ, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷавобгар мебошанд ва оид ба тағйирёбии шумораи соҳибкорон, нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ ҳар моҳ тариқи барнома чораҷӯӣ намоянд ва то санаи15 - уми моҳи минбаъда тариқи электронӣ ба Кумитаи андоз маълумот пешниҳод намоянд.

8. Назорати рафти иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини Раиси Кумитаи андоз П.Юсупов, Раёсати хизматрасони ба андозсупорандагон ва сардорони Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ш.Душанбе, НАК, НАМ ва сардорони нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вогузор карда шавад.

**Раис Н. Давлатов**

*Эзоҳ: Шакли электронии замимаҳо дар сомона ҷойгир карда шудааст.*

# РАИСИ
# КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз 19.09.2013 №328 ш.Душанбе

**«Дар бораи ташкили Махзани маълумотҳо оид ба нуқтаҳои фуруши сузишворӣ»**

Мутобиқ ба талаботи моддаи 89 Кодекси андози ҶумҳурииТоҷикистон, бомақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои саркаши аз пардохти андозҳо ва таъмини назорати риояи қонунгузории андоз дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорие, ки ба хариду фуруши маводҳои сузишворӣ машғул мебошанд ва ташкили Махзани маълумотҳо оид ба нуқтаҳои фуруши сузишворӣ, соҳибкорони дар онҳо фаъолияткунанда, шумораи кормандони кироя онҳо, дар соли 2013 ва солҳои минбаъда, **фармоиш медиҳам:**

1 Намунаи ташкили Махзани маълумотҳооид ба субъектҳои соҳибкорие, ки ба хариду фуруши маводҳои сузишворӣ машғул мебошанд дар мақомоти андоз, тибқи Замимаҳои №№ 1 ва 2 ба Фармоиши мазкур тасдиқ карда шавад.

2 Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ш.Душанбе, Нозироти андозсупорандагони калон, Нозироти андозсупорандагони миёна ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз рӯи маълумотҳои дар ихтиёрашон буда, Махзани маълумотҳо оид ба нуқтаҳои фуруши сузишвориро то санаи 10.10.2013 тибқи шакли муқарраргардида ташкил намуда, нусхаи онро (дар шакли коғаз ва электронӣ) ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.Барои пешбурди Маҳзан тибқи фармонҳои дахлдор кормандони шӯъбаҳои (бахшҳои) хизматрасониро вобаста намуда, нусхаи фармонро ба Кумитаи андоз дастрас намоянд.

3 Муқаррар карда шавад, ки барои назорати ташкили пешбурди Махзани маълумотҳо, асоснокии маълумотҳо сардорони шӯъбаҳо, сардорони бахшҳо ва гуруҳҳои хизматрасонии раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ш.Душанбе, Нозироти андозсупорандагони калон, Нозироти андозсупорандагони миёна,нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷавобгар мебошанд.

4.Шӯъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар мақомоти ҳудудии андоз:

- қабули эъломияҳои андози андозсупорандагоне, ки ба воридот ва таҳвили молҳои сузишворӣ машғул мебошанд, бо гузоштани дастхати сардори нозирот аз ҷониби сардори шуъбаҳои (бахшҳои) хизматрасонӣ ба андозсупорандагон вогузор карда шавад;
- ҳангоми қабули эъломияҳои андоз талаботи моддаи 24 Кодекси андозро ба инобат гирифта, мутобикатии нархҳои дар ҳисоботҳои (эъломияҳо)

андоз истифоданамудаи андозсупорандаро ба нархҳои бозории молҳо, дар сурати ҷой доштани фарқият тибқи талаботҳои моддаҳои 37 (назорати камералӣ) Кодекси андоз чораҷӯи намоянд;

- ҳангоми қабули эъломияҳои андоз мутобиқатии маълумотҳои дар эъломияҳои андоз дарҷшударо ба натиҷаи муоинаи хронометражии гузаронида шуда, муқоиса намоянд;

- бе пешниҳоди шаклҳои муқарраргардида (Шакли №03.01. (02) 05 (маълумот оид ба воридоти молҳо) Шакли №03.01.(02.)06 (феҳристи фуруши молҳо), №03.01.(02.)07 (феҳристи хариди молҳо)) эъломияҳои ААИ андозсупорандагонро қабул нанамоянд;

- пас аз қабули эъломияҳои андоз дар паси эъломияи андоз чунин қайд намояд: *“Назорати мутобиқатии маълумотҳои эъломияҳо гузарондида шуд (Имзо, сана)”.*

- маълумотҳоро аз мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз нуқтаҳои фуруши яклухти маводҳои сузишворӣ, ки барои муаяйн намудани дурустии иҷрои уҳдадориҳои андозии андозсупоранда зарур мебошанд ҳар семоҳа дастрас намоянд;

- талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои татбиқи чораҳои мубориза зидди саркашӣ аз андозсупорӣ ва усулҳои алтернативии андозбандӣ" аз 02.07.2009, №390 амалан истифода намоянд.

5. Пешбурди Махзани маълумотҳо оид ба субъектҳои соҳибкорие, ки ба хариду фуруши маводҳои сузишворӣ машғул мебошанд, дар Кумитаи андоз ба зиммаи Раёсати санҷиши андозҳо гузошта шавад.

6. Раёсати санҷиши андозҳо, Нозироти андозсупорандагони калон, Нозироти андозсупорандагони миёна ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар рафти санҷишҳои нақшавӣ ва (ё) ғайринақшавии андоз дурустии маълумотҳои нисбати чунин субъектҳои зери санҷиш қарор додашударо дар Махзан, барои давраи зери санҷиш қарор дошта алоҳида мавриди санҷиш қарор дода, маълумоти иловагӣ барои ташкили дурусти маҳзан пешниҳод намоянд.

7. Раёсати санҷиши андозҳо ва Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар якҷоягӣ бо Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, КВД “Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз”, Шӯъбаи технологияи иттиллотӣ то 10.10.2013 барномаи компютерии Махзани маълумотҳо оид ба нуқтаҳои фуруши сузишвориро таҳия намуда, барои амалӣ намудани он чораҷӯи намояд.

8. Шӯъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро барои маълумот ба раёсатҳои дахлдори Кумита, мақомоти ҳудудии андоз ирсол намояд.

9. Назорати рафти иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини якуми Раиси Кумитаи андоз А.Солиев сардорони Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ш.Душанбе, НАК, НАМ ва сардорони нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вогузор карда шавад.

**Раис Н. Давлатов**

*Эзоҳ: Шакли электронии замимаҳо дар сомона ҷойгир карда шудааст.*

№4282/7.1 аз 23.05.2013

**Ассотсиатсияи таҳвилкунандагони маҳсулоти тиббӣ ва фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 4 «Б»**

**Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМБК, ш. Душанбе, НАК ва НАМ**

**«Оид ба иҷрои молу мулк»**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости Шуморо мавриди баррасӣ қарор дода, чунин иттилло медиҳад.

Мутобиқи банди 35) модда 17 Кодекси андоз маҳалли фаъолияте, ки дорои ҷудоияти минтақавӣ ва (ё) молумулкӣ аз шахси ҳуқуқӣ буда, ба мӯҳлати зиёда аз як моҳи тақвимӣ ташкил карда мешавад, воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ (филиал, намояндагӣ ё дигар), ба ҳисоб меравад.

Филиал - мутобиқ ба талаботи қисми 2 моддаи 56 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, тамом ва ё як қисми вазифаҳои шахси ҳуқуқиро анҷом медиҳад. Яъне, агар шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул бошад филиал ҳам метавонад ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад.

Намояндагӣ – мутобиқ ба талаботи қисми 1 моддаи 56 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз ва намояндагӣ менамояд, аз номи он аҳдҳо ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад ва ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро надорад.

Мутобиқи талаботи қисмҳои 4 ва 11 моддаи 25 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 6 моддаи 45 Кодекси андози то 01.01.2013 амалкунанда) андозсупорандагоне, ки дар соҳибмулкии худ молу мулки ғайриманқул ва воситаҳои нақлиёт доранд, ӯҳдадоранд, ки дар давоми 10 - рӯзи пас аз ба миён омадани ҳуқуқи молу мулкӣ, ба нозироти андози маҳалли ҷойгиршавии молу мулк бо аризаи муроҷиат намоянд ва маълумоти дахлдорро ба Феҳристи ягонаи давлатии андозсупорандагон ворид намоянд.

Тибқи маҳзани маълумотҳои Кумитаи андоз соҳибмулконе, ки молу мулки ғайриманқули худро ба иҷора додаанд, аз ҷумла ба ҷамъиятҳои Ассотсиатсияи таҳвилкунандагони маҳсулоти тиббӣ ва фармасевтӣ барои ташкил намудани нуқтаҳои доруфурӯшиӣ, талаботи моддаи 25 Кодекси андозро риоя накарда, ба Феҳристи ягонаи давлатии андозсупорандагон маълумот оиди соҳибият ба молу мулкро ворид накардаанд ва худро ҳамчун анадозсупоранда дар қайди мақомоти андози дахлдор нагузоштаанд.

Дар чунин ҳолатҳо бо назардошти он, ки системаҳои иттиллооти мақомоти андоз бо ҳам алоқаманд аст, то ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, мутобиқ ба талаботи қонунгузории андоз барномаи «Равзанаи ягона» имконияти қабул ва коркарди маълумотҳоро надорад.

Ҳамзамон, ба маълумотатон мерасонем, ки тибқи талаботи қисми 2 моддаи 627 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳои иҷораи бино ё иншооте, ки барои муҳлати на камтар аз як сол баста шудаанд, бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд ва **аз лаҳзаи бақайдгирӣ чунин шартномаҳо басташуда** дониста мешаванд, ки талаботи мазкур дар аксар ҳолатҳо аз ҷониби иҷорадеҳон ва иҷорагирон риоя нагардидааст.

Илова бар ин, дар тамоми шартномаҳои иҷоравии баимзорасонидашуда, талаботи моддаҳои 7 ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 04.11.1995, №126 ва тағйиру иловаҳо ба он аз 09.12.2004, №65 ба инобат гирифта нашудааст.

Чунончӣ, талаботи моддаи 7 дар шартномаи иҷора арзиши молу мулки ба иҷора гирифташуда бо назардошти баҳои амвол дар лаҳзаи ба иҷора супоридани вай бо арзиши боқимонда, барқароршуда ё бозори муайян карда мешавад. Моддаи 8 ҳамин Қонун муқаррар кардааст, ки иҷорапулӣ аз ҳиссаҷудокунии амортизатсионии арзиши молу мулки ба иҷора гирифташуда ташкил меёбад. Андозаи ҳиссаҷудокунии амартизатсионӣ, ки ба иҷорапулӣ дохил мешавад, таъмири молу мулки иҷоравӣ ва маблағи **иҷора (қисми фоида)** дар шартномаи иҷора набояд камтар аз фоизи бонкӣ муайян карда шавад.

Маблағи иҷораи дар шартномаҳои иҷораи молу мулк муайяншуда, ҳатто хароҷоти пардохти андозҳои алоқаманд ба молу мулки ғайриманқулро рӯйпӯш карда наметавонад ва хавфи аз андозбандӣ дар канор мондани дигар манбаҳои андозбандӣ мегардад.

Бинобар сабаби аз ҷониби иҷорадиҳандагон ва иҷорагирандагон риоя нагардидани талаботи қисмҳои 4 ва 11 моддаи 25 Кодекси андоз, қисми 2 моддаи 627 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 7 ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Кумитаи андоз то ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, имконияти қонеъ намудани муроҷиати Шуморо надорад.

**Раис** **Н.Давлатов**